# *Тафсири Инҷили Юҳанно*

## Истифодаи ин Раҳнамои Омӯзиш

**Омӯзиши фасл паи фасли Инҷили Юҳанно сарчашмаест барои омӯзгорони Библия. Ин китоби асосӣ барои омӯзиш нест. Он фақат кӯмакест барои беҳтар аз худ кардани Инҷили Юҳанно. Инҷили Юҳанно худаш китоби асосиест барои омӯзиш.**

Баъзе фаслҳои ин китоб тафсири оят паи ояти Библия нестанд. Дар ин фаслҳо оятҳои муҳимтарине, ки мавриди кор қарор хоҳанд гирифт, нишон дода шудаанд. Ҳар як фасл бо нақшаи аз Библия гирифташудаи ҳамин фасл сар мешавад. Нақша на ҳама вақт мувофиқи рафти фасл меояд.

Ин китобро метавон ба тариқи зайл истифода бурд:

1. Ҳамчун сарчашма: Таълим ё тарқиби фасл паи фасли Инҷили Юҳанно.

2. Омӯзиши гурӯҳии Библия: дар рафти ҳафта ё субҳи рӯзи якшанбе пеш аз ибодат ба нақша гирифта мешавад.

Тавсияҳо барои омӯзиши бомуваффақият:

1. Хуб мешуд, агар ҳар оила соҳиби роҳнамои омӯзиш бошад. Ҳар аъзои

синф бояд китоби Библия ё Инҷили Юҳанноро дошта бошад.

2. Роҳбар метавонад лексия хонад ва сипас ба шунавандагон имкони мусоҳиба диҳад, ё аҳли синф метавонад фаслро якҷоя хонанд ва саволҳою фикрҳояшонро бо ҳам гӯянд.

3. Пеш аз оне, ки роҳбар ба баёни дарс шурӯъ кунад, ӯ бояд аз Худо барои азхудкунӣ ва роҳнамоӣ кӯмак пурсад (талабад). Ҳангоми тайёркунӣ роҳбар бояд фаслеро аз Библия якчанд бор хонад. Баъд ӯ бояд ҷойҳои муҳимро барояш қайд намояд. Баъди омӯзиши Китоби Муқаддас, роҳбар бояд аз ин китоб фаслеро омӯзад.

4. Пеш ва баъди анҷоми дарс бояд барои ибодат вақт ҷудо шуда бошад.

5. Ибодати бисёр ва тайёрии ҳар яъзо пеш аз дарс натиҷаи хуб хоҳад дод.

6. Дар охири ҳар дарс бахше бо номи «Ин фасл ба мо имрӯз чӣ маънӣ дорад» мавҷуд аст. Ин метавонад ҳамчун роҳнамо барои хулосабарорӣ ва мусоҳибаи гурӯҳӣ хизмат намояд.

*Шиносшавӣ бо Инҷили Юҳанно*

**Муаллиф**

Ҳаввори̅ Юҳанно писари Забдой ва Салом буд. Забдой моҳигири Ҷалил буд.

Ҳангоме, ки Юҳанно аз тарафи Исо даъват шуда буд, ӯ ҳаввории ҷавонтарин буд ва ӯ дар давраи бузурге умр ба сар бурд. ӯ ҳаввории ягонаест, ки ба таври табиӣ вафот кард. ӯ ҳангоми кор бо падараш ва бародараш Яъқуб, вақте ки онҳо тӯрашонро дар Баҳри Ҷалил таъмир мекарданд даъват шуда буд (Матто 4:21, Луқо 5:10, Марқӯс 1:19).

30 соли охир ҳаёташро аз соли 68 то 98 дар Ефсӯс паси сар кард.

**Таърихи эҷод кардан (навиштан)**

Таърихи навиштан номуайян аст. Бисёр олимони Библияшинос чунин мепиндоранд, ки он дар охири асри якум эҷод шудааст.

***Мақсад***

Юҳанно мақсади навиштанашро дар Юҳанно 20:31 равшан нишон додааст. *«Аммо ин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост, ва имон оварда, ба исми ӯ ҳаёт ёбед».*

Аз ин оят мақсади Юҳанно ҳамчун ақидавӣ (доктрина) ва амалӣ дида мешавад:

1. Ақидавӣ: Исботи он, ки Исо Масеҳ буд ва Писари Худо аст.

2. Амалӣ: фароҳам овардани таҷрибаи ҳақиқии масеҳӣ.

Мақсади Юҳанно он буд, ки хонандагонаш Худоро ба василаи Исои Масеҳ, ки ин олами фаноёфтаро кафорат мебахшад, бинанд.

<u>Далелҳои аҷоиб оиди Инҷили Юҳанно</u>

1. Дар ин Инҷил Исо ваҳйи пурратари Худ ва Худоро овардааст (Матто, Марқӯс, Луқо).

2. Дар Инҷил ҳафт «Ман ҳастам» мавҷуд аст.

«Нони ҳаёт» (6:35, 41, 48, 51)

«Нури ҷаҳон» (8:12, 9:5)

«Дарича» (10:7,9)

«Чӯпони некдил» (10:11, 14)

«Эҳёшавӣ ва ҳаёт» (11:25)

«Роҳ, ҳақиқат ва ҳаёт» (14:6)

«Ток» (15:1-5)

3. Исо илоҳӣ будани худро ошкор мекунад (1:1, 10:30-38, 12:45, 14:7-9, 16:15).

4. Кори Рӯҳулқудс ошкор шуд.

Меҳмони доимӣ (14:16)

Гувоҳидиҳанда (15:26)

Сарзанишкунанда (16:7,8)

Роҳнамо (16:13)

Ҷалолдиҳандаи Исо (16:14)

Ошкоркунандаи Исо (16:15)

5. Исо намояндагии Худашро ошкор мекунад. Дар фасли 5-ум ӯ шаш бор эълом медорад, ки ӯ аз тарафи Худо фиристода шудааст (Оятҳои 23, 24, 30, 36, 37, 38).

6. Падарии Худо беш аз 100 маротиба хотирнишон шудааст.

7. Бештар аз нисфи Инҷили Юҳанно ба воқеъоти ҳаёти Исо ва гуфтаҳои ӯ дар рӯзҳои охири ҳаёташ бахшида шудааст.

8. Сӯҳбати Исо бо Ниқудимӯс (3:1-21) ва зани сомарӣ (4:1-26) танҳо дар Инҷили Юҳанно навишта шудааст.

9. Юҳанно ҳашт мӯъҷизоти Исоро сабт кардааст, то ин ки рӯҳонияти ӯро собит намояд. Шаштоашон танҳо дар Инҷили Юҳанно навишта шудаанд.

10. Якчанд калимоти муҳим дар Инҷили Юҳанно.

Падар : 118 маротиба

Имон: 100 маротиба

Олам: 78 маротиба

Муҳаббат: 45 маротиба

Ҳаёт: 37 маротиба

Шоҳид, исбот кардан: 47 маротиба

Нур: 24 маротиба

## Нақшаи Инҷили Юҳанно

**I . Калом ҷисм гардид (1:1-14)**

**II . Шаҳодати Яҳёи Таъмиддиҳанда (1:15-34)**

**III. Даъвати Шогирдони Аввалин (1:35-51)**

**IV. Мӯъҷизоти аввалин: Об ба шароб мубаддал гашт (2:1-12)**

**V . Дар Кофарнаҳум (2:12)**

**VI. Аввалин рӯҳониёни Яҳудӣ**

А. Дар Ерусалим

1. Бори аввал пок кардани маъбад (2:13-22).
2. Ниқӯдимус ва тавлиди нав (2:23-3:21).

В. Дар Яҳудо: Шаҳодати охирини Яҳёи Таъмиддиҳанда (3:22-36).

С. Дар Сомария

1. Тарк кардани Яҳудо (4:1-3).
2. Зани сомарӣ: Исо-оби ҳаёт (4:4-26).
2. Аҳли Суҳар Инҷилро мешунавад (4:27-42).

**VII. Рӯҳониёни Ҷалил**

А. Шифоёбии писари марди дарбор (4:46-54).

В. Шифоёбии марди ланг (5:1-18).

С. Исо бо Худо баробар буданро талаб мекунад (5:19-47).

Д. Хӯрондани 5000 нафар (6:1-14).

Е. Исо дар баҳр қадам мезанад (6:15-21).

F. Исо- Нони ҳаёт (6:22-71).

G. Дар Ерусалим

1. Иди Хаймаҳо (7:1-52).
2. Дастгир шудани зан ҳангоми зинокорӣ (7:53-8:11).
3. Нури Олам (8:12-59).
4. Шифоёбии кӯри модарзод (9:1-41).
5. Чӯпони некдил (10:1-21).
6. Иди Хаймаҳо (10:22-39).

**VIII. Роҳиб дар Байт-Ҳинӣ**

А. Эҳёи Лаъзор (11:1-46).

В. Яҳудиён нақшаи куштани Исоро кашиданд (11:47-57).

IX**. Охирин ҳафтаи Роҳибии Исо (12:1-19:42)**

А. Марям Исоро равқан мемолад (12:1-11).

B. Воридшавии ботантана (12:12-19).

C. Охирин рӯзи таълимдиҳӣ (12:20-36).

D. Яҳудиён Исоро инкор мекунанд (12:37-50).

E. Иди Фисҳ ва Шоми Худоӣ (13:1-30).

F. Нутқи видоии Исо (13:31-16:33).

G. Дуои саркоҳинии Исо (17:1-26).

H. Рӯзи ҷумъа дар Ҷатсамонӣ (18:1).

1. Таслими Исо (18:1-12).
2. Доварии динӣ (18:13-27).
3. Доварии дунявӣ дар ҳузури Пилотус (18:28-19:18).
4. Маслубкунӣ (19:19-37).
5. Дар оромгоҳ (19:38-42).

**X . Эҳёшавӣ (20:1-31)**

**XI. Исо бо шогирдонаш дар Ҷалил (21:1-25)**

## <u>ЮҲАННО 1</u>

**Нақша**

**I. Исо муаррифӣ шудааст (1:1-18).**

A. Исо ҳамчун **Калом** муаррифӣ шудааст. (1:1-3, 14)

1. Исо Каломи **Абадист.** (1:1-2)
2. Исо Каломи **Офаридгор.** (1:3)
3. Исо Каломест, ки ба Инсон табдил ёфт. (1:14).

B. Исо ҳамчун **Ҳаёт** муаррифӣ шудааст.

1. Ҳамчун Ҳаёт, ӯ одамонро тағйир медиҳад. (1:4).
2. ӯро напазируфтанд. (1:10-11)
3. ӯ қувваи аз нав тавлидкунандаи Худост. (1:12)

C. Исо ҳамчун **Нур** муаррифӣ шудааст.

1. Дар торикӣ ӯ медурахшад. (1:5)
2. **ӯ Нурест** дар миёни нурҳои бешумор. (1:6-8)

3. Ҳамчун Нур ӯ дар ҳама арсаи ҳаёт медурахшад. (1:9)

Д. Исо ҳамчун **Ваҳйи Худо** муаррифӣ шудааст. (1:14-18)

**П. Ҳафтаи аввали роҳибии Исо (1:19-51)**

А. Намояндагони Яҳудиён Яҳёи Таъмиддиҳандаро вомехӯранд. (1:19-28)

В. Исо ҳозир мешавад. (1:35-39)

С. Исо шогирдони нахустинашро даъват мекунад (1:35-39)

Д. Петрус Исоро ҳамроҳӣ мекунад. (1:40-42)

Е. Натанъил Исоро ҳамроҳӣ мекунад. (1:43-51)

**Барра муаррифӣ шуд**

Дар канори дарёи ӯрдун истода, Яҳёи Таъмиддиҳанда таъмиди худро қатъ  кард ва хотиррасон кард, ки *«Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад»* (Юҳанно 1:29). Ин оят мавзӯи Инҷили Юҳанно мебошад. Ин мавзӯъ сар то сари Инҷил такмил (инкишоф) дода  шудааст, ин иҷрои системаи қурбонии Аҳди Қадим  мебошад.

Мо инъикоси равшани Исоро, Барраи Худоро, ҳамон тавре, ки ҳавворӣ Юҳанно, нависандаи ин Инҷил ӯро дидааст, хоҳем дид.

Пеш аз оқози омӯзиши фасли 1, хуб мешуд якчанд фактҳои аҷоиби шиносшавиро қайд намоед.

Фарзи  муҳим байни Инҷили Юҳанно ва дигар Инҷилҳо дар  шуурнокии Писар ба чашм мерасад. Дар Марқӯс Худо ҳамчун Падар чаҳор маротиба ишора шудааст. Дар Луқо, Худо ҳамчун Падар 6 бор баён шудааст. Дар Матто, Худо ҳамчун Падар 23 бор ишора шудааст. (Ҳабдаҳтои он дар Ваҳйе, ки дар кӯҳ гуфта шудааст). Вале дар Юҳанно Худо ҳамчун Падар 107 маротиба ишора  шудааст. «Падари Ман» дар 24 ҷой ба чашм мерасад. Ҳамчунин дар Юҳанно мо ибораи ҷиддии Писарӣ «танҳо аз Падар ба вуҷуд омада»-ро дарёфт карда  метавонем.

Дар  муносибат бо дигар Инҷилҳо Инҷили Юҳанно дар тасвири ҳастии пеш аз Исо бемонанд аст. «Барраи Худо» дар Матто то фасли 16 дида намешавад.

Инҷили Юҳанно аслан тафсироти Исо мебошад. Инҷили Юҳанно  маънои онро надорад, ки роҳибии Исоро чӣ тарзе, ки дар се Инҷили дигар дида мешуд, нишон диҳад. Мақсадаш – Исоро нишон додан аст, ки ӯ кист. Маводи Юҳанно аз се Инҷили дигар  баъдтар аст. Ин бештар мулоҳизакунанда, таъсиррасонанда ва евангелистӣ (Инҷилӣ ) мебошад. Ин китобест, ки одамонро ба андешакунӣ даъват мекунад.

**Тафсири Исо (Юҳанно 1:1-18)**

1. <u>Исо ҳамчун **Калом** муаррифӣ ва тафсир шудааст.</u>

Ин мафҳум дар дигар Инҷилҳо дида намешавад. Он дар замони Исо истилоҳи номаълум набуд. Барои ҳамин Юҳанно лозим надонист маънояшро муфассалан фаҳмонда диҳад. Чунин бояд қайд кард, ки ин «Калом» нест (бо ҳарфи хурд, яъне каломи оддӣ). Баъзе оинҳо рӯҳонияти Исоро паст ва инкор карда, ӯро танҳо ҳамчун офаридаи Худо ва яке аз «Каломҳои» бисёре мешиносанд. Матни юнонӣ дорои артикли «the» аст, ки махсус ба калимаи «Калом» таъкид мекунад. Ho Logos –Калом (The Word).

Исо охирон Калом ё ибораи Худо буд. ӯ Худо дар ҷисм буд (1:14).

**<u>Калом</u>** буд:

(1) **<u>Абадӣ</u>** (1:1-2).

Калом дар ибтидо бо Худо буд, чаро ки дар ибтидо Калом буд. Вақте ки Худо буд-Исо буд. Вақте ки Худо хоҳад буд-Исо хоҳад буд. ӯ, Каломи абадӣ мебошад.

(2) **Офаридгор** (1:3).

(3) **Шакли йисмонқ гирифтан** (1:14).

Калом ҷисм гардид. ӯ ба одам мубаддал гашт-шахси дидашаванда, лоиқшаванда- вале дар айни ҳол Худо.

2. Исо ҳамчун **Ҳаёт** (тафсир) фаҳмида мешавад.

Истилоҳи «Ҳаёти абадӣ» дар Инҷили Юҳанно 54 маротиба дида мешавад. Он на фақат миқдорӣ ва ҷовидонӣ аст, он ҳамчунин сифатӣ, абадӣ мебошад. Ин тарзи ҳаётест, ки Худо дорад.

Дар ин оятҳо мо ҳаётро чунин мебинем:

(1) Нурдиҳанда (1:4).

(2) Нописанд (1:10-11).

Халқи Худаш ӯро напазируфт. Ҳатто ҳоло ҳам одамони зиёде ӯро қабул намекунанд.

(3) Аз нав офаридан

Танҳо Исо қодир аст ба инсон ҳаёти нав бахшад. Берун аз Исо ҳеҷ ҳаёти ҳақиқӣ мавҷуд нест.

3. <u>Исо ҳамчун **Нур** тафсир дода шудааст.</u>

Дар Инҷили Юҳанно калимаи «Нур» 21 маротиба нишон дода шудааст. Байни «Нур» ва «Зулмот» тафовути калоне аст. Нур зулмотро аз миён мебардорад. Нур роҳнамоӣ мекунад. Нур тарсро дур мекунад. Нур ҳаётро пуштибонӣ мекунад.

**<u>Дар ин оятҳо Нур ҳамчун:</u>**

(1) <u>Хомӯшнашаванда</u> (1-5).

(2) <u>Намоён</u> (1:6-8).

(3) Б<u>оварибахш</u> (1:9).

Ман як шаберо, ки дар ҷамоаи деҳотии Филиппин гузарондам, асло фаромӯш нахоҳам кард. Зани солхӯрдае, ки ба масеҳият нав гаравида буд, ба омӯзиши Библия дер омад. ӯ хитоб намуд, ки ӯ нав бе ягон ҳамроҳӣ ё рӯшанӣ аз саҳро гузашт ва ӯ тарсе дар дил надошт. ӯ чунин гуфт «Ман дигар аз рӯҳу арвоҳҳо наметарсам, чаро ки Исо дар дили ман аст». Шабҳо нур дар роҳ барои филиппиниҳо, ки ба хурофот хеле боварӣ доранд, муҳим аст. Вале барои имондори ҳақиқӣ нури заминӣ дар муқоиса бо нури Исо ҳеҷ ҳаст.

4. <u>Исо **ошкоркунандаи Худо** аст (1:14-18)</u>

**Худоро ба воситаи гуфтаҳои Исо, ба воситаи ҳаёти ӯ дидан мумкин аст. Аз дигар пайқамбарон Исо бештар ошкор шуд, ҳатто бештар аз Мӯсо. Дар оятҳои аввала Юҳанно табиати худовандии Исоро таъкид кардааст ва ягонагии ӯро бо Худо нишон додааст. Ин ҷавобест бо он нафароне, ки дар Исо танҳо инсонро мебинанд. Дар оятҳои 14-18 Юҳанно тарафи дигари табиати Исоро нишон медиҳад. ӯ Худо буд, вале ӯ инсон шуд, ё ин ки ӯ ҷисм гардид. Танҳо, барои оне, ки ӯ Худо ва инсон буд, қодир аст одамонро фаҳмад ва ба онҳо кӯмак кунад. Исо одам буд, вале аз дигарон фарқ дошт. ӯ гуноҳ накард.**

Дар ин 18 ояти нахустин натанҳо шахсияти Исо муаррифӣ шудааст: дигар (калимаҳо) суханони муҳиме низ ҳастанд, ки дар Инҷили Юҳанно бештар таъкид шудаанд. Юҳанно Исоро ҳамчун Масеҳ на барои як халқ ошкор мекунад, балки барои тамоми ҷаҳон. Калимаи «Ҷаҳон» 80 бор дар Инҷили Юҳанно ба чашм мерасад.

Нуқтаи муҳими муносибати ҷаҳон ва Худо имон аст. Дар Инҷили Юҳанно калимаи «мӯътақид» (имондор) 70 маротиба истифода шудааст.

Ҳақиқат ва файз калимаҳои такрорёфта мебошанд, вақте ки Исо бо ҷаҳон алоқа дорад.

<u>Ҳафтаи нахустини рӯҳонияти Исо (Юҳанно 1:19-2:11)</u>

Юҳанно саршавии рӯҳонияти Исоро таъкид мекунад. Ҳодисаи «Рӯзи дигар»-ро қайд намоед. Саршавии рӯҳонияти Исо муффассал нишон дода шудааст.

Озмоиши Исо дар Инҷили Юҳанно нест.

Рӯзи нахуст: Яҳёи Таъмиддиҳанда ва яҳудиён (1:19-28)

Яҳёи Таъмиддиҳанда шахсест, ки барои рӯҳонияти ошкорои Исо роҳ тайёр намуд. Гурӯҳи аввали яҳудиён шояд гурӯҳи расмӣ буданд ва мехостанд бифаҳманд, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда кқ аст («Яҳудиён» 70 маротиба дар Инҷили Юҳанно дучор мешавад»). Аз Яҳёи Таъмиддиҳанда пурсиданд, ки оё ӯ Масеҳ аст. ӯ инро кушоду равшан инкор кард. Яҳудиён боз пурсиданд, ки оё ӯ Ильёс аст. Дар Малоки 4:5 мо чунин мебинем, ки яҳудиён омадани Илёсро пеш аз омадани Масеҳ интизор буданд. Ҷавоби Яҳё он буд, ки ӯ танҳо шахсест, ки барои Масеҳ роҳ тайёр мекунад.

Рӯзи дуюм: Исо ошкор шуд (1:29-34)

Чун рӯзи дигар яҳудиён ва Яҳёи Таъмиддиҳанда андар сӯҳбат буданд, Исо меояд. Яҳё танҳо шаҳодат дод, ки ин Писари Худо, Барраи Худо аст. Инак Шахсе пайдо шуд, ки ҷавобест ба одамони гуноҳдор. Инак Шоҳе омад, ки мебоист қурбонӣ шавад. Мардуми яҳудӣ аз зарурати қурбонӣ хуб огоҳӣ доштанд. Ин қалби дини онҳо буд. Калимаи юноние ки барои барра дар Юҳанно 1:29 истифода шудааст, ба калимае, ки дар Ишаъё 53 омадааст монанд аст.

«Гуноҳ», ки аз тарафи Барраи Худо аз байн бардошта мешавад, шакли танҳо дорад. Хуни ӯ басанда буд, то ин ки ҳамаи гуноҳҳо-гуноҳҳои ҷаҳонро аз миён дур кунад. Ин ҳамаи монеъаҳоро рӯфта мепартояд. Ин олами кулл аст, ки дар Юҳанно 3:16 дида мешавад.

Рӯзи сеюм: Шогирдони аввалин: Андрюс ва Юҳанно (1:35 –39)

Рӯзи дигар Яҳё ва ду шогирди ӯ Исоро диданд, ва Яҳё боз гуфт, «Инак Барраи Худо!». Ин рӯзи сеюми ҳафтаи аввали рӯҳонияти Исо буд. Ду марде, ки бо Яҳё буданд нахустин шогирдони Исо гардиданд. Мо инҷилнависии оддии масеҳиро дар тарзи беҳтарини шахсӣ ва эътимоднок мебинем.

Рӯзи Чаҳорум: Петрус Исоро ҳамроҳӣ мекунад (1:40-42)

Андрюс ба Петрус дар бораи Исо нақл кард. Петрус низ дар навбати худ хеле суханҳо гуфт.

Рӯзи панҷум. Натанъил Исоро ҳамроҳӣ мекунад (1:43-51)

Дар ин вохӯриҳо як амали ҷасуронае аст. Шахсе набуд, ки бо Исо вохӯрда монанди пештара монда бошад. Ҷои тааҷуб нест, ки Исо, оне ки- Калом, Ҳаёт, Нур, ҳақиқат аст, инсонро даъват кунад, ки ё бештар содиқ гардад ё бештар бевафо гардад? Исо ягон шахсро бетараф намегузорад. Инсон ё муқаддас мешавад ё гуноҳкор мегардад. Табиати Исо чунин аст, ки ӯ дорои қудрате аст, ки имкон медиҳад инсонро ба таври боваринок хонад то ӯро пайравӣ кунад. Аз ин ҷо чунин калимаҳои «Биё», «Пайрави ман бош», «Биё ва бубин» мавҷуд ҳастанд.

Вақте ки ду табиати гуногун, чун Исо (Нур ва ҳаёт) ва инсон (Зулмот ва мамот) роҳро мебуранд, ҳарду ҳам бояд ба якдигар таъсир расонанд.

Исо кист, ки Шумо то ин андоза аз ӯ мепурсед? Инсони хуб? Сарвари динӣ? Инсони хирадманд? Агар Исо Оне аст, ки ӯ изҳор мекунад, пас чаро ӯ

дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамони бисёре, ки худро пайравони ӯ мешуморанд мақоми ночизе дорад?

ӯ диққати моро талаб мекунад. ӯ сазовори муҳаббати мост. Ибораи Бузурги (Калом)-и Худо дар ботини мо метавонад ҳаёт ба сар барад ва мо метавонем Худоро бифаҳмем. Аз ҳамаи рӯшноиҳо Рӯшании бузурге роҳи моро мунаввар мекунад. Моҳияти софи ҳаёт метавонад аз они мо бошад. Мо дорои имтиёз ва масъулияти хулосабарорӣ ҳастем.

Худо метавонад, ки моро ҳамчун Андрюс, Петрус, Натанъил истифода барад. Мо ҷуръати пайравӣ кардани ӯро дорем ё на? Биё ва мушоҳида кун Барраи Худоро.

***Ин фасл имрӯзҳо ба мо чиро мефаҳмонад?***

1. Фақат як Исо ва Наҷотдиҳанда мавҷуд аст. Исо яке аз офаридаҳои Худо нест.

2. Исо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо сазовори мадҳ мебошад.

3. Аз сабаби он ки ӯ инсон шуд, Исо моро мефаҳмад.

4. Ҳар имондор масъулият дорад, ки дар бораи Исо ба дигарон нақл кунад.

5. Ҳар имондор қодир аст, ягон каси дигареро ба сӯи имон ба Исо роҳнамоӣ кунад.

6. Евангелизми шахсӣ (хусусӣ) усули беҳтарини овардани одамон ба сӯи Исост.

7. Шахси оддӣ, деҳқон ё коргари корхона, метавонд дар ҷаҳони тағйирёбандаи атрофи ӯ сарварӣ кунад.

**Пеш аз оғози фасли дигар ин оятҳоро аз ёд кунед:**

**Юҳанно 1:1, 12, 14.**

ЮҲАННО 2

**Нақша**

**I.  Эътиқод ба қудрати илоҳии Исо ба василаи мӯъҷизот дар тӯй тасдиқ карда шуд (Юҳанно 2:1-11).**

**II. Эътиқод ба тавоноии илоҳоии Исо дар тозакунии маъбад тасдиқ шуд (1:13-22).**

**III. Натиҷаҳои нишонаҳо (мӯъҷизаҳо) дида мешаванд (2:23).**

**Имон тасдиқ шуд**

Дар анҷоми фасли 1 мо дарёфтем, ки чӣ тарз дар ҳаёти Петрус, Андрюс, Яҳё, Филиппус ва Натанъил  имон ба амал омад. Акнун дар фасли 2 мо дида истодаем, ки Исо ин имонро тасдиқ мекунад. Дар фасли 1 мо Исоро чун Офаридгор, Ҳаёт, Нур, Ҳақиқат- ҳамчун Худо мадҳу ситоишшуда мебинем. Ҳоло дар фасли 2 Исо қудрат ва тавоноии фавқуттабии худро андар миёни оммаи халқ - дар тӯйи арӯсӣ, рӯзи оддӣ дар Маъбад  нишон додааст.

<u>Эътиқод ба қудрати Илоҳии Исо ба василаи мӯъҷизот дар тӯй тасдиқ  карда</u>

шуд (Юҳанно 2:1-11)

Тӯи арӯсӣ дар Қонои Ҷалил, ки 6 мил дуртар аз Носира дар тарафи шимол воқеъ буд, баргузор гардид. Дар тӯй ҳузур доштани Марям, ёрӣ додан ба тайёрии тӯй шаҳодат медиҳад, ки арӯсу домод дӯстони наздики онҳо ё хешонашон буданд. Ин он вақте, ки Марям ба пеши Исо, барои талаб кардани май меояд, дида мешавад.

Ин имконпазир аст, ки ба суолҳои ахлоқии нӯшидани шароб диққати худро ҷалб карда, таълимоти оддиро сарфи назар кунанд.

Вале нисбати ин масъала, мо бояд қайд кунем, ки :

1. Шароб шароб буд. Калимае, ки дар ин ҷо истифода бурда шудааст, калимаи умумиест, ки дар дигар ҷойҳои китоби муқаддас истифода бурда шудааст, ба ҷуз аз ҳолате, ки дар Аъмол 2:13 нишон дода шудааст. Ин калима дар матни юнонӣ «oinos» мебошад, ки маъниаш шарбати тозаи ангур мебошад. Калима барои шароб дар Аъмол 2:13 «gleukos» аст, ки маънои шароби нави ширинро дорад.

2. Шаробе, ки Исо дода буд, шароби беҳтарин буд.

3. Дар рӯзҳои Аҳди Ҷадид, шароби беҳтарин монанди он шаробе, ки ҳозир шароби беҳтарин шумурда мешавад, набуд.

4. Шаробе, ки дар Шоми Худоӣ истифода шудааст, «меваи ток» ном дошт.

5. Шароби Аҳди Ҷадид ба мисли оне, ки бароямон ҳоло кофе, ё чои муқаррарӣ аст, буд.

6. Нӯшиданҳои ҳамакаса, ё нӯшокиҳои сахти таъсири алкоголӣ ба воситаи истифода кардани шароб дар Аҳди Ҷадид сафед шуда наметавонад.

Замоне, ки Марям ба пеши Исо омада изҳор  кард, ки дар он ҷо шароб кам аст, ӯ танҳо гумон дошт, ки Вай барои овардани шароб ба бозор ё хонаи ҳамсоя меравад. Ҳеҷ  чиз нест, ки нишон диҳад, ки ӯ интизори мӯъҷизот буд. Камбудии шароб онро нишон медиҳад, ки оила даромади кам дошт.

Оҳанги овоз ва истифодаи калимаҳо аз тарафи Исо дар ояти 4, вақте ки ӯ ба модараш муроҷиат мекунад барои баъзеҳо як масъалае мебошад. Инро чунин тафсир додан мумкин аст, «Хонум, чаро Шумо ба ман чӣ кор карданро мефармоед? Вақти амалро ман худам медонам». Шояд ба Исо зарур буд, Марямро ҳушдор диҳад, ки ӯ хӯҷаини Исо нест. Ӯ изҳор кард, ки фармонҳояш танҳо бо хости Худо мебошанд. Ин ба мо оиди  баланд бардоштани Марям ба мақоме, ки ҳамчун модари Худо, ӯ баробари Исо ё аз ӯ баландтар аст, нақл мекунад. Танҳо дар як ҳолат Исо Марямро хотиррасон мекунад, ки ӯ «зани инсонӣ» буд. Исо мӯъҷизоти худро дар Қоно нишон дод, то ин ки шогирдонаш ба ӯ имон оваранд.

Яҳудиён чунин русум доштанд, ки пеш аз идҳо дастҳо ва пойҳояшонро мешӯстанд. Ин вуҷуд доштани кӯзаҳои калони сангинро, ки қунҷоиши ҳар кадомашон тақрибан сад кварта буд исбот мекунад. Муҳим будани рақами шашро қайд намоед. Ин маънои поккунии яуҳудиёнро дорад. Исо гуфт, «Инҳоро бо об пур кунед». Сипас ӯ фармон дод, ки аз кӯзаҳо каме обро кашида ба соҳиби ид диҳанд.

Ба имони ин одамон диққат кунед. Сарвари ид талабгори шароб буд на об. Одамон кӯзаҳоро бо об пур карда пас гуфтанд, ки онро ба соҳиби ин ид диҳанд. Чунин ба назар мерасад, ки одамон аз шароб пурсон нашуданд. Хиҷолатмандии ин мардонро тасаввур карда метавонем, агар об ба шароб мубаддал намегашт?

Одамон шояд кӯшиш карданд, Исоро ислоҳ кунанд. Онҳо метавонистанд бигӯянд, «Вале Исо, ӯ шароб талаб мекунад». Эҳтимол пеш аз додан ба сарвари ид, онҳо хостанд қатрае аз он нӯшанд. Ман чунин фикр мекунам, ки онҳо шояд ягон роҳи ба вуқӯъ омадани мӯъҷизотро донистa бошанд.

Онҳо ба қудрати Исо ончунон қавӣ боварӣ доштанд, ки онҳо ҳамаи фармоишҳои ӯро бе ягон пурсиш ба ҷо меоварданд. Ин имон аст. Имони ҳақиқӣ намепурсад, ки чаро ва чӣ хел: он танҳо имон меорад ва итоат мекунад.

Вақте ки одамон бо имон амал мекунанд, мӯъҷиза имконпазир аст.

<u>Беҳтарин наҷот дода шуд (2:10).</u>

Дар ин оят мо нуқтаи асосии маънои мӯъҷизаро дарёфт мекунем. Одатан ба меҳмонон аввал шароби беҳтарин дода мешавад вале дар ин ҷо одамон бо шароби бадсифат сер шуданд.

Исо гуфт, ки одамон шароби маъмул - Шариат, роҳи Мусоро, пайравӣ намуданд ва ба қоидаҳои мушаххас нӯшидаанд. Акнун шароби нав мавҷуд аст, ки аз шароби пештара беҳтар аст. Ин шароби нав- роҳи нав - Исо худаш

мебошад.

Ин нишонаи аввалин ё мӯъҷизоте буд, ки аз тарафи Исо нишон дода шуда буд (2:11). Ин нишон медиҳад, ки мӯъҷизаҳои апокрифии (ҳикояҳои Исо дар навиштаҳои Байни Библиявӣ) давраи кӯдакии Исо қобили эътимод нестанд.

Ҳамаи мӯъҷизаҳое, ки дар Инҷили Юҳанно омадаанд, ба чизи дигаре нигаронида шудаанд. Исо мӯъҷизаҳоро танҳо барои дилхушии худ нишон намедод. Шӯҳрат ва тавоноии ӯ дар ҳар мӯъҷиза ба чашм мерасад. Албатта, имони шогирдони ӯ қавитар шуд, чун онҳо шоҳиди чунин қудрати Худовандашон шуданд.

Фосилаи рӯзҳо (2:12)

Тамоми оила ба Кофарнаҳум рафт. Эҳтимол онҳо навхонадоронро то хонаашон ҳамроҳӣ карда буданд. "Онҳо поён рафтанд" маънои онро надорад, ки онҳо ба ҷануб рафтанд. Қонои Ҷалил дар кӯҳҳо ҷойгир шуда буд ва Кофарнаҳум дар соҳили Ҷалил, 700 фут поён аз сатҳи баҳр воқеъ буд.

Дар ояти 12 ба зикри Исо, модари ӯ, бародаронаш ва шогирдонаш ки ба Кофарнаҳум равона ҳастанд, диққат диҳед. Ин фақат яке аз Навиштаҳои Муқаддас аст, ки дӯшизагии абадии Марямро инкор мекунад. Фақат як Писари Худо- Исо мавҷуд аст. Вале Марям баъди ба Юсуф ба шавҳар баромадан фарзандони дигар низ дошт. Дӯшиза чунин карда наметавонад.

Бозгашт ба Ерусалим. Имон ба қудрати илоҳии Исо дар поккунии маъбад тасдиқ шуд (2:13-22)

Барои яҳудиён айёми иди Фисҳ буд. Ҳар  марди яҳудӣ бояд дар ин ид иштирок менамуд, барои ҳамин Исо низ рафт.

Аз дидани маъбад Исо қамгин шуд; маконе, ки барои парастиши Худо сохта шуда буд, барои тиҷорат истифода бурда мешуд. Таъсири маъбад дар рӯзҳои Исо хеле сахт буд. ӯ химчаро гирифта ҳайвонҳо ва

пуливазкунҳоро аз маъбад пеш кард. Исо қудрати бузург доштанро аз болои одамон ва макон нишон дод.

Исо имрӯз чӣ мегӯяд? Чанд таълимот аз тарафи одам ба номи Худо муаррифӣ шудааст, вақте  ки  натиҷаашон аз мардум ҷамъ кардани пул ё ба одамон додани қудрат мебошад?

**<u>Инҳоро аз назар гузаронед</u>**

1. Дуо барои мурдагон, соли 330 давраи мо сар шуда буд.

2. Истифодаи тасбеҳ, 1090

3. Мусолиҳакорӣ барои бахшиши гуноҳҳо, 1190

4. Аъроф эълон шуд 1438

5. Тавба.

6. Тақоруб.

7. Пешгоҳи дӯзах.

8. Иморатҳои даҳшатбори калисо.

Барои мо хуб мешуд ҳамаи чизҳои дар боло қайдшударо мавриди муҳокима қарор бидиҳем ва сарчашмаи онро дида бифаҳмем, чӣ хел он ба ҷамъоварии пул муносибат дорад.

Тиҷорате, ки аз тарафи калисо ба ҷо оварда мешуд ё бо он алоқаманд буд, аз тарафи Исо сахт маҳкум шуда буд.

Исо қудрат дошт, ки сарвари калисои худ шавад. Ӯ аз тарси озори рӯҳонӣ ё кашиш бо нӯги по роҳ намерафт. Ӯ далер, бовиҷдон, боҷуръат ва ҳаматарафа буд. Барои баъзе сарварони рӯҳонӣ бозии лото ё савдои ашёҳои кӯҳна нисбати тарқиби Каломи Худо оиди масъулияти ҳар як масеҳӣ барои супоридан андози даҳяк осонтар аст. Ҳарчанд Худоро зиёдтар мешиносем ҳамон қадар бештар соҳиби қувва мешавем.

Бе шубҳа шогирдони Исо эътиқод доштанд, ки сарвари онҳо ҳақиқатан ҳам сарвар буд. Имони онҳо барои рӯзҳои душвори дар пешбуда қавӣ шудан гирифт. Мулоҳизаҳое, ки дар бораи Исо шуданд, баъдтар дар бораи шогирдони аввалинашон низ карда буданд. «Инҳо одамони пурқудрат ҳастанд». Вале ин аз сарвари онҳо, Исои Масеҳ сар шуд.

Худо метавонад ба мо имон бахшад, ки киштиҳои худро, ҷисмҳои худро ба итоати комил ба Исо расонем, чӣ тарзе, ки ӯ дар Қонои Ҷалил карда буд. Баъд

мо пурқувваттар мешавем, чун мушоҳида мекунем, ки Худованд ҳаёти моро барои ба дигарон судманд гардонидан тақйир дод- чӣ хеле, ки ӯ дар Қонои Ҷалил  шароби нав пешкаш намуд.

Худо метавонад, ба мо иқтидоре диҳад, то ин ки касеро, ки сазовори кӯмак  аст, ёрӣ диҳем. Занҷирҳои тарс метавонанд бо як нигоҳи Инсони Озод - Исо канда шаванд. Агар мо Исоро шиносем ва агар мо фаҳмем, ки мо аз куҷо омадаем ва ба куҷо равонаем - ҳама ба мақсади ҷовидонии Худо алоқаманд аст – мо соҳиби қудрат ва тавоноӣ хоҳем  шуд.

**Ин фасл имрӯзҳо ба мо чиро мефаҳмонад?**

1. Ин рӯшан аст, ки Исо вақти зиёдеро миёни одамони оддӣ гузаронд, чунончӣ тӯи арӯсӣ дар Қонои Ҷалил. Барои фаҳмидани эҳтиёҷоти мардум мо бояд он ҷое бошем, ки одамони эҳтиёҷманд ҳастанд.

2. Исо қодир  аст,  эҳтиёҷоти  моро иҷро кунад.

3. Ҳамаи мӯъҷизотҳо бояд ба Худо шӯҳрат ва ба инсон имон биёранд.

4. Хонаи Худо макони парастиш аст. Ин маънои онро дорад, ки дар он ҷо фурӯши ашёи кӯҳна ва бозии лото, номувофиқ аст ва он макон хонаи ҳақиқии парастиш  мебошад.

5. Таблиқгарони Худо ба мисли паёмбарони Худо далер ва тавоно бошанд.

**Пеш аз оқози фасли оянда ин оятҳоро аз ёд кунед. Юҳанно 2:25.**

**ЮҲАННО 3**

**Нақша**

**I. Ниқудимус ва Исо (Юҳанно 3:1-21).**

А. Ақидаҳои яҳудиён оиди Малакут.

1.Қувваи ҷисмонии ҳарбӣ.

2.Таваллуд шудани яҳудӣ асоси аъзоӣ мебошад.

В. Ду тавлид зарур аст, ки аъзои Малакут шавед.

1.Ҷисмонӣ (3:5).

2. Рӯҳонӣ (3:56).

а. Тавлиди рӯҳонӣ Худододагӣ аст.

б. Тавлиди рӯҳонӣ махфӣ аст (3:8).

с. Имон- калидест барои тавлиди рӯҳонӣ (3:15-16).

**II. Исо ва Яҳёи Таъмиддиҳанда дар музофот (3:22-30).**

A. Ҳодиса: Хизмати таъмиддиҳӣ.

B. Қудрати Исо эътироф шуд.

C. Исо ҳамчун домод мадҳу ситоиш шуд (3:29).

**III. Хотима: Исо аз ҳама бузургтар аст (3:31-36).**

**Марде андар миёни мардон**

Наполеон, ки соҳиби ақлу заковати беандоза буд, вале ахлоқаш табоҳ буд, одамони қадимро мавриди омӯзиш қарор медод ва онҳоро бо худ муқоиса карданро дӯст медошт. Оиди Исо ӯ чунин гуфт: «Ман фикр мекунам, ки ман чизе аз табиати инсонӣ медонам, ва ман мегӯям, ки ҳамаи инҳо инсон буданд, ва ман ҳам инсон ҳастам, вале на ба мисли ӯ, Исо бештар аз инсон буд. Искандар, Сезар, Шарлемон ва ман империяҳои бузург созмон додем. Вале офаридаҳои мо ба чӣ вобастагӣ доранд? Ба қувва. Исо ба танҳоӣ салтанаташро барпо намуд, ки асосаш муҳаббат буд, ва то имрӯзҳо миллионҳо нафар одамон барояш ҷон медиҳанд».

Исо инсоне буд андар миёни инсонҳо. Дар фасли 1 Юҳанно ӯро ҳамчун Худо дар ҷисм мебинем. Дар тӯи арӯсӣ дар Қоно дар фасли 2 ӯ инсони вақт буд. ӯро бо тамоми тавоноияш дар маъбад бинед, ки дар миёни диндорон ӯ Инсони Имондор буд.

Акнун ӯро боз ҳамчун Инсон андар миёни Инсонҳо дар оромии шаб бо ҷустуҷӯкунанда Ниқӯдимус ва дар деҳа бо Яҳёи Таъмиддиҳанда мебинед.

Ҷустуҷӯкунандаи танҳо, Ниқӯдимус Исоро меёбад (3:1-21)

Вақте ки ман таблиққунандаи 18 солаи асабонӣ будам, ин китоб ваҳйи аввалини ман буд. Ин матн, калимаҳояш асло кӯҳна намешаванд. Ҳарчанд бештар ӯро меомӯзед, ҳамон қадар он навтар мегардад. Биёед ба шакле, ки қариб 2000 сол пеш дошт назар андозем.

Яҳудиён Масеҳро муддати дарозе интизор буданд. Омадани ӯ дар Аҳди Қадим муфассал нақл шудааст. Шаҳри тавлиди ӯ ва маргаш ботафсил нишон дода шудааст. Вале яҳудиён интизори омадани подшоҳи сиёсӣ ва қувваи ҳарбӣ буданд. Онҳо интизор буданд, ки касе меояд ва онҳоро аз румиён озод менамояд. Исо омад ва шумораи кам ӯро ҳамчун Масеҳ эътироф карданд. Бояд қайд намуд, ки ҳарчанд шогирдони наздикаш Исоро ҳамчун Масеҳ шинохтанд, вале онҳо тамоман табиати рӯҳонии Малакути Худоро то замони мамоти Исо ва эҳтимол то эҳёшавиаш дарк накарданд.

Далели дигаре, ки ба мо дар фаҳмидани вохӯрии Исо ва Ниқӯдимус ёрӣ медиҳад он аст, ки яҳудиён фикр мекарданд, ки агар онҳо яҳудӣ таваллуд шуданд, пас ин калидест ба Малакути Худо.

Бо ин ду ақида, ки аз даври пеш омадаанд, ва он замоне, ки Исо оиди тавлиди нав сухан меронд, мусоҳиба бомаънитар мешуд.

Ниқӯдимус дар миёни яҳудиён марди диндор, роҳбар, омӯзгор буд. Якчанд рӯйдодҳои шабона дар Библия нишон дода шудаанд, вале ин ҳол хеле фаврӣ буд, то ин ки барояш то субҳдам интизор шаванд. Мавзӯяш на аъзогии калисо,

таъмид, ё андозсупорӣ буд. Ин талаботи асосие буд, ки барои қисми Малакути Худо будан талаб карда мешавад. Ҳозир Никӯдимус бешубҳа хеле мехост, вале вай табиати ҳақиқии Малакути Худоро, Подшоҳро, ё вазифаҳояшро намедонист.

Никӯдимус сиёсатмадор (дипломат) буд, ӯ Исоро бо додани мақоми олии фиристодаи Худо ситоиш карда буд. Мо бояд қайд намоем, ки барои аъзои Малакути Худо шудан кифоя аст, бигӯем:

(1) Ман яҳудӣ таваллуд шудам, ё (2) Ман медонам, ки Исо фиристодаи Худо аст, Никӯдимус метавонист ин чизҳоро бигӯяд, вале Исо гуфт, ки ягон чизи дигаре бояд рӯй медод, то ин ки ӯ Малакути Худоро бинад.

Оё ин маънои онро надорад, ки шахсе, ки дар мамлакати масеҳӣ таваллуд шудааст, волидайни масеҳӣ дорад, ва имон дорад, ки Исо фиристодаи Худо аст, то ҳоло масеҳии ҳақиқӣ нест? Маъноаш ҳамин аст. Ин Никӯдимусро ҳамчун шаҳрванди Малакути Худо сифат намедиҳад, ин ҳеҷ касро сифат намедиҳад.

Исо сахтгирона ва аҷоиб ҷавоб медиҳад. ӯ изҳор мекунад, ки кас агар аз олами боло таваллуд намешавад, малакути Худоро дида наметавонад (3:3). Никӯдимус инро барқалат фаҳмид, фикр кард, ки Исо дар бораи тавлиди дигари ҷисмонӣ сухан меронад.

Дар ояти 4 Никӯдимус оиди тавлиди инсонӣ, ҷисмонӣ сухан меронад. Дар ояти 5 Исо ин фикрҳоро давом медиҳад. ӯ мегӯяд, ки инсон барои ба биҳишт рафтан бояд ду таваллуд дошта бошад. Тавлиди якум ҷисмонӣ, об аст. Тавлиди табиати инсонӣ он аст, ки кӯдакро пеш аз таваллллуд дар об қӯта мезананд. Калимаи таъмид дар ин ҷо хотиррасон нашудааст. Маънои оятҳои 4 ва 6 оиди тавлиди ҷисмонӣ сухан меронад.

Сипас Исо оиди талаботи дуюм, тавлиди дуюм сухан меронад. Ин

таваллудшавӣ аз боло аст, инсон ё калисо наметавонад онро ҳосил кунад, вале танҳо аз тарафи Худо. Макони Рӯҳ дар ба вуҷуд овардани ин мӯъҷиза таъкид шудааст.

Исо мегӯяд, ки тавлиди дуюм ба мисли шамол махфӣ аст, ҳамчунон он ҳақиқат ва таъсирбахш аст. Пешгӯии шамол барои инсон қайриимкон аст. Он соҳиби қудрат аст ва метавонад харобиовар бошад, ҳамзамон дар рӯзи офтобӣ ё шаби моҳтобӣ он метавонад ором ва мулоим бошад, Шамол ноаён, вале ҳамзамон таҷрибадор аст. Пас ин бо таҷрибае, ки аз боло меояд. Таҷрибадор будан-ин дидан ва маънӣ доданро намефаҳмонад.

Имон-боварӣ кардан ба Исо, эътимод доштан ба Исо –калид аст.

Дар ояти 14 Исо оиди имони шифобахшӣ дар рӯзи Мӯсо, вақте ки аъмоли имон шифо бахшид (Рақамҳо 21:4-9) сухан меронад. Ҳол он ки бисёриҳо аз сабаби надоштани имон ҷон доданд.

Дар оятҳои 14 ва 15 Исо марги худ ва натиҷаи имонро ба қисме аз мардумон пешгӯӣ мекунад.

Ҳамаи ин дар Юҳанно 3:16 гуфта шудааст. Андоза (ҷаҳон), қувва (хеле зиёд), арзиш (фақат Писар ӯ), дарбаргиранда (ҳама), вазъият (имон), натиҷа (ҳаёти ҷовидонӣ)-ҳама аз сабаби муҳаббат.

Ин чунин одаме буд, ки Ниқӯдимус барояш рӯзе ҳимоя пешниҳод кард ва баъдтар ҷисмашро барои дафн тайёр кардан ёрӣ дода буд.

<u>Инсон миёни инсонҳо дар деҳа (3:22-30)</u>

Исо ва шогирдонаш Ерусалимро тарк карда ба Яҳудо рафтанд. Ерусалим дар музофоти Яҳудо воқеъ гардида буд. Онҳо шаҳрро монда ба минтақаҳои деҳотӣ рафтанд.

Шогирдони Исо таъмид шуданд, чуноне ки Яҳёи Таъмидкунанда карда буд. Дар он ҷо, ҷои махсус буд, ки барои таъмид хеле мувофиқ буд, чаро ки оби бисёре дошт. Чун онҳо бо яҳудӣ оиди амали шустани динӣ сӯҳбат карданд дар миёни шогирдони Яҳё саволе ба миён омад. Ва онҳо аз Исо пурсон шуданд. Яҳё тез ин ҳолати қулайро истифода бурд, то ин ки Исоро ҳамчун фиристодаи Худо, Масеҳи ягона ва ҳақиқӣ, ки қудрати Худододагӣ дорад мадҳу сано гӯяд.

Яҳё ба пайравонаш гуфт, ки ӯ домод нест, ӯ беҳтарин одами домод буд, ки роҳро барои домод тоза мекард. Исо домод буд, инсони рӯз буд. Дар ояти 29 Яҳё мегӯяд, ки арӯс ба домод тааллуқ дорад. ӯ гуфтанӣ буд, ки имондорон арӯс ҳастанд ва Исо домод ҳаст ва онҳо ба ӯ тааллуқ доранд.

Диққататонро ба домод ҷалб кунед, на ба одами беҳтарини домод. Яҳё мегӯяд, «ӯ бояд  нашъунамо ёбад ва ман завол  ёбам».

**Хотима (3:31-36)**

*Он ки аз боло меояд аз ҳама болотар аст.* (3:31)

ӯ яке аз пайғамбарони бешуморе нест. ӯ яке аз одамон нест. ӯ инсоне андар миёни инсонҳост, бо ҳама қудрати Худованд.

Ба фикри мо ҳама абадияти мо ба Исо вобастагӣ дорад. Агар мо тамоман ба ӯ ҳамчун Писари Худо боварӣ ва эътимод орем он гоҳ ҳаёти мо асло тамом намешавад. Дар сифати ӯ ин абадист ва давомдор аст. Он пардохта мешавад, вале мо бояд онро ҳамчун тӯҳфа қабул кунем, ки пеш аз, ба василаи, ва ба воситаи инсон андар миёни Инсонҳо-Исо омадааст.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чиро мефаҳмонад?

1. Диндор зода шудан маънои масеҳиро надорад.

2. Тавлиди дуюм аз боло, ба василаи қудрати Рӯҳулқудс, зарур аст барои касоне, ки метавонанд масеҳӣ бошанд.

3. Калисо ё маросимҳо наҷот намебахшанд.

4. Тавлиди нав инсонро чунон дигаргун мекунад, ки медонад, кай ӯ аз нав таваллуд шудааст.

5. Имон-калидест барои дохил шудан ба Малакути Худо.

6. Сухани «Ҳамаи мо имон дорем» ҳеҷ касро ба биҳишт намебарад.

7. Таблиққунанда, роҳиб, ё рафиқ ки ба мо Хабари Хуш расониданд завол меёбад, вале Исо бояд нашъунамо ёбад (3:31). Исо сарвари ҳаррӯзаи мост.

**Пеш аз оне, ки фасли ояндаро оғоз кунед ин оятҳоро аз ёд кунед. Юҳанно 3:3, 16, 18 ва 36.**

**Нақша**

**I. Исо Яҳудоро тарк мекунад. (Юҳанно 4:1-4)**

**II. Имон дар сафар ба шахси рондашуда умед мебахшад. (4:1-42)**

**III. Имон дар сафар ба бача ҳаёт меоварад. (4:46-54)**

**Имон дар сафар**

Ҳар ҷое, ки Худо меравад, ҳамчунин имони ӯ низ меравад. Агар кас масеҳии ҳақиқӣ аст, ӯ имони худро ҳар ҷое, ки меравад бо худ мегирад. Мо ин ҳамаро дар мисоли Павлус дар зиндон (Аъмол 16) ва Филиппус дар биёбон (Аъмол 8) равшан дида метавонем. Имонеро, ки бо дигарон бо ҳам намебинӣ баробари надоштани он аст. Исо дар бо дигарон бо ҳам дидани имон ва ба ин роҳ дар ба имон овардани дигарон намуна мебошад.

Дар муддати чор ё шаш ҳафтаи рӯҳонияти худ, Исо, Петрус, Филиппус, Андриёс, Яҳё, Натанъил ва сарвари динӣ Никӯдимусро ба шогирдони худ табдил дод.

Рӯҳро ба даст даровардан, ки қисми табиии ҳаёти масеҳӣ аст, наметавонад мавриди шубҳа бошад. Мо ҳамчунин усули инсон – ба - инсони Исоро қайд намоем. ӯ далер буд, ҳамзамон кордон ва дӯстдор буд. Ҳар куҷое, ки ӯ мерафт, ҳикояи умедаш бо ӯ буд.

<u>Имон дар сафар ба рондашуда умед мебахшад</u>

<u>(Юҳанно 4:1-42).</u>

Муваффақияти Исо ва Яҳёи Таъмиддиҳанда ба сарварони динӣ мушкилӣ овард. Он замоне, ки миёни анъанапарастон, озодандешии инқилобӣ сар мебардорад, он ҷо ҳамеша мушкили ба миён меояд.

Фарисиён хеле суннатпараст буданд, ва Исою Яҳёи Таъмиддиҳанда мувофиқи суннати онҳо амал намекунанд. Посухи фарисиён сабаби ба дигар музофот фиристодани Исо буд. ӯ Яҳудоро тарк карда ба Ҷалил рафт. Вале ӯ ба воситаи Сомария ҳаракат кард.

Аз ин ҳикоя мо дар меёбем, ки агар мо бо иродаи Худо амал кунем, ҳатто дар вақтҳои душвортарин барои хизмат шароити қулай хоҳад омад. Бо вуҷуди аз хастагӣ дардманд гаштани пойҳо, Исо барои рӯҳоният дар ҷойҳое, ки интизораш набуданд фурсат меёфт.

Чун муносибати сарварони динии Яҳудо нисбати Исо хуб набуд, муддати дарозе сомариён ҳамаи яҳудиёнро бад медиданд. Яҳудиён чунин фикр доштанд, ки сомариён дунажода буданд. Исо акнун ба минтақаҳои онҳо дохил шуд. Албатта ӯ кӯшиш намекунад, ки имонашро миёни душманони маълум ҷорӣ кунад. Онҳо шояд аз болои ӯ механданд ва ба ӯ зиёне ҳам мерасонанд.

Дар гармои рӯз, Исо бо шогирдонаш ба чоҳи Еқуб, ки наздикии шаҳри Сухар ҷойгир шуда буд расид. Бо Юҳанно ки сурати илоҳиро нишон медод, Исои фавқуттабиӣ, ҳар нигоҳи инсонии ӯ маъонои махсусе дошт. Он яке, ки барои истироҳат додан омад, хаста шуд. ӯ назди чоҳ дам гирифт (4:6).

Одатан занҳо барои об баъди офтобнишин, вақте ки ҳаво каме салқинтар мешавад, меомаданд. Вале дар ин ҷо зане бо хислати номафҳуме буд, шояд барои ба чашмони бади дигарон нанамудан барвақттар омада буд.

Саҳна аҷоиб аст. Шогирдон барои харидани хӯрокворӣ ба шаҳр рафтанд. Исо, поктарин, комилтарин Писари Худо, танҳо монд. Зан, сомарии нафратангез, рондашуда, ба сӯи чоҳ омад. Барои раббӣ (устод) бо ягон зан гап задан расм набуд. Сӯҳбати яҳудӣ ва сомарӣ хеле қайриоддӣ буд.

Оё Исо қалат карда буд? Оё обрӯяш паст мешавад? Не. ӯ аллакай фаҳмид, ки ӯ касест, ки бо гунаҳкорон нишастааст.

Исо сӯҳбатро бо пурсидани оби нушокӣ сар кард. Зан дар ҳайрат афтод, ки Исо бо ӯ гап мезанад. Нисбати атои Худовандӣ ӯ ҷавоби зебое гуфт. *«Агар атои Худоро медонистӣ, ва кист, ки ба ту мегӯяд: «Ба ман барои нӯшидан об деҳ, ҳоло худат аз ӯ хоҳиш мекардӣ, ва ӯ ба ту оби ҳаёт медод».* (4:10) Беҳтарин чизҳои Худо, тӯҳфаҳо- нур, ҳаво, зебоии табиӣ, саломатӣ, муҳаббат, Писари ӯ, ҳаёти Ҷовидонӣ мебошанд. Инҳоро харид кардан амри маҳол аст. Дар ин оят мо талаботи асосиро мебинем, Атои Худовандии ҳаёти ҷовидонӣ бояд пурсида шавад. Ин шариати осмонӣ аст. Дуогӯй воситаи лозимӣ аст. Ин фикр моро бо эътиқоде мерасонад, ки агар мо дониши пурратар дорем, мо шояд бештар дуо мегӯем. «Агар Шумо фақат медонистед».

Вақте ки шахси беимон бо ҳақиқати аниқи рӯҳонӣ рӯ ба рӯ шавад, ӯ одатан кӯшиш мекунад аз онҳо дурӣ ҷӯяд. Якчанд роҳи ин амал мавҷуд ҳаст. Зан бо чор роҳҳои гуногун кӯшиш намуд:

1. Аввал ӯ амал намуд, ки гӯё ӯ намефаҳмад. (4:11) *«Ту зарфе надорӣ ва чоҳ чуқур аст».*

2. Пас ӯ шӯхиро бо кор бурд, вақте ки дар ояти 15 мегӯяд: *«Ба ман аз он об деҳ, то ки дигар ташна намонам ва ба ин ҷо барои об кашидан наоям».* ӯ Исоро ба таври ҷиддӣ қабул накард.

Ногаҳон Исо рафти фикрашро тақйир дод ва аз он зан хоҳиш кард, ки рафта шавҳарашро фарёд кунад (4:16). Ин занро водор сохт, ки аз кӯшиши сеюмаш даст кашад.

3. Зан фиреб кард вақте ки гуфт: «Ман шавҳар надорам». ӯ ҳарду - ҳам дурӯғ мегуфт ва ҳам ҳақиқатро, чун Исо гуфт, ки ӯ панҷ шавҳар дошт. Исо ба нуқтаи таъсирбахши мушкилии гуноҳ омад. Ин каме ошкоро ва далеронатар ҳисоб карда мешавад. Ин амрест, ки инсон пеш аз оне, ки тавба барояш имконпазир аст, худро ҳамчун гунаҳкор мешиносад. Ин он вақт аст, ки гуноҳ хабари хуш мешавад. Танҳо он вақте, ки ин хабарҳо маълум мешаванд, инсон метавонад наҷот ёбад. Фақат муқобили <u>пешгоҳи</u> сиёҳи гуноҳ кафорат хабари хуш шуда метавонад. Агар таблиқгар ягон хабари зишти гуноҳро надорад, ӯ ҳамчунин ягон хабари зебогии омурзишро нахоҳад дошт.

4. Зан роҳи чоруми канораҷӯӣ аз Исоро ба кор бурд. ӯ далелро пеш овард (4:20). Вақте ки ба чизҳои амиқ, хусусӣ, таъсирбахши виҷдон даст расонда шаванд, одамон аксаран оиди чизҳои зоҳирӣ, маросим, расму оинҳо мубоҳиса мекунанд. Зан масъалаи макони дурусти парастишро пеш овард. Онҳо дар назди кӯҳи Серизин буданд ва ӯ дар ояти 20 гуфта буд, *«Падарони сомарии мо дар болои ин кӯҳ парастиш мекарданд». Ин кӯҳе буд, ки Худо онро муқаддас карда буд, чӣ хеле ки сомариҳо мегӯянд.* Яҳудиён эътиқод доштанд, ки макони парастиш кӯҳи Мория дар Ерусалим мебошад.

Шумо дарк кардед, ки зан аллакай розӣ шуд, ки Исо пайқамбар аст, вале ӯ худро дар назди яҳудӣ нороҳат ҳис  кард, барои ҳамин ӯ «фарқияти мазҳабиро» пеш гузошт.

Бисёр одамон сӯҳбат карданро оиди масъалаи фарқиятҳои мазҳабии зоҳирқ нисбати таҷрибаи шахсии аз нав таваллуд шудан авлотар медонанд.

Исо далели пештараро ҳамчун зина барои ошкор намудани ҳақиқати бузург дар бораи табиати аслии Худо ва парастиши ҳақиқӣ истифода бурд (4:24).

Зан аз мавзӯи сӯҳбат берун баромада чунин гуфт, *«Медонам, ки Христос, яъне Масеҳ меояд: чун ӯ ояд, аз ҳар чиз ба мо хабар хоҳад дод». Исо ба вай гуфт, «Ман, ки бо ту сухан мегӯям, ҳамонам».* (4:25-26)

Шогирдон баргаштанд ва чун дарёфтанд, ки Исо бо зан сӯҳбат мекунад дар тааҷҷуб монданд. Зан кӯзаашро назди чоҳ гузошта, ба сӯи шаҳр давид, ва ба ҳамагон дар бораи ин одам, ки аз дили ӯ бохабар аст, нақл  кардан гирифт. Агар ӯ ба таври қатъӣ мегуфт, ки Исо Масеҳ буд, эҳтимол аз сабаби обрӯяш онҳо ба ӯ бовар намекарданд. Бо каме нобоварӣ чун ӯ ин ҳикояро нақл  кард, ӯ гуфт, «Оё ӯ Масеҳ аст?» Ва онҳо равона шуданд, то ӯро бинанд.

Ҳамзамон, дар назди чоҳ, аз истеъмоли хӯрок даст кашид, чаро ки ӯ аз иҷрои иродаи Худо хеле ҳам  қаноатманд буд. Аз хушӣ, хӯрок ва ҷисм дида чизҳои муҳимтаре низ  мавҷуд ҳастанд.

Чун мардуми шаҳр барои дидани ӯ омаданд, ӯ масали кӯҳнаро ба забон овард, *«Оё Шумо намегӯед, ки боз чор моҳ мондааст, ва дарав фаро хоҳад расид? Инак, Ман ба шумо мегӯям: чашмони худро боло карда, киштзорро бубинед, ки барои дарав сафед шудааст.* (4:35) Исо дар бораи оммаи  халқе, ки барои

шунидани пайқом меомаданд, гап мезад.

Бисьёриҳо бо суханони зан имон оварданд. Шумо метавонед бигӯед, «Ман ҳеҷ касро бовар кунондан наметавонам». Агар шумо ҳақиқатан эътиқод доред, метавонед, каси дигареро ҳам эътиқодманд намоед.

Ин ҳикоя ба мо нақл мекунад, ки на танҳо ҳар имондор метавонад шоҳиди таъсирбахш бошад, ҳамчунин он ба мо нақл мекунад, ки ҳар инсоне ки ҳақиқатан имон дорад, бояд шоҳид бошад.

Зан ҳангоми ба шаҳр баргаштан дигаргун буд. ӯ тақйир ёфт, ва мардумон ба ӯ гӯш мекарданд.

Барои бисёриҳо, ҳисси кунҷковӣ ба имон табдил ёфт, вақте онҳо Исоро диданд ва суханҳояшро шуниданд. Ба таври қавӣ онҳо дар ояти 42 гуфта метавонанд: «Мо медонем».

<u>Имон дар сафар ба писарбача ҳаёт меорад. (4:46-53)</u>

Охир Исо ба Ҷалил меояд. Дар ин ҷо дар Қоно ӯ бо дарборие, ки писараш дар Кофарнаҳум бемор буд вомехӯрад. Дарборӣ ӯро ба Кофарнаҳум даъват кард, то ин ки писараш вафот накунад. Исо ба он мард гуфт, «Шумо интизори мӯъҷизаи дигар ҳастед. Ба ҷои инкори суханони ӯ, он мард гуфт: *«Эй оқо! Пеш аз оне, ки писарам бимирад, биё».*

*Исо ба вай бигуфт: «Бирав, ки писарат зинда аст».* (4:49-50) Ин суханҳои зебо ва тавоноанд. Вай ба суханоне, ки Исо гуфт, имон оварда, равона шуд. (ояти 50 ).

Имон натиҷа меорад. Имон одамонро ва баъзан шароитро тағйир медиҳад. Он мардро хизматгоронаш бо хабари шифо ёфтани писараш пешвоз гирифтанд.

Аз Яҳудои душман, ба Сомарияи зишт, ба Ҷалили дӯст, Исо асари тағйири имонро монд.

Имони худро аз дигарон пинҳон намудан бадахлоқӣ мебошад. Имони зинда ин онро бо дигарон бо ҳам дидан аст.

Агар ҳаёти шумо мувофиқи роҳи имон дигар шуд, ин аз сабаби файзи Худо ва аз сабаби оне, ки дигарон ин имонро бо ту бо ҳам диданд.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ мебахшад?

1. Ҳар шахсе, ки бисьёр гунаҳкор аст, наҷот намеёбад.

2. Худо ҳар касеро, ки имонро бо дигарон бо ҳам мебинад, баракат хоҳад дод.

3. Ҳама ба муҳаббати мо ниёз доранд - ҳатто бенавоён, бадкорон ва нохубон.

4. Зарур аст, ки мо чашмҳоямонро кушода, хешон ва ҳамсояҳои наҷот

наёфтаи худро бубинем ва онҳоро ба сӯи Исо роҳнамоӣ кунем.

5. Мо соҳиби Каломи Худо ҳастем. Агар мо ба Каломи ӯ итоат кунем, мо ва олами атрофи мо тағйир хоҳад ёфт.

6. Имон бояд бо дигарон бо ҳам дида шавад.

7. Имсол туро ки ба сӯи Исо мебарад?

**<u>Пеш аз омӯхтани фасли оянда ин оятҳоро аз ёд кун: Юҳанно 4:24.</u>**

# ЮҲАННО 5

**Нақша**

**I . Мард  шифо ёфт (Юҳанно 5:1-9).**

**II. Муқобилият аз тарафи яҳудиён нишон дода шуд (5:10-18).**

А. Шариати яҳудиён оиди рӯзи Шанбе (5:10-16).

В. Исо мегӯяд, ки ӯ бо Худо баробар аст (5:17-18).

**III. Исо сабақ медиҳад.**

А. Асоси тавоноии Исо дар муносибати махсуси ӯ бо Падар мебошад.

В. Кори махсусе, ки ба Исо супурда шудааст.

1. Эҳёи мурдагон (5:21).

2. Доварӣ (5:22).

С. Эҳтироми махсуси ба Исо дода шуда (5:23).

**IV. Шоҳидӣ барои Исо (5:30-40).**

А. Шаҳодат ва талаботҳои ӯ (5:31).

Б. Яҳёи Таъмиддиҳанда (5:32-35).

**V. Яҳудиён айбдор шуданд (5:41-47).**

## Ошӯбгарии бо сабаб

**Аз оқози рӯҳонияти Исо, ҳатто дар таваллудаш, ӯ аз дигарон тафовут дошт. Дар фасли 5 ӯ ба мубоҳисаи аввалин бо сарварони динии давраи худ дохил шуд. Чун касе ин зиддиятҳоро аз фасли 5 то 11 омӯзад, ба чашм чунин мерасад, ки Исо ин зиддиятҳоро барқасдона ба вуҷуд овард. ӯ шариатҳои рӯзи шанберо медонист, ҳамзамон онҳоро вайрон мекард. Шариатҳоеро, ки ӯ вайрон мекард, офаридаи Худо набуданд, балки тафсирҳои инсонии шариати Худо буданд. Исо қоидаҳо ва қонунҳои инсонсохтаро муқаддас ҳисоб намекард. ӯ бо бисёр таълимотҳо, қоидаҳо ва расму оинҳое, ки калисоҳои ҳозира илова кардаанд зиддият дошт.**

**Ин зиддиятҳо бо ҳокимон то марги *Лаъзор* дар Юҳанно 11 давом доштанд. Исо даъвои қайримуқарарии бо Худо баробар будан ва доштани қудрат ва қувваи баробари Худоро кард. Дар *амал* собит намудани ин даъво, ба мисли аз қабр эҳё кардани *Лаъзор* аз тавоноии мазҳабии ӯ шаҳодат медиҳад, барои ҳамин онҳо ӯро куштанд.**

**Муҳит (5 :1-9)**

Дар давраи иди мазҳабӣ Исо дар Ерусалим буд. Дар он ҷо ҳавзи об буду беморон интизор буданд ва умед доштанд, ки об онҳоро шифо мебахшад. Одамон фикр мекарданд, ки ҳавзи об дорои шифобахшии махсус аст. Ин мумкин буд, чунки баъзе вақтҳо минералҳои тоза ба ин ҳавз ҷорӣ мешуданд. Ҳоло дар ҷаҳон бисёр ҳавзҳои об мавҷуданд ва одамони зиёде он ҷо рафта саломатиашонро беҳ мекунанд. Шояд онҳо минералҳои махсус доранд, ки аз таги замин меоянд. Исо қудрати шифобахшии обро эътироф намекард.

Ин ҷои серодаме буд, ки одамон ин ҷо барои иҷрои эҳтиёҷоташон меомаданд. Ин ҷои муқаррарии шунидани ҳар гуна овозаҳо буд. Номи ошӯбгар - Исо низ ба гӯш мерасид. ӯ шахси ба ҳама нофаҳмо буд, ва эҳтимол ба онҳо кӯмак карда

тавонад. Онҳо шуниданд, ки ӯ мӯъҷизаҳо мекунад.

Исо ба шахсе, ки 38 сол бемор буд саволи аҷибе дод. ӯ пурсид: «Оё мехоҳӣ, ки шифо ёбӣ?». Ин ба он далолат мекунад, ки гӯё баъзе беморон шифо ёфтан намехоҳанд. Шояд ин мард аз қам ва дилсӯзӣ лаззат мебурд. Мумкин ӯ намехост, ки бо масъулияти ҳаёт рӯ ба рӯ бошад. Шояд Исо ин суолро барои он дод, ки бубинад, оё ин мард аз зиндагӣ ноумед аст ё не. Сабаби дигари пурсидани ин суол мумкин он буд, ки Исо мехост ба воситаи мард хатари вайрон кардани рӯзи Шанберо бифаҳмад.

<u>Исо се бор фармон дод.</u>

1. «Бихез». Ин коре буд, ки мард карда наметавонист. Тӯли 38 соли охир ӯ роҳ намерафт. Пойҳояш хурд буданд ва аз сабаби беҳаракатӣ хушк шуда буданд. Ин табиати шӯришгарро ошкор мекард: ӯ чизи номумкинро интизор буд.

2. «Ҷойгаҳатро бардор». Шумо ин ҳолро тасаввур карда метавонед? Чӣ мешуд агар ӯ хеста наметавонист? Чӣ мешуд агар ӯ каме аз ҷой мехест ва боз меафтид? Тарк кардани ҷойгаҳ дар ҳолате, ки ӯ боз ба он эҳтиёҷ дорад: Вале Исо ба ӯ гуфт, ки ҷойгаҳро бардошта дигар бемор нахоҳед шуд. Баъзе одамон рӯҳан аз хестан шарм медоранд, чаро ки онҳо метарсанд, ки ин корро давом дода наметавонанд.

Боз мо шоҳиди табиати шӯришгари Исо шудем, чун ки ӯ шариати Рӯзи Шанберо медонист, ки бардошта бурдани ҷойгаҳ манъ буд.

Бо вуҷуди ин ӯ ба мард фармон дод, ки ҷойгаҳашро гирифта равад. Ин амали эътирофнашудаю барқасдона ва муқобили меъёрҳои қабулшуда буд. Исо метавонист оҳистакак мардро шифо бахшад ва нагӯяд, ки ҷойгаҳашро гирифта

барад.

3. «Бирав». Ин фармони сеюм буд, ки аз тарафи Исо ба марди бемор дода шуд. Аз ҷо хестан талаби имон буд. Роҳ рафтан нишон додани ин имон буд. Сабақи илоҳиро дар ин ҷо омӯхтан мумкин аст. Исо ҳаргиз инсонро танҳо барои истодан ба по нахезонд. Зарур буд, ки имон наҷот дода шавад, вале роҳ рафтан дар ҳаёти масеҳӣ далели имони ҳақиқӣ аст. Касе, ки дар як ҷо мешинад наҷот намеёбад, балки ба воситаи хизмат наҷот меёбад.

Шифо додан ба ин мард барои зиддият асос гузошт.

<u>Исо ба муқобилият дучор мешавад (5:9б-18).</u>

Мавзӯъ Рӯзи Шанбе буд. Диққат кунед, ки яҳудиён шифобахширо маҳкум намекарданд. Онҳо бурдани ҷойгаҳро маҳкум мекарданд. (5:10)

Рӯзи Шанбе рӯзи истироҳат буд. Дар Аҳди Қадим Рӯзи Шанбе рӯзи Шанбе буд. Исо Рӯзи Шанберо бо он тарзе, ки сарварони динӣ ин рӯз мекарданд, эҳтиром намекард. Рӯзи Шанбе нисбати заруриятҳои мардум муҳимтар мешуд. Санҷиши имони шахс он буд, ки оё ӯ Рӯзи Шанберо ба таври пурра иҷро мекунад ё не. Исо инро маҳкум карда гуфт: *«Шанбе барои инсон муқаррар шудааст, на инсон барои шанбе».* (Марқӯс 2:27)

Баъди омадани Исои Масеҳ ва эҳёшавии ӯ, аз тарафи Исо ва ҳаввориёни ӯ рӯзи нав ҷорӣ шуд. Рӯзи навро Рӯзи Якшанбе номиданд. Исо аз қабр дар рӯзи Якшанбе, субҳдам эҳё шуд. Ин рӯз аввали ҳафта буд, имрӯзҳо низ чунин аст.

Ҳоло ҳам одамоне ҳастанд, ки оиди Рӯзи якшанбеи ҳақиқӣ баҳс карданро

дӯст медоранд. Инҳо хешони рӯҳонии мухолифони динии давраи Исо мебошанд. Онҳо вақти худро дар расмиятпарастӣ гузаронда кӯшиш мекунанд, ки ҳолати рӯзи Шанберо исбот кунанд ва Худованди Рӯзи Шанберо инкор мекунанд.

Барои одамон рӯзи махсусе барои истироҳат ва парастиш даркор нест. Махсус ҷудо кардани  Шанбе ё Якшанбе инсонро фарзанди Худо намекунад. Танҳо Исо, Худованд метавонад инсонро фарзанди Худо кунад. Ҳокимон аввал марди шифоёфтаро маҳкум  карданд. Сипас онҳо Исоро таъқиб карданд, чунки ӯ дар Рӯзи Шанбе мардро шифо бахшид.

(5:16)

Исо аз тарс пас нагашт, балки бо онҳо ба зиддият баромад. Дар ояти 17 ӯ гуфт: *«Падари Ман то кунун кор мекард, ва ман ҳам кор мекунам»*. ӯ на танҳо талаб кард, ки ӯ Худованди Рӯзи Шанбе аст, ӯ Худоро бо амалҳои худ алоқаманд намуд. ӯ изҳор мекард, ки Худо низ кор карда буд. ӯ ва Худо дар шикаста партофтани анъанаҳои бехудоии ҳокимони динӣ ҳамроҳ буданд.

Исо ақидаи зиддиятро барои таълими дарс истифода бурд (5:19-30).

Исо изҳор мекард, ки қудрати ӯ дар муносибати ягона доштан бо Худо асос ёфтааст.

Мавзӯи оятҳои 19-30: Падар ва Писар як ҳастанд.

Ду амали илоҳӣ ба Исо дода шуда буданд: Эҳёшавӣ (5:21, 28) ва Доварӣ (5:22, 27). Худо ба Исо ин қувва, тавоноӣ ва масъулиятро дода буд.

Ояти 23 муҳим аст. Баъзе мазҳабҳои динӣ мегӯянд, ки Исо Худои хурд аст, аз Худо хурдтар аст. Исо дар бораи муносибати ягона бо Падар - як ва ягона будан таълим медиҳад. «Як ва ягона» он маъно дорад, ки онҳо як ҳастанд, ҳамзамон онҳо ду нафар бо ягонагӣ дар ҳама соҳа: «*…. Ҳама Писарро эҳтиром кунанд, ончунон, ки Падарро эҳтиром кунанд*». (Юҳанно 23)

Инсон он вақт наҷот меёбад агар ӯ Худо ва Исоро, чуноне ки онҳо талаб мекунанд, қабул кунад. (5:24)

Ояти 24-ро бояд ҳамаи имондорон донанд. Дар он омадааст, кӣ метавонад наҷот ёбад - **ҳар кас**. Он дар бораи эҳтиёҷи пайқом мегӯяд - **шунидан**. Он оиди зарурияти пайқом нақл мекунад - **суханҳои ман**. Он мегӯяд, чӣ бояд кард то ин ки наҷот ёфт - **имон**. Он мегӯяд, ки мақсади имон чист - **Худо**. Он мегӯяд, ки натиҷаи имон чист - **ҳаёти абадӣ**.

Ҳамаи таълимотҳои Исо аз таълимотҳои сарварони динӣ, ки талабгори ҳукмронии пурраи дини замин буданд, тафовут дошт. Исои Шӯришгар омад, далерона ҳамаи ҳукмрониро дар замин ва осмон талаб мекард. Сарварони динӣ таълим медоданд, ки ба пеши Худо ба василаи иҷрокунии Шариат расидан мумкин аст. Исои Шӯришгар омад, далерона ҳукмронии шахсиро барои додани хати абадӣ талаб мекард.

(5:26)

Тамом кардани таълимоти худ дар чунин ҳолат, Исо эълон кард, ки ӯ шоҳидон дорад, ки барои талаб кардан ӯро тарафдорӣ мекунанд.

1. Шаҳодати ӯ, ки онҳо шуниданд.

2. Шаҳодати Яҳёи Таъмиддиҳанда, арзишнок вале нокифоя буд.

(5:32-35)

3. Коре, ки Исо кард. (5:36) Кори меҳрубонии ӯ, мӯъҷизаҳои ӯ, шаҳодат медоданд, ки ӯ он касе буд, ки даъво мекард - Писари Худо –баробар бо Худо.

4. Худо - Падар аз номи Худ гап зад. (5:37-38)

Суханҳои Худоро ҳангоми таъмиди Исо ба ёд оваред, *«Ин аст Писари Маҳбуби ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар ӯст».* (Матто 3:17)

Баъди шифоёбии мард дар Рӯзи Шанбе ва қаҳркунии ҳокимони яҳудӣ, баъди даъво кардани баробарӣ бо Худо дар ҳуқуқи додани ҳаёт ва доварӣ, Исо бо маҳкумкунии яҳудиён хотима мебахшад (5:41-47).

Исо меҳрубон буд, ҳамзамон ӯ далерона сухан мекард. Нишон додани меҳрубонӣ ва муҳаббат аз хеле эҳтиёткор будан ва нарасидан ба нафси дигарон далолат мекунад. Муҳаббат ба шахс гуфтан дар бораи даҳшати гуноҳ ва оқибатҳои онро дар бар мегирад. Муҳаббат ислоҳ мекунад ҳарчанд ин дарднок аст. Исо қайримуқаррарӣ буд : Бештар ӯро хуш намедиданд, чаро ки ӯ Шӯришгар буд. ӯро бад медиданд. ӯ мурд. Барои он ки ӯ дар байни ноҳақон зиндагӣ мекард ва ҳақиқатро мегуфт.

<u>Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ мебахшад?</u>

1. Мо бояд расму русуми диниро пайравӣ кунем, агар онҳо Инҷилӣ бошанд.

2. Итоаткорӣ ба фармонҳои Исо шодӣ ва саломатӣ меорад.

3. Ҳеҷ кас наметавонад гунаҳкории худро шифо бахшад, агар ӯ хоҳиш надорад ва аз Худо кӯмак намепурсад.

4. Исо офаридгори Худо нест. Исо Худо аст ва бо Худо баробар аст.

Пеш аз оне, ки фасли ояндаро сар кунед ин оятро аз ёд кунед. Юҳанно 5:24.

## ЮҲАННО 6

Нақша

1. Исо мардумони зиёдеро хӯрок медиҳад. (Юҳанно 6:1-15)

2. Исо бар об қадам мезанад. (6:16-21)

3. Мардумон дар ҷустуҷӯи Исо. (6:22-24)

4. Мусоҳибаҳо дар Кофарнаҳум ба вуқӯъ пайвастанд. (6:25-29)

5. Одамон бо таълимоти Исо аксуламалро омехта карданд. (6:60-71)

А. Аксарият. (6:60-66)

Б. Ақаллият . (6:67-71)

**Нон аз Осмон**

Исо изҳор мекард, ки ӯ сарчашма ва пуштибони ҳаёт - ҳаёти осмонӣ мебошад.Чун хӯрок дар тан аст, ҳамчунин Исо мегӯяд, ки ӯ дар рӯҳ аст. Хӯрок

ҷисмро муддати кӯтоҳ нигоҳ медорад. Исо бошад ҷонро абадан нигоҳ медорад. Хӯрок муваққатан муҳофизат мекунад, Исо абадан муҳофизат мекунад.

Дар фасли 6 мо ду нишонаи бузургеро, ки аз тарафи Исо нишон дода шуда буданд мебинем. Инҳо нишонаҳои чорум ва панҷум, ки дар Инҷили Юҳанно дарёфт шудаанд. Ин нишонаҳо хӯрондани мардумони зиёд ва роҳ рафтан аз болои об мебошанд, ки барои мухолифати дуюми бузург дар роҳи Калворӣ фурсат ва асос пайдо кард.

Исо мардумони зиёдеро хӯрок медиҳад (6:1-15)

Ин танҳо як мӯъҷизоти Исо мебошад, ки дар ҳар Чор Инҷил сабт шудааст.

Ин аҷоиб аст, ки писарбачае хурде тавонист дар Каломи Худо сарсуханҳое созад. Инҳо натиҷаи таслим ҳастанд.

Исо маълуму машҳур буд. Барои бисёриҳо ин маънои озодона нишон додани мӯъҷизот мебошад, ҳарчанд он хоҳиши Исо набуд. Панҷ ҳазор мард, ба қайр аз занон ва кӯдакон дар атрофи ӯ ҷамъ шуданд. Ин нуқтаи танҳо ва ором буд, вале на ҳозир. Ин дар арафаи хӯроки нисфирӯзӣ буд, ва мардум ба он тайёр набуданд. Шубҳае нест, ки шогирдон аз ҷамъ шудани чунин одамони зиёд асабонӣ буданд. Онҳо ҳатто раиси тартиботро даъват накарданд.

Исо Филиппусро пурсон шуд, ки аз куҷо онҳо хӯроки кофӣ дастрас кунанд. Филиппус сарашро хорида носанҷида гуфт, «Агар ба ҳама миқдори ночизе расад, он хеле қимат хоҳад буд». Дар ҳақиқат Исо имони Филиппусро санҷиданӣ буд, ва ин имон хеле кам буд.

***Мо намедонем, ки Андриюс шӯхӣ кард, ё ӯ имони комил дошт, вақте ки ӯ писарбачаеро ба пеши Исо овард ва дар дасташ панҷто нон ва ду моҳӣ дошт. Бо нигоҳи ноумедона Андриюс гуфт: «Кам аст, ҳамин тавр не?», агар ман аз моҳигирӣ ба хона ин хел кам меовардам, оилаам гурусна мемонд. Вале барои 5.000 нафар ин қайриимкон аст.***

Исо амр кард, ки одамон дар атрофи мизҳои алафӣ нишинанд. ӯ нон ва моҳиҳоро гирифта баракат дод (Эҳтимол мо бештар хоҳем дошт агар мо миннатпазир бошем. Оё мо пеш аз хӯроки гузашта ба Худо миннатдорӣ баён кардем?).

Хӯрок тақсим карда шуд, ва баъде ки мардум то чӣ андозае, ки тавонистанд истеъмол карданд, боқимондаашро ҷамъ карданд, Исо таълим медод, ки сарфакор бошем, вақте ӯ гуфт ки ҳар пораи нохӯрдаи нонро ҷамъ кунанд. Онҳо 12 сабадро пур карданд.

Чӣ заминаест барои таълими мардум оиди ҳақиқати бузурги илоҳӣ, ки Исо нони Осмонӣ аст, барои тамоми олам кофӣ аст.

<u>Исо дар баҳр қадам мезанад (6:16-21)</u>

Пеш аз оне, Ки Исо худро ҳамчун нони осмонӣ муаррифӣ кунад, фосилаи кӯтоҳе буд.

Исо аз оммаи мардум ҷудо шуда, ба теппа рафт ва он ҷо танҳо ба ибодат машқул шуд. Шогирдон ба кӯл рафта сафарашонро қад-қади Кофарнаҳум сар карданд. Дар чунин шаби торик ва шамол, мавҷҳо канораҳои киштиро

бошиддат шуста, тӯфон сахттар мешуд. Инҳо мардони баҳр буданд. Вале бо вуҷуди ин онҳо тарсиданд. Исо дар об қадамзанон омад. Ҳамчуноне, ки ӯ одатан ба мардумони бо душворӣ рӯ ба рӯ шуда мегуфт, ба шогирдонаш низ чунин гуфт: «Натарсед, ин Ман ҳастам». Онҳо ӯро ба киштӣ шинонданд, ва боқимондаи сафар вақти хеле камро гирифт. Библия чунин мегӯяд, ки худи ҳамон замон киштӣ ба соҳил расид. Бо тӯфон ва тарс, ҳар сафар ва ҳар рӯз хеле тӯлонӣ аст. Бо оромӣ, бехатарӣ ва бо ҷараён, гузаштани вақт ба назар намерасад.

Чӣ хеле, ки мо бояд дарсеро ки Исо ҳамеша бо мост, омӯзем, онгоҳ ҳоҷати тарс нахоҳад буд. Мавҷудияти тарс, набудани Исоро нишон медиҳад.

Ба шахсе, ки аз шабҳои торик дар тарс аст, Исо ҷавоб аст.

Ба шахсе, ки аз марг ва қабр метарсад, Исо ҷавоб аст.

Одамон дар ҷустуҷӯи Исо ҳастанд (6:22-24)

Рӯзи дигар одамон Исоро дар ҷое, ки ӯ одамони зиёдеро хӯрок дода буд, ҷустуҷӯ мекарданд. Онҳо рафтани ӯро надиданд ва фикр мекарданд, ки ӯ ба Кофарнаҳум баргашт. Онҳо ба киштиҳояшон баргаштанд ва ба Кофарнаҳум рафтанд он ҷо ӯро ёфтанд. Исо баъдтар бештар дар бораи оне, ки ӯ кист ва вазифааш дар замин чист ба мардум таълим медод

Нони Осмонӣ, нони Ҳаёт (6:25-59)

Исо изҳор намуд, ки мардум ӯро барои дарёфт кардани нони муфт ҷустуҷӯ мекарданд.

Ин ҳамеша душворҳ буд. Дар баъзе ҷойҳо бо якчанд доллар «Пайравони Исоро» харидан мумкин аст. Ман як гурӯҳеро медонам, ки аз мазҳаб ба мазҳаби дигар гаравиданд, танҳо барои он, ки ба онҳо пули зиёде ваъда карда шуда буд. Дар мамлакатҳои сусттараққӣ, гурӯҳи одамонеро, ки мазҳабашонро дигар мекарданд, агар ба онҳо ёрии моддӣ расонда шавад, ёфтан кори осон аст. Ин «Пайравон», албатта, масеҳиёни ҳақиқӣ нестанд, ва онҳо ба мисли он одамонеанд, ки аз паи Исо барои дарёфти нони муфт омада буданд.

Чаро мо пайравони Исо ҳастем? Оё мақсади мо хушбахтӣ  аст? Бехатарӣ? Шодӣ? Инҳо маҳсули фарзии шогирдӣ мебошад, вале онҳо ҳеҷ  гоҳ набояд мақсади асосӣ шаванд. Бисёриҳо бештар дар талаби нон ва моҳӣ ҳастанд, на Нони Ҳаёт- Исо.

Исо афзалиятҳои комилро ҷорӣ намуд, вақте ки ӯ ба хӯроке, ки абадист  ва ҳаёти абадӣ ато мекунад диққат ҷалб карданро талаб мекард. Худи ҳамон замон одамон ба хатогӣ роҳ доданд, вақте ки онҳо пурсиданд, ки барои писанди Худо шудан кори хубро ба анҷом расонанд (6:28). Одамон муддати зиёде  фикр мекарданд ки ба василаи кор наҷот меёбанд.

Роҳи ягонаи наҷот дар ояти 29 баён шудааст, вақте Исо мегӯяд, ки кори ягона ин имондорӣ аст. Мо медонем, ки баъди имон ба Исо корҳои хуб меоянд, чунки мо наҷот ёфтаем.

Рӯзи пеш одамон диданд, ки Исо нон дода буд, ҳоло онҳо нишон мепурсанд. Онҳо гуфтанд, «Авлодони мо дар биёбон нон (манн) хӯрданд». (Дар бораи манн шумо дар Хуруҷ 16:4-15 хонда метавонед). Одамон дар ҳайрат буданд, ки ӯ метавонад аз Мусо кори бузургтаре кунад. Исо гуфт, ки маннро Худо фиристод на Мӯсо.

Исо талаб мекунад, ки ӯ  Нон аст ва ба ҳамаи онҳое, ки ба ӯ ва кори ӯ имон доранд, ҳаёти ҳақиқии абадӣ мебахшад.

Манн дар биёбон аз тарафи Худо дода шуд ва ҷисмро муваққатан нигоҳ дошт. Вале одамон мурданд: он ҷо ҳадде буд, (6:32, 49) Исо гуфт, ки ӯ аз манн бузургтар аст, онҳое, ки ӯро мехӯранд ҷовидонӣ зиндагӣ хоҳанд кард.

Албатта одамон аслан ҷисм ва хуни Исоро намехӯранд. Исо дар ҳолате истифода бурда шудааст, ки хӯрдани нон ва моҳӣ аз тарафи оммаи мардум, ҳамчун шароити қуллай барои омӯзиши ҳақиқати илоҳӣ хизмат мекард. ӯ наздик будани маргашро дар назди оммаи мардум муаррифӣ карда буд, ки он замон ҷисм ва хунаш ҳамчун қурбонқ дода хоҳад шуд.

«Ҷисми ӯро хӯрдан» маънои ширкат варзидан дар хайру эҳсони шахсият ва кори Исоро дорад. Ин маънои ботинан пазируфтани ҳаёт ва мақсадҳои Исо мебошад. Ин сипас бароямон хӯрок мешавад, ки ҳаёти навро ҳосил мекунад (6:56). Мо набояд инро бо шоми Худоӣ аралаш кунем, ки то ҳол бо он шиносоӣ пайдо накардаем.

Дар ояти 57 Исо гуфт «Касе, ки Маро бихӯрад ба василаи Ман зинда хоҳад монд». Аз сабаби он, ки мо ба Исо ҳамчун озодкунанда ва Наҷотбахш имон дорем, мо ӯро ба зиндагии худ таклиф мекунем, ки ба мо раҳнамоӣ ва қувва бахшад.

Павлус бисёр вақт истилоҳи «Исо дар Ман», ё «Исо дар Ман, умеди ҷалол»-ро истифода мебарад. Аз сабаби имон ба ӯ Исо дар Мо зиндагӣ мекунад.

Ин ғояи пурра барои оммаи мардум қайриоддӣ буд, зеро онҳо интизор буданд, ки Исои Масеҳ Малакути пурқудрати заминиро ташкил медиҳад. Онҳо то кунун дар иштибоҳ буданд ва танҳо оиди сатҳи моддӣ фикр мекарданд.

**Мухолифат ва вақти хулосабарории махлутшуда (аралашшуда) (6:60-71)**

Ҳар касе, ки паёми равшани Исоро мешунавад, бо интихоб рӯ ба рӯ мешавад. Ин ихтиёрқ аст, вале ҳар кас бояд ба хулосае ояд. Одатан миқдори ками одамоне ҳастанд, ки ба Исо содиқ ҳастанд, ва бисёриҳо аз ӯ рӯй метобанд.

1. **<u>Аксарият рӯй гардонданд.</u>**

Онҳо мегӯянд «Ин сухан хеле мушкил аст». Ақидаҳои аз ҷиҳати ҷисмонӣ мавқеъиятёфтаи онҳо ин пайқомро пазируфта наметавонад. Ин ба мафҳуми маълуми онҳо оиди роҳи Худовандии озодкунӣ мувофиқ намеояд.

Имрӯзҳо бисёр диндорон, ки ақидаҳои қавии шахсӣ доранд, барои пазируфтани роҳи Худо душворӣ мекашанд. Бисёре аз ин ақидаҳо ба онҳое, ки оммаи мардуми дар гирди Исо омадаро ба ташвиш андохта буданд, монанд ҳастанд. Ин ба воситаи суоли «Чӣ бояд кард, то ин ки аъмоли писандидаи Худоро ба ҷо оварда бошем?» (Ояти 28). Одамон бисёр вақт аъмоли писандидаи Худоро мекушанд ва ба воситаи кӯшиши худ ба аъмол рӯй овардани мешаванд. Ин кори беҳуда аст.

Онҳое, ки рӯ гардондаанд имондорони ҳақиқӣ набуданд. Онҳо пайравоне буданд, ки ҳисси ҷӯяндагиро доштанд. Онҳо ҳеҷ вақт Худро ба Исо таслим накардаанд.

2. **<u>Миқдори каме ба ӯ пайравӣ карданд (6:67-71).</u>**

Масеҳияти ҳақиқӣ ихтиёрӣ аст. Исо ҳатто ба шогирдони наздикаш интихоби давом додани пайравӣ ё накарданро дода буд. Баъзе вақтҳо, ки аксарият аз ҳақиқат рӯй мегардонданд, барои аққалият, ки имондор монда буданд хеле душвор мешуд.

Баъзеҳо ба таъсироти иҷтимоии дар аққалият мавҷудбуда тоқат карда наметавонанд. Баъзе вақтҳо имондор мондан хеле гарон меафтад.

Вале он вақт оромии амиқ  меояд, ки касе қодир бошад,  ба Петрус бигӯяд, «Худовандо! Назди кӣ биравем? Суханони ҳаёти ҷовидонӣ назди туст, ва мо имон овардаем ва донистаем, ки ту Масеҳ -Писари Худои Ҳай ҳастӣ» (6:68).

**Хотима**

Кадом гурӯҳ қалаба кард? Агар аз рӯи рақам пайравӣ кунӣ онҳое, ки рӯй тофтанд, пирӯз буданд. Агар аз рӯи суботи имон ва маҳкум кардан муносибат намоӣ, он гоҳ аққалият қолиб буданд.

Ба кадом гурӯҳ шумо ҳамроҳ хоҳед шуд? Ин интихоби шумост ва шумо бояд интихоб намоед. Шумо бо хулосаи худ зиндагӣ мекунед, пас интихоби дуруст кунед, на интихоби осонтар ва  ба ҳама маълуму машҳур.

Тақдири ҷовидонии мо аз он вобастагӣ дорад, ки мо дар бораи Исо- -Нони Осмонӣ чӣ хулоса дорем. Хӯрдан ва зиндагӣ кардан.

***Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маъно мебахшад?***

1. Исо моро баракат медиҳад агар мо худро тамоман ба ӯ таслим  кунем.

2. Бешубҳа,зиндагӣ ба касе, ки мегӯяд: «Ман чизе надорам, ки даҳъяк бидиҳам» мушкил аст. Далели имони кам ва бо дигарон бо ҳам дидани миқдори каме ки мо дорем, метавонад сабаби доштани имони ночиз бошад.

3. Вақте, ки ташвишҳо пеш меоянд, Исо тайёр аст ёрӣ диҳад агар мо ба ӯ нигоҳ кунем.

4. Исоро танҳо барои бехатарӣ, хушнудӣ, ва фоидаҳои моддӣ пайравӣ кардан ин худпарастӣ аст.

5. Мо набояд шарм дошта бошем агар аксарият Исоро пайравӣ накунанд.

6. Масеҳии ҳақиқӣ ҳамеша дар аққалият аст. ӯ ҳамеша таҳти таъқиб ва азобу шиканҷа аз ҷониби аксарият мебошад.

**Оятҳо барои аз ёд кардан. Юҳанно 6:20, 37.**

**ЮҲАННО 7**

**Нақша**

**I. Тасодуф ё воқеъа: Иди Хаймаҳо (Юҳанно 7:1-18).**

**II. Исо дар ид гувоҳӣ медиҳад (7:10-39).**

А. Исо оиди сарчашмаи таълимоташ гувоҳӣ медиҳад (7:14-24).

1.Таълимоташ аз они Худаш нест, он аз они Худо аст (7:16).

2. Ҳақиқати (таълимоти ӯ) барои онҳое, ки хоҳиши ба ҷо овардани иродаи

Худоро доранд, дастрас аст (7:17).

3.Таълимоташ дар асоси хоҳиши ҷустани ҷалоли худ набуд (7:18).

В. Исо вобаста ба Масеҳ гувоҳӣ медиҳад (7:25-39).

**III. Ҷавоби мардум (7:40-52).**

А. Аққалият ба Исо имон оварданд (7:41, 50).

В. Аксарият ба Исо имон наоварданд (7:41б, 44-49).

**Шаҳодат дар маъбад**

Исо дар паҳн кардани Инҷил хеле босубот буд. Ӯ интизор набуд, ки муқобилонаш ба пеши ӯ меоянд: ӯ ба пеши онҳо мерафт. Ин маънии онро дорад, ки Исо таълимоти худро дар маъбад ё калисо мегузаронд. Он чизе, ки ӯ дар ин ҷойҳо мегуфт, нишон медод, ки ӯ ба сарварони динӣ ташвиш буд. Зиддияти зиёдшудаистода дар фасли 7-уми Инҷили Юҳанно ба чашм мерасад.

**Воқеъа: Исо дар Ҷалил**

Исо дар Ҷалил монд, чунки барояш ба Яҳудо баргаштан хатарнок буд. Бо вуҷуди ин ӯ ба хулосае омад, ки ба Иди Хаймаҳо, ба Ерусалим биравад. Дар роҳ ӯ аз оилааш хабар гирифт. Бародаронаш инчунин ба ид рафтанӣ буданд. Барои оилаҳои калон ва дӯстон якҷоя ба ид рафтан одат буд. Бародарони Исо дохилшавии ботантанаро ба Ерусалим бо аҳли оилаашон бо раҳнамоии марди мӯъҷизакор- Исо тасавур мекарданд. Шояд онҳо ба Исо гуфтанд, «Ҳоло фурсати хуб аст барои сиёсат». Оммаи халқ он ҷо хоҳанд буд ва онҳо дар бораи Исо ҳар хел гапҳо шунида буданд.

Исо нақшаи моддии бародаронашро дид ва эҳтимол фикрашро дар бораи ба ид рафтан дигар кард. Дар охир ӯ нахост, ки бо гурӯҳи калоне ба шаҳр ботантана ворид шавад.

ӯ ба бародаронаш гуфт, ки онҳо ба ид бираванд. Исо гуфт, ки ҳоло вақти ӯ наомадааст. Исо донист, ки одамон бародаронашро қам намедиҳанд, чунки онҳо низ монанди дигарон талаботу ғояҳои якхела доштанд. Ояти 8 ошкор месозад, ки Исоро барои доштани андешаҳои қавие, ки ба фикрҳои аксарият мувофиқ набуданд, бад медиданд.

**Исо дар ид доварӣ мекунад 7:14-24**

Иди хаймаҳо он рӯзҳоро хотиррасон мекунад, ки исроилиҳо дар биёбон, дар хаймаҳо зиндагӣ мекарданд. Ид 8 рӯз давом кард. Исо дар рӯзи чаҳорум худро ошкор кард.

1. **<u>Исо оиди сарчашмаи таълимоташ доварӣ мекунад.</u>**

Исо дар муносибаташ бо Худо Худро хеле бехатар ҳис менамуд ва ӯ бо тамоми тавоноиаш гап мезад. Ҳар гоҳе, ки ӯ сухан мегуфт мардум мехост ё ӯро бикушад, ё ӯро пайравӣ кунад.

Ҳар як масеҳӣ бояд дорои чунин далерӣ ва тавоноӣ бошад. Тавоноӣ ба дараҷаи додагии мактаб вобастагӣ надорад. Шаҳодатнома ё диплом он тавоноӣ ва таълимотеро, ки Исо дошт надоранд.

**2. <u>Мо бояд қайд кунем, ки Исо гуфт, таълимоташ аз они Худаш набуда, аз они Худо аст (7:16).</u>**

Яҳудиён дар ҳайрат монданд, ки Исо ин хел бисёр медонад, ҳол он ки ӯ ба ягон коллеҷе ё назди рабби (муаллимҳо) нарафтааст. Исо ҳамчун донишҷӯй дар бисёр мактабҳои Библия ва донишгоҳҳои динӣ сифат дода намешавад. Агар ӯ ба бисёр калисоҳои Иёлоти Амрико равад онҳо хоҳанд пурсид, ки ӯ кадом донишгоҳи диниро хатм кардааст. ӯ ба роҳиб он калисоҳоеро, ки дараҷаро бо қобилият як медонистанд сифат нахоҳад дод.

Исо муқобили маълумоти олӣ набуд, вале ӯ медонист, ки асрори қудрат ва хирад дар даъват ва хости Худо буд. Роҳиб метавонад нотиқи хуб бошад, вале нотавон. Эҳтиёҷи мо доштани сарварии Худододагии хирад ва қудрат мебошад.

Исо тез ба мардум гуфт, ки пайқом ва тарзи зиндагии ӯ аз Худо омадааст, на аз инсон. ӯ намунаи сазовор аст.

3. **<u>Исо ҳамчунин изҳор  кард, ки ҳар он касе, ки хоҳиши ба ҷо овардани иродаи Худоро дорад, метавонад таълимоти Худоро донад (7:17).</u>**

Худо ба мардуме, ки воқеан мехоҳанд дархостҳои ӯро иҷро намоянд, ҳақиқатро ошкор мекунад. Инсоне, ки мехоҳад баҳсу мунозира кунад ва файласуфона худро ҷалол бахшад, ҳақиқатро намефаҳмад (7:18).

Дар оятҳои 19-23 Исо диққаташро ба Мӯсо ва Шариат мегардонад. ӯ изҳори сахт карда буд, ва бо ин сарварони яҳудиро ранҷонд. Яҳудиён дар рӯзи Шанбе кори хеле кам мекарданд, вале дар он ҷо шариате буд, ки ҳар писарбача бояд дар рӯзи ҳаштум баъди таваллуд хатна карда шавад. Агар рӯзи ҳаштум дар Рӯзи Шанбе афтад шариат дар канор гузошта шуда, кӯдак бояд хатна карда мешуд. Исо яҳудиёнро барои иҷро накардани Шариат, ки онро хеле эҳтиром мекарданд, айбдор кард. Баъд ӯ пурсид, чаро онҳо кӯшиши  куштани ӯро доранд. Агар онҳо метавонанд, писарбачаро дар рӯзи Шанбе хатна кунанд, пас ҳангоми шифо бахшидани мард дар Рӯзи Шанбе ӯ кадом кори нодурустро карда буд?

**<u>Доварии Исо, ки ӯ Масеҳ аст душвориҳои бештареро пеш овард (7:25-39).</u>**

Бисёр монеъаҳое буданд, ки инсон ҳангоми пазируфтани Исо ҳамчун Масеҳ бо онҳо рӯ ба рӯ мешуд.

1. Умуман чунин эътиқод доштанд, ки Масеҳ ба тарзи асрорангез ва ботантана хоҳад омад.

2. Масеҳ бояд яҳудӣ бошад, ва аз Байт-Лаҳм омада бошад. Бисёр одамон фикр мекарданд, ки Исо аз Ҷалил  мебошад.

3. Проблемаи сеюм он буд, ва одамон чунин фикр доштанд, ки Масеҳ пуштибони қавии Шариат хоҳад буд. Исо чуноне, ки раббиҳо онро тафсир доданд ба Шариат тамоман бепарвоёна муомила мекард.

Исо мувофиқи тасаввуроти одамон ифодакунандаи Масеҳ набуд.

Якчанд бор ҳукуматдорон хостанд Исоро ҳабс кунанд, ва акнун посбонон фиристода шуданд, то ӯро дастгир кунанд (7:32).

Посбонони мусаллаҳ барои дастгир кардани Исо омаданд. Исо фақат гуфт: «Боз муддати каме Ман назди Шумо ҳастам, пас аз он назди Фиристандаи Худ меравам» (7:33). ӯ оромона марги фаронасидагии худро пешбинӣ мекард. Чун ҳарвақта, яҳудиён нафаҳмиданд.

Ид ва рӯзи хеле муҳим дар арафаи ба охиррасӣ буд (7:37). Дар ин рӯз танҳо барои яҳудиён қурбонӣ пешниҳод мешавад, дар ҳафт рӯзи пеш қурбонӣ барои халқҳои дигар низ пешниҳод мешуд.

Дар он рӯз ҳеҷ коре накарданд. Хондани Шариат ба итмом расид. Дар он ҷо маросими кашидани об аз ҳавзи Силоам буд. Рӯҳони зарфи тиллоиро аз об пур мекард. Ҳодиса ботантана буд. Вақте ки обро аз дарвозаи маъбад гузаронданд карнайҳо менавохтанд. Обро бо шароб омехта дар қурбонгоҳ бар сари қурбонӣ рехтанд.

Дар вазъияти ботантанаи парастиш Исо бархост ва фарёд кард (7:37). Боодоб? Ботамкин? Хушодоб? Девона? Ба баъзе одамон Исо девона намуд. ӯ гуфт, «Ҳамаи маросимҳои шумо дар бахшидани ҳаёт холӣ ва бемаънӣ ҳастанд. Танҳо ман ягона одаме ҳастам, ки ба одами ташна ва гурусна кӯмак кунам» (7:37-38).

Дар миёни бисёр маросимҳо ва расму оинҳо дар калисоҳо, дар бораи ҳаёти заминӣ гап кам буд? Исо метавонист ҳозир дар миёнаи ибодат бархоста нидо кунад, «Ба ман имон оваред!».

ӯ метавонист бигӯяд, «Шумо асоси ақида ҳастед, вале меваҳои Рӯҳ куҷоанд?» Ё ӯ метавонист бигӯяд «Оинҳои Шумо зебо ва амиқанд, вале куҷост тавоноӣ?» Ё ӯ метавонист бигӯяд, «Шумо Китоби дуо дореду, вазифаи шумо чӣ аст?».

**<u>Одамон аз рӯи ақида бо Исо ҷудо шуданд (7:40-52).</u>**

Баъзеҳо мегӯянд, ки ӯ пайқамбар буд (7:40). (Баъзе динҳо то ҳоло ӯро яке аз пайқамбарон мешуморанд). Баъзеҳо мегӯянд, ки ӯ Масеҳ набуд, танҳо кам касон имон доштанд, ки ӯ Масеҳ аст. Баъзеҳо хостанд ӯро дастгир кунанд, вале тарс доштанд.

Посбонон ба пеши сарроҳиб баргаштанд, вале бе Исо (7:45). Онҳо изҳороти бузург карданд вақте ки гуфтанд, «Касе монанди ин шахс сухан нагуфтааст!» (Ояти 46). Суханони Исо мардумро дар ҳарос гузоштанд. Посбонон аз аъмоли омма тарсиданд, агар онҳо Исоро дастгир мекарданд. Фарисиён оммаи мардумро бо гуфтани он ки онҳо шариатро намедонанд таҳқир карданд, барои ҳамин онҳо таҳти нафрати Худо қарор доштанд.

Тӯли асрҳои зиёд сарварони динӣ марди оддиро-агар ӯ дар таълимоти динӣ дониши кофқ надошта бошад, паст мезаданд. Фарисиён метавонистанд бигӯянд: «Он одамон кордон нестанд. Онҳо чӣ мефаҳманд» (7:37-38).

Ниқӯдимус мансаб ва эҳтироми худро дар хатар гузошт, вақте ки ӯ Исоро муҳофизат кард. Ба пеши Исо шабона омад. Ҳоло ӯ Исоро тарафдорӣ мекард.

Вақте ки ту миёни душманони Исо ҳастӣ, мақомат чист?

Вақте ки кас ваъда медиҳад, камакак ба номи Исо савганд мехӯрад, шумо чиро ҳис мекунед? Вақте ки ӯ дар ту зиндагӣ мекунад, Одамони ташна хоҳанд гуфт «Ба мо дар бораи ӯ нақл  кун».

Бо аққалият бош, ҳамчуноне ки онҳо ба ёд  меоранд ва ӯро эҳтиром мекунанд.

Бо аққалияти шифоӣ бош ҳамчуноне, ки дигарҳо дар ҷӯстуҷӯи ӯ ҳастанд.

Бо аққалият бош вақте онҳо ба Падар ба василаи ӯ дуо мекунанд.

Ба ӯ бо аққалият ҳангоми парастиш, дуо ва бо сипосгузорӣ саҷда кун.

Оне, ки баҳрро ором  кард, маъюбро шифо бахшид, мурдаро эҳё кард, гиря кард-сазовор аст, ки мо ӯро пуштибонӣ кунем.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ дорад?

1. Мо душманон дорем агар мо масеҳиёни қавӣ ҳастем (7:7).

2. Ҳар  имондори Исо аз Худо пайқоме дорад, ки олам бояд онро шунавад. (7:16)

3. Ба воситаи меъёрҳои зоҳирӣ , ки аз тарафи инсон сохта шудаанд доварӣ накунед. (7:24)

4. Ризоият ва сулҳ танҳо ба василаи Исо меояд (7:37).

5. Вақте мо як бор оби ҳаётро хӯрдем мо масъулиятдор ҳастем, ки ба рафиқи ташна дар ёфтани ин об-Исо кӯмак кунем (7:38).

6. Шахс метавонад соҳиби пайқом ва қудрати Худовандӣ бошад, ҳатто агар ӯ таълимоти расмӣ нагирифта бошад ҳам (7:15).

7. Мо қуломи қоидаҳое, ки инсон сохтааст нестем: мо пайравони рӯҳи Исо ҳастем.

**Оят барои аз ёд кардан. Юҳанно 7:38.**

## ЮҲАННО 8

**Нақша**

**I.  Зани гунаҳкор аз зино (Юҳанно 8:1-11).**

**II. Нури ҷаҳон (8:12-59).**

A. Нур ба ҷаҳон аст (8:12).

B. Нур ҳаётро тақъир медиҳад (8:12).

C. Нур абадӣ аст (8:12).

Д. Худо шаҳодат медиҳад, ки Исо Нур  аст (8:14-19).

E. Исо Нурест, ки Худо фиристод (8:16, 26, 29).

F. Нур озод мекунад (8:31-59).

**Нури Ҷаҳон**

Ҳаёт бо Нур алоқаи зич дорад. Дар фасли I-и Инҷили Юҳанно Исо бо

мо ҳамчун Ҳаёт ва Нур шиносонда шудааст.

Марг ва торикқ низ вобастагии зич доранд. Ин аҷиб аст, ки одамони зиёде торикиро дӯст медоранд, ҳол он ки онҳо аз марг метарсанд. Гуноҳ одатан иттифоқчии торикӣ ва рафиқи наздики марг аст.

Исо ба замин омад, то ки Нури Ҳақиқӣ барои ҳамаи одамон бошад. Бисёр одамон ӯро пайравӣ намекунад, чаро ки тамоми ҳаёташон пур аз гуноҳ аст.

**Барои зани зинопараст, Исо Нур буд (8:1-11).**

Исо бо гурӯҳи одамон дар маъбад нишаста буд. Чун ӯ ба таълимоти худ машқул буд, фарисие гапашро бурид, ки зани гуноҳкорро оварда буд. Далели он ки фарисӣ наметавонист ё намехост ба ин зан ёрӣ диҳад нишондиҳандаи арзиши дини онҳо мебошад. Онҳо мехостанд занро ҳамчун асбоб барои шарманда кардан, ё дастгир  кардани Исо истифода баранд.

Мақсади фарисӣ он буд, ки Исо дар бораи Шариат чӣ мегӯяд. Шариати Аҳди қадим мегӯяд, ки шахси дар зинокорӣ ба даст афтода бояд сангсор шавад. Айбдоркунанда ва шоҳид барои ба ҷо овардани ҷазо масъул  мебошанд. Агар Исо бо Шариат розӣ мешуд, ӯ занро айбдор мекард, ва ӯ дар сангсор кардани ӯ ёрӣ медод. Аъмол ва таълимоташ ӯро чун одами бахшанда тасвир мекард. ӯ бояд чӣ кор мекард?

ӯ на Шариатро инкор кард, ва на занро айбдор кард. ӯ масъулиятро ба гардани фарисӣ бор кард, вақте ӯ гуфт: «Он ки аз шумо бегуноҳ аст, аввалин касе бошад, ки ба вай санг андозад» (Юҳанно 8:7). Яке паи дигаре фарисиён рафтанд. Онҳо ягон посухе надоштанд.

Дар ин муддати кӯтоҳ Исо барои ин зан Нур буд. Дар ин Нур ӯ одами комил-Исоро медид. ӯ муҳаббат ва дилсӯзии ӯро дид. ӯ поквиҷдонии ӯро дар инкор накардани далели гуноҳ дид. Исо гуноҳро маҳкум кард, вақте ки ӯ гуфт: «Бирав ва бори дигар гуноҳ накун» (8:11). Барои Исо зино гуноҳ аст, вале ӯ гуноҳкорро дуст медошт. Бисёр вақтҳо мо ба гуноҳ ва гуноҳкорон нафрат дорем.

Ҳамчунин дар ин ҳолат мебинем, ки Исо нисбати онҳое ки бегуноҳ ҳастанд, ба шахси гуноҳкор ва шарманда муносибати хубтаре дошт.

**Дар маъбад дар ҳузури поячароқи тиллоӣ Исо изҳор кард:**

**«Ман Нури Ҷаҳон ҳастам» (8:12-59).**

**1. Ин Нур барои ҷаҳон буд. (Ояти 12)**

Исо ба мухолифат дучор шуд, чунки назариёти ҷаҳонӣ дошт. Яҳудиён ҳангоми

андеша кардан дар бораи Масеҳ миллатпараст буданд. Мо бояд дар хотир нигоҳ дошта бошем, ки вақте ки мо ин Исоро пайравӣ мекунем, ҷаҳони мо бояд аз миллати худамон бештареро дар бар гирад. Гирифтани ин Нури Ҷаҳон моро масъулиятдор мекунад, ки ин Нурро бо ҷаҳон бо ҳам бинем.

**2. Ин Нур ҳаётро тақъир медиҳад. (Ояти 12)**

Аз паи Нур рафтан ба роҳ гаштани мо таъсир мерасонад. Агар инсон ба Исо пайравӣ кунад, ҳаёти ӯ тақъир меёбад. Тақъирот дар оне ҳаст, ки ӯ дӯст медорад. ӯ Библия, калисо ва ибодатро дӯст медорад. Дар одатҳо низ тақйирот аст. Савганд хӯрдан, нӯшидан ва қиморбозӣ қисми роҳгардии Масеҳӣ нест.

**3. Исо-Нури ҷаҳон на танҳо қудрат дорад ҳаёти инсонро тақйир диҳад, ӯ қудрат дорад, ки ин тақйирёфтаро нигоҳ дорад. Исо гуфт: «Ҳар ки маро пайравӣ кунад, дар торикӣ роҳ напаймояд, балки нури ҳаётро меёбад» (Ояти 12).**

Оё шумо ягон бор дар торикии шаб қад-қади пайроҳаи кӯҳии ноошно қадам задаед ва чӣ мешуд агар нури шумо хомӯш шавад? Баъзе динҳо таълим медиҳанд, ки шумо сафаратонро бо Чароқи наҷоти имон сар мекунед, ки аксар вақт он бо корҳои хуб пур карда мешавад. Агар ин дуруст аст, ва вақте ки корҳои хуб кофӣ нестанд инсон Нурро (Исо) гум мекунад ва боз аз сари нав дар торикӣ мемонад.

Дар ояти 12 Исо мегӯяд, ки агар мо ӯро пайравӣ кунем мо ҳаргиз дар торикӣ роҳ нахоҳем рафт. Сараввал ман Исоро бо имон пайравӣ мекардам. Ҳар рӯз ин муносибати наҷотдиҳанда маро нигоҳ медошт. Барои он ки ӯ дар ботин сукунат дорад, ки маънояш ҳаёти абадист, пас он ҷо Нур ҳам бояд бошад. Ин маънои онро дорад, барои ба ҷо овардани корҳои хуб озодӣ аст, чунки Исо абадан дар ботини мо зиндагӣ мекунад.

Масеҳӣ, барои наҷот ёфтан корҳои хуб намекунад. Ӯ кори хуб мекунад, чунки наҷотёфта аст.

**4. <u>Худо шаҳодат медиҳад, ки Исо Нур аст (8:14-19).</u>**

Исоро Худои олам пуштибон аст. Ӯ дар таблиқоти Худ танҳо набуд. Худое, ки Ӯро фиристонд бо Ӯ буд. Ҳар як масеҳӣ бояд фаҳмад, ки Ӯро Худо ба таблиқот фиристодааст ва Худо Ӯро ҳамроҳӣ мекунад.

**5. <u>Исо Нуре буд, ки Ӯро Худо фиристодааст (8:16, 26, 29).</u>**

Танҳо он касе, ки ҳиссиёти қавии даъват дорад, оламро дигар мекунад. Ин мумкин аст, ки мо аз тарафи Худо даъвати шахсӣ оиди мақсади умумии мо (кафорати ҷаҳон) ва аъмоли ҳаётии мо дошта бошем.

Исо аз Худо фармонҳоро гирифт, ва Худро барои иҷрои ин фармонҳо гирифтор намуд. Арзиши баланди ин фармонҳо кофӣ набуд, ки онҳо Исоро аз роҳ боздоранд. Одатан шахс метавонад пурсад, «Он чӣ арзиш хоҳад дошт? Чанд пул? Чӣ қадар вақт? Агар арзишаш бисёр бузург бошад, бисёриҳо ба Худо не мегӯянд. Пайрави ҳақиқии Исо будан маънои пурра таслими ҳаёт будан аст. Дар бораи он шахсе, ки наметавонад дар як ҳафта барои омӯзиши Библия ва парастиш як ё ду соат ҷудо кунад, саволи ҳақиқӣ мавҷуд аст.

Бисёр одамон бе таблиқот ва мақсади муайян дар давоми умр саргардон ҳастанд, чунки онҳо салоҳияти Худоро напазируфтанд. Исо донист, Кӣ ба Ӯ ваколат додааст, ва Ӯ донист вазифааш чӣ буд.

**6. Нур озод мекунад (8:31-59).**

Далели озод будан дар итоаткорӣ дида мешавад. Имондори ҳақиқӣ таълимоти Исоро пайравӣ хоҳад кард. Агар кас изҳор мекунад, ки ӯ имондор аст, вале ба таълимоти Исо итоат намекунад, ӯ имондори ҳақиқӣ нест.

Тасвири оддии ин дар таълимоти Исо дар бораи таъмид нишон дода шудааст. Мувофиқи ояти 31, агар масеҳии нав таъмид шуданро, чӣ хеле ки Исо фармудааст, инкор мекунад ӯ масеҳии ҳақиқӣ аст? Не, ӯ нест. Таъмид наҷот намедиҳад, балки он ба онҳое, ки наҷот ёфтаанд, амр аст.

Исо сарчашмаи ягонаи озодии ҳақиқӣ аст. Дар насабномаи оилавӣ озодӣ нест. Бисёриҳо ба мазҳаби падар ё модар ё хешу ақрабои дигар вобастагӣ доранд. Ҳеҷ кас ба василаи наҷотёбии меросӣ аз аъзоёни оила ба биҳишт намеравад. Ҳар як шахс ғуломи гуноҳ аст ва то он замоне ки шахсан тавба намекунад ва ҳаёташро ба Исо таслим намекунад, наҷот намеёбад. Ҳар кас бояд хулосаи худро дошта бошад.

Дар ин фасл яҳудиён аз насли Иброҳим будани худ фахр мекунанд. Исо зуд ба онҳо ҷавоб дод, ки дини онҳо мисли дини Иброҳим набуд. Яҳудиён системаи корҳо, шариат ва қоидаҳо барои пайравӣ доштанд. Онҳо чунин фикр мекунанд, ки агар ҳамаи ин шариатро пайравӣ накунанд, ба биҳишт намераванд. Дар Ғалотиён (3:6). Павлус нишон медиҳад, ки Иброҳим танҳо ба василаи имон наҷот ёфт.

<u>Асрори озод шудан дар оятҳои 30-32 омадаанд.</u>

1. Ба ӯ имон оред.

2. Ба фармонҳои Исо итоат кунед.

3. Ҳақиқат дониста шавад.

4. Шумо озод хоҳед шуд.

Ҳар як шахс то шунидан ва итоат кардан ба пайқоми наҷотёбӣ ба василаи имон ба Исо қуломи худпарастӣ ва гуноҳ аст.

Исо ҳақиқат аст. ӯ моро озод мекунад.

Калисо моро озод намекунад.

Маросим ба мисли таъмид моро озод намекунад.

Одами заминқ моро озод карда наметавонад.

Бут ё нимтанае моро озод карда наметавонанд.

Корҳои хуб моро озод карда наметавонанд.

Исо, ҳақиқат аст, вақте ки мо ӯро мепазирем ва пайравӣ мекунем, моро озод мекунад.

Одамоне, ки тарс доранд, эҳтиёҷи озодӣ ҳастанд.

Одамоне, ки хурофотпарастанд ба озодӣ эҳтиёҷ доранд.

Одамоне, ки барои наҷот аз калисо вобаста ҳастанд ба озодӣ эҳтиёҷ доранд.

Одамоне, ки барои наҷот аз корҳои хуб вобастаанд ба озодӣ эҳтиёҷ доранд.

Одамоне, ки барои наҷот аз «муқаддасон» вобастаанд ба озодӣ эҳтиёҷ доранд.

Одамоне, ки аз худислоҳкунӣ вобастаанд, ба озодӣ эҳтиёҷ доранд.

Исо ягона ҳақиқатест, ки одамро озод карда метавонад.

Барои гуноҳкорони мазҳабӣ ва бадахлоқ, танҳо як роҳи озодӣ аст.

Ин Исо, Нури Олам мебошад.

<u>Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ мебахшад?</u>

1. Зинокорқ гуноҳ аст.
2. Ба ягон кас доварӣ кардан кори масеҳӣ нест. Ҳар масеҳӣ проблемаҳои гуноҳӣ дорад. Бинобар ин ӯ ҳаққи танқид ва маҳкум кардани дигареро надорад.
3. Шахси ахлоқан рост дар гуноҳ гум ва фано мешавад, агар ӯ Исоро пайравӣ накунад.

4. Мазҳаби волидайн ҳеҷ касро ба биҳишт намебарад. Ваколатнома дар интиқоли имон ба кор нахоҳад рафт.

5. Озодии ҳақиқӣ ба василаи донистан ва пайравӣ намудани Исо меояд.

6. Танҳо як сарчашмаи озодӣ аст. Озодқ танҳо дар Исо дарёфт карда мешавад.

**Оятҳо барои аз ёд кардан Юҳанно 8:12, 31-32.**

## ЮҲАННО 9

**Нақша**

**I. Исо кӯри модарзодро шифо мебахшад (Юҳанно 9:1-7).**

**II. Ҳамсояҳо мардро мепурсанд (9:8-12).**

**III. Фарисиён шифоёфтаро пурсупос мекунанд (9:13-34).**

A. Мард пурсида шуд (9:15-17).

B. Волидайнаш пурсида шуд (9:18-23).

C. Мард бозпурс шуд (9:24-34).

**IV. Исо худро ба мард ошкор мекунад (9:35-37).**

**V. Марди шифоёфта Исоро ҳамчун Худованди худ қабул кард ва ӯро парастиш кард (9:38).**

**VI. Фарисиён кӯрии ҳақиқиро нишон доданд (9:39-41).**

**Як чизе, ки ман медонам**

Дар китоби худ, «Фалсафаи мавҷудият», Габриел Марсел изҳор дошт, «Ман ӯро вохӯрдам: ӯ ба наздам омад, ӯ назди дар истод ва дарро кӯфт, ва вақте ки дарро кушодам, ӯ даромад ва бо ман гуфтугӯ кард.

Чизе, ки инсон метавонад дар бораи Худои Зинда бигӯяд, «ӯ ба ман даст расонд ва маро тағйир дод».

Тафовути асосӣ миёни Худои файласуфон ва Худои Иброҳими Исҳоқ ва Яқуб ин таҷрибаи шахсӣ мебошад. Худои файласуфон ҳеҷ вақт наметавонад ба ҷои Худои имон ва таҷриба шавад.

Муқобили марде, ки гуфт «Ман нобино будам, вале акнун ман мебинам» ҳеҷ як далеле нест. Ҷаҳонро лозим аст овози яқинро бишнавад. Барои одамон гуфтани «Ба фикри ман», «Онҳо гуфтанд», ё «Эҳтимол», кофӣ нест. Моро шоҳидоне лозим ҳастанд, ки хоҳанд гуфт, «Ман медонам, чунки ман вуҷуд ва қудрати ӯро аз сар гузарондам».

Марди кӯри модарзодро Исо шифо бахшид. ӯ ақидаи теологӣ (илоҳӣ)-ро намедонист, вале як чизро медонист. ӯ дар бораи Исо намедонист, вале ӯ як чизро медонист. ӯ қоидаҳои мубоҳисаро намедонист, вале ӯ як чизро медонист.

ӯ медонист, ки ӯ доимо нобино буд, ва ҳаргиз қодир набуд, ки бубинад. ӯ ҳеҷ гоҳ наметавонист зебоии қуруби офтоб ё табассуми модарашро бинад. Шабҳои тиллоии пурситораро тасвир мекарданд, вале танҳо шабҳои нобиноиро медид. Баъд марде омад, ки номаш Исо буд.

Ҳама чунин фикр доштанд, ки оби даҳон дорои қувваи махсуси тиббӣ буд, вақте ӯро ба чашмони маъюб молиданд. Вале ин эътиқоди хурофоти ҳеҷ гоҳ марди нобиноро бино намекард. Шояд ин санҷиши имон буд, вақте ки Исо мардро фармуд, ки рафта лойро аз рӯяш шӯяд. Лой ҳеҷ шифоӣ набахшид, мисли он амалҳои хурофотие, ки ҳозир дардҳоро шифо намебахшанд. Мард ба Исо имон овард, ва Исо ӯро шифо бахшид.

Шайтон одамони бисёреро бо фикре, ки гӯё дар ашёҳо қудрати фавқултабиа мавҷуд аст фиреб дод. Оё доштани салиб ҳимоя мекунад? Оё ҳайкали «Муқаддас» ба ронандаи автомобил бехатариро таъмин мекунад? Ҳеҷ объекти материалӣ дорои қувваи илоҳӣ нест. Дар оби даҳон ва лой низ ягон қуввае набуд. Исо он вақт онро ошкор кард, вақте ки мардро фармуд, то рӯяшро шӯяд. Баъди иҷрокунии ин аъмол имони мард қобилияти тавоноӣ пайдо кард.

Аз аввал марди нобино имон дошт, ки Исо марди оддӣ нест. Вақте ки ӯро пурсиданд, кӣ ӯро шифо бахшид, ӯ Исоро пайқамбар номид. Вале сараввал ӯ дарк накард, ки Исо Масеҳ буд. Баъдтар, вақте ки ӯро пурсиданд, он мард гуфт «Оё гуноҳкор аст ё не ман нафаҳмидам» (Ояти 25).

Ин ба мо нишон медиҳад, ки инсон вақте ки имонро ба кор мебарад фаҳмиши пурра ва комил надорад. Худо инсонро дар куҷое ки ӯ аст интихоб мекунад ва чун инсон имонро иҷро мекунад. Худо ба ӯ дониши бештаре медиҳад. Дар охири фасл Исо худашро ба ин мард ошкор мекунад.

Эҳтимол нисбати дигар фанҳо дар бораи дин аз ҳама бисёртар баҳсу мунозира буд. Баъзеҳо ҳастанд, ки имон оварданд, ва баъзеҳо ҳастанд, ки имон наоварданд, ва бисёриҳо ҳамчун кӯпрук байни онҳо ҳастанд.

Баҳсу мунозирае, ки шахси беимон дар инкори он оҷизӣ мекашид, ин таҷрибаи шахсӣ аст. Марди кӯри модарзод гуфт «Акнун ман мебинам». Фарисиён онро бо далел собит карда натавонистанд, ҳарчанд онҳо саъю кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Онҳо инкор карда натавонистанд, ки ӯ метавонад бинад ва Исо чашмонашро шифо бахшид.

Дар рӯ ба рӯи мухолифони маълумотнок, дар пеши таъқиб мард гуфт «Як чизе ки ман медонам: Ман кӯр будам ва акнун ман мебинам» (Ояти 25).

Биёед ба шаҳодати ин мард, ки ӯро Исо даст расонд наздиктар нигоҳ кунем.

1. **<u>Шаҳодати ӯ шахсӣ буд (9:21, 26).</u>**

Волидонаш барои ӯ ҷавоб нахоҳанд дод. Шаҳодати волидон нисбати фарзанд ҳарчанд, ки муҳим бошад, он қайрикофӣ аст. Ҷаҳон шахсан аз мо донистан мехоҳад, ки Худо ба мо чӣ кард. «Бигзор худаш ҷавоб диҳад»- чунин буд посухи волидайн.

Вақте ки одамон дар бораи чӣ тарз наҷот ёфтан гап мезананд, гуфтани он ки чӣ хел  Павлус наҷот ёфт кифоя нест. Шумо чӣ тавр наҷот ёфтед? Бисёриҳо бо худ Библияро мегиранд ва мегӯянд, чизҳои Библия мегуфтагӣ барои наҷотёбӣ зарур аст. Ин муҳим аст, вале оиди таҷрибаи шахсии наҷотёбии  худ гап занед. Ин он аст, ки диққати беимонро ҷалб мекунад.

Фақат шаҳодат додан ё шоҳид будан дар додгоҳ шахсӣ аст. Гуфтани он ки «Билл  гуфт, ки ӯ дид…» бемаънӣ аст. Шумо чиро дидед? Шумо чӣ ҳис кардед?

Марди нобино гуфт, «Як чизе, ки ман медонам».

**2. <u>Шаҳодати ӯ дақиқ буд.</u>**

Яке аз далелҳое, ки шумо метавонед гӯед,  шахс наҷот наёфтааст он аст, ки ӯ дар бораи таҷрибааш дақиқ сухан намегӯяд. Вақте ӯро дар бораи наҷот пурсон мешавед, ӯ дар бораи таъмид сухан меронад. ӯ оиди кай  ба калисо ҳамроҳ шуданаш, ё сурудхониаш  нақл мекунад.

Фарисӣ мехост дар бораи иҷрокунии шариат ва чӣ хел вайрон шудани Рӯзи Шанбе сухан гӯяд. Шогирдон дар бораи он фаҳмидан мехостанд, ки гуноҳи кқ буд,  ин мард нобино ба дунё омад. Шахсе, ки ҳақиқатан наҷот наёфт, ҳангоми

бардоштани мавзӯи наҷотёбӣ худро нороҳат ҳис мекунад.

Агар Шуморо дар бораи таҷрибаи шахсиатон бо Исо, дар бораи оне, ки шумо ҳаётатонро ба Исо таслим кардед пурсон шаванд, шумо чӣ ҷавоб хоҳед дод?

Марде, ки аз нобиноӣ шифо ёфт дар шоҳидии худ хеле дақиқ буд. ӯ мардеро, ки Исо ном дошт шинохт. ӯ гуфтаҳо ва корҳои Исоро батафсил нақл кард. ӯ ба тафсил нақл кард, ки чӣ тавр ӯ рафт ва чашмонашро шуст. ӯ натиҷаи имонашро кушоду равшан гуфт: «Ман кӯр будам, вале акнун ман мебинам».

Вақте ки шахс дар бораи таҷрибаи шахсии худ нақл мекунад, ӯ бояд инро дақиқ ва бо тафсили дар куҷо, кай, кӣ ва чӣ ийро намояд. Инро мардум мешунаванд. Баъзеҳо инкор мекунанд, вале фаромӯш нахоҳанд кард.

**3. <u>Шаҳодати ӯ ботамкин буд.</u>**

ӯ боварии комил дошт, чунки ӯ медонист дар бораи чӣ нақл карда истодааст. Вақте ки шахс дар бораи чизе, ки оиди он дониши кофқ надорад нақл карданро сар мекунад, ӯ талқиниятро гум мекунад. Лакнат, таваққуф ва шармгинӣ нишонаи гапзании шахсе аст, ки ба дониши худ боварӣ надорад. Шахсе боваринок гап мезанад, ки метавонад бигӯяд, «Ман дидам, Ман ҳис кардам, Ман донистам!».

Ҳатто агар файласуфон дар бораи бисёр чизҳо хоҳиши сухан гуфтан доранд, шоҳиди масеҳӣ маҷбур нест, ки беш аз оне, ки медонад сухан гӯяд. Суханбозии ботантана тез фаромӯш мешавад, вале шахсе ки ботамкин буд, шаҳодати ӯ дар асоси таҷрибаи шахсӣ буд, муддати тӯлонӣ хоҳад монд.

## 4. <u>Шаҳодати мард қавӣ буд.</u>

Мӯъҷизаи ҳақиқӣ дар ҳаёти марди нобино на он буд, ки ӯ қобилияти биноӣ пайдо кард, балки он буд, ки шифобахшандаи ӯ Исо буд.

Исо дар бораи аз тарафи фарисиён ба ин мард расондани ташвишҳо шунида буд. Сипас ӯ ташаббусро ба даст гирифта ин мардро ҷустуҷӯ кард ва ба ӯ дониши пурра дод. Агар он мард шармгин ва тарсончак мебуд, шаҳодат дода наметавонист, ва ӯ соҳиби дониши пурраи Исои Масеҳ намегашт.

Шаҳодати мард далели қавӣ буд, ки ба Исо сабаб шуд, то ин ки ӯро дар байни издиҳом ҷустуҷӯ кунад. Ин хеле хуб мебуд агар шаҳодати мо низ чунин мебуд ва ҳатто Худоро низ мутаасир менамуд. Вале ин шаҳодат на танҳо ба Исо таъсир кард, он ҳатто бо онҳое, ки онро шуниданд низ таъсир бахшид.

Шумо метавонед бигӯед, «Хуб, шаҳодати ман ба ҳеҷ кас кӯмак намекунад». Яъне як вақт шумо рӯҳан кӯр будед ва вақте Исо ба Шумо даст расонд, бино шудед.

Баъзеҳо ба хотири шаҳодат имон оварданд. Ҳеҷ кас баъди шунидани таҷрибаи мард мисли пештара набуд. Баъзеҳо гуфтанд, ки дар ӯ шайтон даромадааст.

Амали охирини шӯриш дар куҷо ҳақиқатан рӯй дода буд, маълум набуд. Оиди тақъироти муайяни мард ҳеҷ баҳсу мунозирае набуд. Ҳаёти мард (қобилияти биноӣ) шаҳодати гуфтаҳои ӯро пуштибонӣ мекард. Одамон метавонистанд инро бад бинанд ё инкор кунанд, вале далели ҳаёти тақъиротёфтаро инкор карда намешуд. Агар шумо дар бадахлоқӣ бо рафиқатон ширкат варзед, пас шумо ҳаргиз напурсед, ки чаро ӯ дигаронро барои пайравии Исо роҳнамоӣ намекунад. Вақте ки зиндагқ тағъир меёбад,

шаҳодат қудрат хоҳад дошт.

Шаҳодати мард дар зиндагиаш натиҷаи калон дод. Аз сабаби шаҳодат ӯ аз маркази ҳаёт, аз каниса ронда шуд. Вақте ки пайрави Исо мешавӣ арзишҳои муайянеро бояд пардозқ. Одамон мумкин ханда кунанд. Мумкин баъзе дӯстонро аз даст медиҳӣ. Вале дар охир мард қиматашро намешуморад. ӯ ба зону нишаста Исоро парастиш мекунад. Ин Исо буд, ки тавонист марди нобиноро биноӣ бахшад ва гувоҳӣ дод, «Ин як чиз аст, ки ман медонам».

***Ин оят имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ дорад?***

1. Мо бояд ба дигарон дар бораи кай ва чӣ хел наҷот ёфтан нақл кунем (Ояти 10).

2. Шаҳодати қавӣ бояд шахсӣ ва дақиқ бошад (Ояти 25).

3. Худо моро баракат хоҳад дод, агар мо ба Исо итоаткор бошем (Ояти 7).

4. Таъқиброро интизор бошед, агар Исоро пайравӣ кунед (Ояти 34).

5. Маълумот оиди он ки шумо кай наҷот ёфтед, зарур нест.

6. Вақте ки мо имони худро бо дигарон бо ҳам мебинем, вақте ки мо мегӯем, ки чӣ хел Исо ба зиндагии мо даромад, дигарҳо мутаасир хоҳанд шуд.

**Оятҳо барои  аз ёд кардан. Юҳанно 9:4, 25.**

## ЮҲАННО 10

**Нақша**

**I . Дар (Юҳанно 10:1-10).**

**II .Чӯпони Некдил (10:10-18).**

А. Фарқият байни Чӯпони Некдил ва Чӯпони Бад нишон дода шудааст (10:11-13).

В. Чӯпони Некдил хоҳиш дорад, ки ҳама наҷот ёбанд (10:14-16).

С. Исо марг ва эҳёи худро пешгӯи мекунад (10:17-18).

**III .Таъсироти таълимотҳои Исо (10:19-21).**

**IV .Мубоҳиса дар иди Таҷдид (10:22-42).**

**Чӯпони Некдил**

Фасли 10 бояд ба фасли 9 марбут бошад. Исо изҳор намуд, ки фарисиён рӯҳан нобино буданд. Фарисиён роҳнамоёни рӯҳонӣ ё сарварони мардум буданд, онҳо ҳамчун пешвоёни рӯҳонӣ ё чӯпон ҳисоб мешуданд.

Дар ин фасл Исо мегӯяд, ки фарисиён чӯпонони бад буданд ва ӯ Чӯпони Некдил буд.

**Чӯпони ҳақиқӣ ба таври дуруст ба оқилхона ворид мешавад.**

Оқили гӯсфандон як макони калони иҳотакарда аст, ки дар он ҷо якчанд рамаи гӯсфандон ҷой дода мешаванд. Шабона чӯпонҳо раммаҳояшонро ба оқилхона меоранд ва дарбон, ки чӯпонҳоро мешиносад, дарро мекушояд ва гӯсфандон дохили он мешаванд. Вақте ки субҳ медамад, ҳар чӯпон ба оқилхона бармегардад.

Дар кушода мешавад ва чӯпон фарёд мекунад. Дар оқилхона якчанд рама ҳаст, вале танҳо як рамма ҷавоб мегардонад, чунки гӯсфандон садои чӯпонашонро мешиносанд.

Дар ояти 1, Исо дар бораи чӯпононе, ки кӯшиши ба оқилхона на аз тариқи дар даромадан мекунанд нақл менамояд. ӯ дар бораи фарисиён мегӯяд, ки онҳо дуздҳо ва қоратгаронанд, чунки онҳо чӯпонони ҳақиқӣ набуданд, ки ба воситаи дар ворид шаванд. Фарисиён худро чӯпононе эълон карда буданд, ки аз тарафи Худо таъин нашуда буданд. Онҳо қудрат ва тавоноиашонро барои мақсадҳои худхоҳона ва бад истифода мебурданд. Исо мегӯяд, ки ӯ дар аст, ва ба василаи ӯ онҳо бояд гузаранд, агар онҳо мехоҳанд чӯпонони ҳақиқӣ шаванд.

Мо бояд дар хотир нигоҳ дорем, ки рӯҳонии хуб ё чӯпон бояд ба василаи даре, ки Худо созмон додааст, гузаранд. Дар ояти 36 Исо равшан месозад, ки Худо ӯро интихоб кард ва ба замин фиристод. Ин талаботи нахустине барои чӯпони нек. Ин фардои Худоро сарфи назар кардан одамро дузд ва қоратгар мекунад, барои он ки ӯ ба оқилхона бо дар ворид мешавад ва ба даромадан аз дар миёни гӯсфандон кор мекунад.

<u>Чӯпони Нек бо гӯсфандон муносибати махсус дорад.</u>

1. **<u>ӯ дӯст медорад (10:11-18).</u>**

Чун чӯпонони бад (Фарисиён) марди нобиноро аз каниса ронданд, Исо ӯро ёфт ва дӯст дошт.

Чӯпони нек тайёр аст, ки барои гӯсфандонаш ҷонашро диҳад. Ин аз ҷониби чӯпон қамхории бузург аст. Дар рӯзҳои Исо дар бораи чӯпоне, ки барои ҳимояи гӯсфандон аз душман ҷонашро фидо карда буд, на шунида буданд. Исо тайёр буд, ки ин корро кунад. Дар ин фасл ӯ марги наздикомадаашро пешбинӣ мекунад. Дар миёни чӯпоне, ки аз сабаби муҳаббат чӯпон шудааст, ва чӯпоне ки аз барои пул чӯпон шудааст тафовуте вуҷуд дорад. Фарисиён

чӯпонони «Зархарид» буданд.

Пешвоёни рӯҳониёни ҳақиқӣ бояд тавассути дар ворид шаванд (Худо даъват мекунад). Онҳо кори рӯҳониашро мекунанд, чунки онҳо гӯсфандонро (имондорон) дӯст медоранд.

2. **<u>Чӯпон гӯсфандонашро медонад.</u>**

Чӯпон онҳоро на ҳамчун як гурӯҳ ё ба воситаи рӯяшон медонад: ӯ онҳоро бо номҳояшон медонад. Нисбати ҳар гӯсфанд муносибат ва дониши шахсӣ вуҷуд дошт. Вақте ки гӯсфандонро фарёд мекунӣ онҳо аз пасат меоянд. Онҳо ба чӯпон боварӣ доранд.

Ҳозир, чӯпон (пешвои рӯҳониён) бояд бо гӯсфандон як бошад, агар хоҳад ба онҳо кӯмак кунад. Вақте ки касалӣ ё ягон душворӣ шавад, чӯпон бояд наздик бошад, ки ёрӣ диҳад. Кори пешвои рӯҳониён (пастор) осон нест, вале мукофотҳо бисёр ҳастанд.

<u>Чӯпони Нек ба гӯсфандон таъсири махсус дорад.</u>

Гӯсфанд овозашро мешиносад ва аз паси ӯ меравад, агар ӯ фарёд кунад. Агар чӯпон худро ҳамчун чӯпони тавоно собит кунад, гӯсфандон ӯро гӯш мекунанд.

Роҳиб сарвари имондорон аст. Ин маънои онро надорад, ки роҳиб барои гӯсфандон ҳама чизро тайёр кунад. Баъзе пешвоёни рӯҳонӣ аъзоёни нозпарварди каломи Худо мебошанд, ки ҳаргиз хӯрондани худро наомӯхтаанд. Гӯсфандонро ҳеҷ вақт намеомӯзонанд ё тараққӣ намекунонанд.

Рӯҳонии хирадманд медонад, ки чаргоҳ дар куҷост, чунки бештари вақташро он ҷо мегузаронад. ӯ гӯсфандонро бардошта намебарад: онҳо бояд худашон ба чароқох рафта алаф хӯранд. Чӯпон гӯсфандонро ба як ҷои муайян мебарад, ва пас гӯсфандон худашон фикр мекунанд, кай, дар куҷо ва чиро онҳо мехӯранд. (Пастор) Рӯҳонӣ гӯсфандонро ба чарогоҳ роҳнамоӣ мекунад, вале ӯ онҳоро бо ресмон ва мехи чӯбин намебарад.

Исо, Чӯпони Некдил, бароямон дар сарварӣ мисол аст. Танҳо як Чӯпони Некдил аст, вале Худо бисёр одамонро даъват кардааст, ки пешвоёни рӯҳонӣ, ё чӯпон дар тамоми чаҳон шаванд.

<u>Чӯпони Нек, озуқаро пурра таъмин мекунад (10:9).</u>

ӯ барои наҷот дарро боз мекунад, ӯ фақат дари як ва ягона ба биҳишт мебошад. Библияро инкор карда бисёр динҳо дарҳои дигари дурӯғинро илова карданд. Таъмид дар нест. Итоаткорӣ ба таълимоти калисо дар нест. Ба ҷо овардани корҳои хуб дар нест.-Марям дар нест. Агар мо ба Исо боварӣ дорем, пас мо ба ӯ бояд боварӣ дошта бошем вақте ки ӯ гуфт: «Ман дар ҳастам». Дар ин ҷо зада дар болои «Ман» омадааст. Ба сӯи наҷот танҳо як дар аст. Исо гуфт, ки ӯ дари номаълум аст, ӯ гуфт, ки ӯ дари муайян аст.

Таъминот барои онҳое, ки Исоро пайравӣ мекунанд. Касе аз он берун намемонад. Сарватманд, нотавон, маълумотнок, бемаълумот, ҳамаи миллатҳоро дар бар мегирад. Нақшаи умумии Исо дар ояти 16 омадааст: «Ман гӯсфандони дигар низ дорам, ки аз ин оқил нестанд ва онҳоро низ бояд оварам: онҳо низ овози Маро хоҳанд шунид ва як рамаю як чӯпон хоҳанд шуд». Исо гуфт, ки «Дигар рамаҳо» ба қайр аз яҳудиён наҷот хоҳанд ёфт. Калимаи «Молхона» дар ин оятҳо шояд ба Исроил нисбат дода шудааст. Инҷил аз як миллат бузургтар аст. Мо аз таърих медонем, ки чӣ тавр Худо аз яҳудиён сар кард, вале вақте ки онҳо Исоро ҳамчун Масеҳ напазируфтанд, диққати Худо ба халқҳои дигар нигаронда шуд.

Таълимот барои онҳое, ки ба чунин хулоса меоянд «Ҳар он касе ки меояд» (10:9).

Мардум овози Исоро мешунаванд, ва метавонанд пайқомро бифаҳманд, вале ин кифоя нест, онҳо бояд ба хулосае биёянд, бояд пайравӣ кунанд. Худо аллакай тасмим гирифтааст, ки ӯ хоҳиш дорад ҳамаро наҷот диҳад, вале ӯ ҳеҷ касро маҷбур намекунад. Ин яке аз сабабҳои маъно надоштани таъмиди кӯдак, ва ба ягон дини нав гаравидани кӯдак, пеш аз оне, ки ӯ метавонад дарк кунад ё ба хулосае биёяд мебошад. Ҳар касе, ки хоҳад ба биҳишт равад шахсан бояд ба хулосае биёяд, ки Исоро пайравӣ кунад.

Таъминот наҷотро дар бар мегирад (10:9).

Ба василаи Исо шахс метавонад, аз ҷазо, қудрат ва мавҷудияти гуноҳ наҷот ёбад. Мо аз проблемаҳо ва бемориҳо наҷот меёбем, вале мо, танҳо баъд аз паси сар кардани проблемаҳо ва бемориҳо наҷот меёбем. Исо бо мост.

Таъминот хӯрокро дар бар мегирад (10:9).

Исо наҷот мебахшад ва баъди он ки мо наҷот ёфтем ба мо кӯмакашро давом

медиҳад. Чӯпони Нек моро на танҳо аз қайди гуноҳ берун мекунад, ӯ моро ба чарогоҳ мебарад. Ҳаррӯза ба мо қувва мебахшад ва мо дар Библия чаро мекунем. Барои масеҳиён Библия чарогоҳ аст. Бо хондани он ҳар рӯз мо тавоно мешавем.

Чӯпони Нек амниятро таъмин мекунад

(10:11-13, 28-29)

«Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд (Ояти 28).Барои ҳар имондор ин ваъдаи зебо аст «Ман мебахшам» дар замони ҳозира омадааст. Вақте ки инсон ба васила эътиқод ба Исо ҳаёти ҷовидонӣ мегирад, ӯ ҳаётеро соҳиб мешавад, ки ҳаргиз тамом намешавад. Агар касе, ки наҷот ёфта наҷоташро боз аз даст дод, пас Исо ба ваъдааш вафо накард.

Агар наҷот аз аъмоли хуб вобастагӣ дорад, онгоҳ шахс бояд доим дар тарси аз даст додани он бошад. Ҳамчунин, гуфтан мумкин аст, ки агар кас имон дорад, ки наҷотро метавон аз даст дод, нигоҳ доштани наҷот ба рафтори ӯ вобастагӣ дорад. (Ефсӯсиён 2:8-9).

«Амнияти имондор» таълимоти зебои Библия аст, ки имондорро барои ҳаёти озоди масеҳиёна бурдан водор мекунад. Имондор ҳаёти хуб дорад, чунки ӯ наҷот ёфта буд. ӯ ҳаёти масеҳиёнаро барои наҷот ёфтан ба сар намебарад. Донистани ин амният оромӣ ва хурсандӣ мебахшад. Ин ҳаргиз иҷозат ба гуноҳ нест. Мо хизмат мекунем, чунки дӯст медорем, на аз сабаби тарси аз даст додани наҷот.

Ин амният дар Худо мемонад. Исо мегӯяд: «Падар ва Ман як ҳастем». ӯ оиди тавоноӣ ва қудрати эмин доштани имондор нақл мекунад. Ин изҳори дигари илоҳияти Исо мебошад. ӯ Худо аст. Исоро инкор кардан, ин яъне Худоро инкор кардан аст.

Чӯпони нек хулосаро талаб мекунад (10:31-39)

Овози Исоро ба василаи Навиштаҳо шунидан маънои пазируфтан ва инкор кардани ӯ мебошад. Баъзе Яҳудиён хостанд ӯро кушанд, чунки ӯ бо Худо баробар буданро талаб мекард. Баъзе аз динҳо ҳоло ҳам чунин мекунанд. Онҳо тасмим гирифтанд, ки Исоро, ки Худро Худо меномад кушанд.

Дигарон, ки Исоро ҳамчун симои таърихӣ, вале на ҳамчун Худованд мепазиранд, низ гуноҳкори куштани ӯ ҳамчун Наҷотдиҳандаи ҳақиқӣ ва Худованд ҳастанд.

Барои донистани осоишӣ, мақсад, ва қувва дар ҳаёти худ, шахс бояд ба гуноҳи беимонии худ иқрор шавад ва ба имон ба Исо рӯй оварад, чунки ин ягона умеди ӯ аст. Исо шахсро ҳар рӯз наҷот ва нигоҳдорӣ мекунад,ончуноне, ки чӯпони нек гӯсфандони худро нигоҳ мекунад.

Ин фасл имрӯзҳо барои мо чӣ маъно дорад?

1. Исо, ҳамчун Чӯпони Нек, мисоли арзандаест барои ҳар чӯпон (пешвои рӯҳониён).

2. Исо дари ягонаест ба сӯи наҷотёбӣ.

3. Мо бояд аз устодон ва пешвоёни дурӯғин бохабар бошем.

4. Мо сулҳ ва итминон дорем, чунки Худо қодир аст моро ҷовидонӣ наҷот диҳад.

**Оятҳо барои аз ёд кардан** пеш аз оғози дарси оянда**: Юҳанно 10:9, 27, 28, 29.**

**ЮҲАННО 11**

Нақша

**I . Бемории Лаъзор (Юҳанно 11:1-4).**

**II .Сафар ба Байт-Ҳинӣ (11:5-16).**

А. Сафар ду рӯз мавқуф гузошта шуд (11:5-6).

В. Шогирдон аз хатар огоҳ карданд (11:8).

С. Исо оиди озодшавӣ ба василаи Худо сухан мекунад (11:9-10).

Д. Марг ва эҳёи Лаъзор хабар дода шуд (11:11-15).

**III. Омадани Исо ба Байт-Ҳинӣ (11:17-27).**

А. Марто бо Исо вомехӯрад (11:20-27).

В. Исо даъвои қиёмат ва ҳаёт дорад (11:25).

С. Исо гиря  мекунад (11:35).

Д. Лаъзор ба ҳаёт баргашт (11:38-44).

Е. Мӯъҷиза натиҷаҳо меорад (11:45-57).

1. Баъзеҳо имон оварданд (11:45).
2. Баъзеҳо ҳодисаро хабар доданд (11:46).
3. Фарисиён нақша кашиданд, ки Исоро бикушанд (11:47-53).
4. Исо ба макони ором рафт (11:54).

**IV. Омодагӣ ба Иди Фисҳ (11:55-57).**

«Вайро воз кунед ва бигзоред, биравад»

Мӯъҷизаи охирони Исо, ки дар Инҷили Юҳанно нишон дода шудааст, ин эҳёи Лаъзор аз қабр мебошад. Баъди ин мӯъҷиза пешвоёни рӯҳонӣ ба қароре омаданд, ки Исо бояд кушта шавад.

Бо ин аъмол, Исо талаби қатъии Худо буданро кард. Бо ёрии сеҳру ҷоду, фиреб ва ҳатто қувваҳои шайтонии фавқултабӣ, одамон корҳои ғайриоддӣ нишон медоданд: вале ҳеҷ яке аз онҳо натавонист мурдаи чоррӯзаро ба ҳаёт баргардонад. Эҳёи Лаъзор нисбат ба ҷисми ӯ бештар диққатҷалбкунанда буд. Исо қудраташро аз болои ҷисм ба кор бурд. ӯ барои ба ҳам пайвастани ҷисм ва рӯҳ дар ҳудуди рӯҳ-ҷон кор кард.

Ин амалро ҳеҷ кас накарда буд. Ин Худоро дар Исо ошкор намуд. Ин талаби Исо аз фасли аввали Инҷили Юҳанно ташаккул меёфт. Ҳоло ӯ талаби доштани тавоноӣ ва қудрат аз болои мурда мекунад, ва ин қудраташро дар эҳёи Лаъзор нишон дода буд.

Аз ин ҳодисаи бузург бисёр ҳақиқатҳои муҳим омӯхта шуданд. Баъзеи онҳоро аз назар гузаронед.

Исо инсон буд (11:35).

Мо бояд эътироф кунем, ки Исо ҳамчун Худо - инсон ягона буд. Омӯзишҳои ҷиддии Библия ошкор мекунанд, ки Исо бештаре аз инсон буд, ҳамзамон ӯ инсон буд. Бо маҳдудияти инсонии мо, ҳама чизро дар бораи Худо -Падар, Писар - Худо ва Рӯҳулқудс донистан номумкин аст. Барои Шайтон беҳуда гузарондани вақтамонро дар суханбозиҳо оид ба чизҳое, ки танҳо Худо медонад, кофӣ аст. На танҳо Шайтон хурсанд мешавад, ҳамчунин ду ё се мазҳаб (динҳое, ки Исоро ҳамчун Худо инкор мекарданд) низ хурсанд хоҳанд шуд.

Библия мегӯяд, ки Исо ва Падар як ҳастанд. Ба ин соддагӣ мо бовар мекунем. Библия дар бобати проблемаҳои инсонии Исо нақл мекунад. ӯ хаста шуда буд. ӯ озмуда шуд (вале бегуноҳ буд). ӯ гиря кард. Исо, дар ин фасл, дар инсонии худ ва Худоқ дида мешавад.

<u>Аз қаму қусса гиря кардан табиқ аст (11:33-35).</u>

Вақте ки рафиқи хуб аз дунё меравад, гиря кардан кори бад нест. Якчанд намудҳои гуногуни қусса ва гиря мавҷуд аст. Проблема аст вақте ки одами гирякарда ва қуссадошта мақлубияти ноумедонаро нишон медиҳад. Якчанд ҷаноза бо умеди масеҳиёна, қам ва шодӣ пур шудаанд. Мо қам дорем, вале на монанди одамоне, ки умед надоранд.

(1 Таслӯникиён 4:13).

Аз марги ҷисмонии Лаъзор дида, Исоро фоҷиаи бузургтаре иҳота карда буд. ӯ дарк кард, ки мардуми зиёде бо гуноҳҳои худ мемуранд ва бо ҷазои абадӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Фарисиёни солим, диндор ва беимон, дар нисбати марги ҷисмонии Лаъзори имондор фоҷиаи бузургтаре буданд.

Исо метавонист аз болои вазъияти маъюсонаи он одамоне, ки ҳатто эҳёшавии Лаъзорро дида беимон монданд, гиря кунад. Ин фоҷиаи бузургтаре буд. Вақте ки маҳбубат ба имон ба Исои Масеҳ мемурад, ин сабабе аст барои гиря кардан. Азоби ҷисмонӣ дар муқобили азоби абадии дӯзах ҳеҷ аст.

Исо дар дили худ бори гумроҳшудаи ин дунёро дошт, ӯ қамхорӣ кард, ӯ дӯст дошт, ӯ гиря кард.

**Дидагиҳо имондоронро пайравӣ мекунанд (11:26-27, 40)**

Исо ба Марто гуфт, « Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ ҷалоли Худоро хоҳӣ дид?» (Ояти 40). Инро ба беимонон (қайри масеҳиён) нисбат додан мумкин аст. То он даме, ки шахс бори дигар аз ҷониби рӯҳ таваллуд намешавад. ӯ ҳақиқатро дар бораи Худо дида ва дарк карда наметавонад. Барои бисёр гурӯҳҳои динӣ яке аз сабабҳои масеҳқ набудан ин аст, ки Худовандии Исоро инкор мекунанд ва барои ҳамин Библияро намефаҳманд. Вақте, ки ин хел одамон кӯшиш мекунанд, ки Библияро бе имон ба Исо тафсир диҳанд, ин мазҳаби дигар, ё ҳатто парастиши Шайтонро ҳосил мекунад (Қӯринтиён 2:14).

Барои Масеҳиён ҳамчунин ҳақиқат аст, ки имон овардан ин дидани бузургии Худо мебошад. Шахси нобовар миқдори хеле кам қабул мекунад. Баъзе вақтҳо мо мешунавем, ки масеҳиён мегӯянд: «Мо инро карда наметавонем. Мо хеле кам ҳастем. Мо пули кофӣ надорем». Фақат он касе, ки ба чизҳои бузург имон дорад, чизҳои бузургро мебинад. Танҳо он касе, ки ба бузургии Худо боварӣ дорад, метавонад чизҳои бузургро дар бораи Худо бинад.

Агар мо имон дорем, мо кӯшиш мекунем онро ба ҷо оварем. Марто имон дошт, баъд ӯ иҷозат дод то ин ки сангро дур кунанд, сипас ӯ дид.

Бисёре аз моён метавонанд гӯянд: «Бале, Худованд, мо имон дорем». Вале оё мо сангро дур кардем?

Имон бе амал имони ҳақиқӣ нест. Агар имон ҳақиқӣ бошад, баъди он амал

хоҳад буд, ва баъд ҷалоли Худо дида хоҳад шуд.

Оё шумо интизоред, ки чизҳои бузург рӯй диҳанд? Оё шумо интизоред ки Худо мӯъҷизаҳо кунад?

Дар бораи ҳамсояамон чӣ? Шояд мо мегӯем, «ӯ наметавонад наҷот ёбад, тафаккураш ба сӯи Инҷил пӯшида аст». Бо чунин тарзи имонамон, ҷои шубҳа нест, ки ӯ наҷот ёбад.

Ё мо метавонем бигӯем, «Ман боварӣ дорам ӯро метавон наҷот дод, вале ман боварӣ надорам, ки ӯро тарқиб кунам». Оё мо дар ҳақиқат ҳам имон дорем? Масеҳие, ки имон дорад бояд дар «дур кардани санг» банд бошад.

Худо имони меҳнатдӯстро эҳтиром мекунад. Масеҳӣ имон дорад, барои ҳамин ӯ дар имон амал мекунад. Одамоне, ки пур аз дилсӯзӣ ба худ ва нобоварӣ пур ҳастанд наметавонанд, ҷомаҳои нав созанд, мардумро ба Исо раҳнамоӣ кунанд, иморатҳои калисо бунёд кунанд ва наметавонанд аз шодию сурур ва сулҳу осоиш саршор бошанд.

**Исо аз болои марг қалаба мекунад (11:25-26, 43-44)**

Библия китобест пур аз ҳикояҳои қалабаи инсон ба василаи Исо.

Пешравиро аз мақлубият то пирӯзӣ ба тариқи зайл қайд намоед:

Аввалин суханҳои сабтшудаи Худо ба инсон: «Ту яқинан вафот хоҳӣ кард» (Ҳастӣ 2:17).

Охирин сухани сабтшудаи Худо ба инсон: «Албатта Ман тез меоям» (Ваҳӣ 22:20).

Аввалин суханҳои сабтшудаи Инсон ба Худо: «Ман тарсидам ва худро пинҳон кардам (Ҳастӣ 3:10).

Охирин сухани Инсон ба Худо: «Пас чун бошад, биё, Худованд Исо» (Ваҳӣ 22:20).

Ҳамон касе, ки Инҷили Юҳанноро навиштааст, касе буд, ки дар бораи пирӯзқ дар китоби охирони Аҳди Ҷадид, китоби Ваҳйро навиштааст. Рӯзҳои охирини ҳаёташро Юҳанно дар ҷазираи Патмос, дар  мақлубияти зоҳирқ гузаронд. ӯ мақлуб нашуд, чунки ӯ он касеро, ки аз болои марг қудрат дорад фаҳмид. Имони ӯ ба Исо буд.

Исо бо ғояи эҳёшавӣ чунон пайвастагии наздик дошт, ки ӯ мегӯяд: «Ман қиёмат ҳастам» (Юҳанно 11:25). ӯ сарчашмаи қиёмат буд ва аст.

Эҳёи *Лаъзор* ба ҳамаи имондорон умед бахшид. Он Исое ки *Лаъзорро* эҳё намуд, дар рӯзи охирон ҳамаи имондоронро эҳё мекунад. Ҳамаи ибодатхо ва пулҳои ҷаҳон наметавонанд ба шахси мурда кӯмак кунанд. Исо ягона аст, ки мурдаро ба зиндагӣ баргардонд.

Эҳёи *Лаъзор* далели ҳақиқии таърихӣ мебошад, ҳарчанд мунаққидони Исо онро ҳамчун мӯъҷиза ҳисоб мекунанд. Мӯъҷиза барои рамзӣ гардондани ҳаёти

нав барои оне, ки имон дорад истифода бурда шуд. Пеш аз шунидан ва пазируфтани Хабари Хуш, шахс бо гуноҳҳои худ мемурад. Вақте, ки ӯ ба Исо имон меорад, ба ӯ хати нав дода мешавад ва ӯ ҳеҷ вақт бо марги абадӣ рӯ ба рӯ намешавад. Ҳатто ончунон, ки *Лаъзор* бо кафан печонда шуда буд- беҷонбисёриҳо низ ҳастанд, ки ба худпарастӣ ва гуноҳе печонда ҳастанд- онҳо низ беҷон мебошанд.

Агар кас бо корҳои корчаллонӣ банд буда, ва нисбати корҳои Худо мурдааст, Исо мегӯяд, « ӯро озод кунед ва бигузор биравад».

Агар кас ба дилхушиҳои заминӣ банд бошад, ба нисбати хушбахтии Худо мурда аст, Исо мегӯяд « ӯро озод кунед ва бигузор биравад».

Агар кас ба қоидаҳои динии инсон сохта банд бошад ва нисбати озодӣ дар Исо мурда аст, Исо мегӯяд « ӯро озод кунед ва бигузор биравад».

Агар кас ба хурофотпарастӣ ва тарс банд бошад ва нисбати айният дар Исо мурда аст, Исо мегӯяд « ӯро озод кунед ва бигузор биравад».

Агар мо ба Исо ба умеди он, ки ӯ ба мо ҳаёт мебахшад, бошем, мо ҳамеша ҳаёт хоҳем дошт. Ҳатто марг, барои масеҳӣ бо фарёди Исо, вақте ӯ боз меояд қатъ мегардад.

Исо *Лаъзорро* эҳё кард. ӯ худаш эҳё шуд. ӯ пирӯзӣ аз болои маргро ба ҳамаи имондорон ваъда кард.

Ба ӯ имон оред. Ба ӯ ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд имон оред.

*Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ мебахшад?*

1. Гиря кардан ва эҳё шудан Исоро ҳамчун инсон ва илоҳӣ, одам ва Худо ошкор мекунад.

2. Мо бояд бештар дар бораи нобиноии рӯҳӣ ва марг андеша кунем, на дар бораи марги ҷисмонӣ.

3. Исо оид ба проблемаҳои мо андеша мекунад.

4. Имондор бояд аз марг тарс надошта бошад. Ин дар баракати ваъдакардаи Худо мебошад.

5. Исо метавонад аз тамоми бандагии инсонӣ ва шайтон озодӣ бахшад.

**Оятҳо барои аз ёд: Юҳанно 11:25,35.**

## ЮҲАННО 12

<u>Нақша</u>

**I .Исоро эҳтиром карданд (Юҳанно 12:1-8).**

А. Марям –фидокор (12:3).

Б. Яҳудо –девхӯ (12:4-6).

**II .Нақшаи зидди Лаъзор (12:9-11).**

**III .Воридшавии Исо ба Ерусалим (12:12-19).**

**IV. Юнониён пурсуҷӯкунанда (12:20-26).**

**V.Исо оиди маргаш ҳарф мезанад (12:27-36).**

**VI. Яҳудиёни рӯҳан нобино (12:37-43).**

A. Ба Исо имон наоварданд (12:37).

B. Писанди одамонро дӯст доштанд (12:43).

**VII. Доварии охирин ба василаи Каломи Исо (12:44-50).**

A. Инкори каломаш ба ҷазо меорад (12:47).

B. Ягонагии Писар ва Падар (12:44-45, 49-50).

**Нишонаҳои пирӯзӣ**

Меъёрҳои ҷаҳонӣ воридшавии Исоро ба Ерусалим ва воқеоти атроф ҳамчун қолиб доварӣ нахоҳанд кард.

Шояд яҳудиён фикр доштанд, ки Исо бо ғалабаи худ дар Ерусалим Малакути заминӣ барпо мекунад. Ин дар амал ҷорӣ нашуд, ҳамзамон ин фасл пур аз нишонаҳои пирӯзӣ ва зафар мебошад. Баъзе ин нишонаҳоро қайд мекунем.

<u>Тайёрии муносиб дида шуд (12:1-8).</u>

Ба ифтихори Исо хӯроки нисфирӯзии махсус тайёр карда шуд. Бисёр аз дӯстон ва душманонаш он ҷо ҳузур доштанд. Марям кори аҷибе кард. ӯ миқдори зиёди атри қиматро гирифта онро бар пойҳои Исо пошид. Одатан ин атрро дар тайёр кардани ҷисм барои дафн истифода мебурданд. Албатта Исо ҳоло намурдааст, вале марги ӯ наздик шуда истодааст. Барои Марям ин шояд пешбинии омодагии бехабари марги ӯ бошад.

Ин амали парастиш буд. Марям баҳри Наҷотдиҳандаи хеш ҳеҷ чизро дареғ надошт : чизи беҳтарине, ки дошт, ба ӯ бахшид.

Дар ҳамаи калисоҳо Марямҳо ҳастанд. Баъзе аъзоёни калисо Исоро нахустин ва аз ҳама беҳтарин эҳтиром мекунанд. Парастиши ҳақиқӣ

қурбониро талаб мекунад.

Дар ҳамаи калисоҳо Яҳудҳо ҳастанд. Дар вақти додани чизе ба дигарон Яҳудо кӯҳнапараст буд, зеро ки ӯ ҳамаи инро барои худ мехост. Баъзеҳо ҳастанд, ки Исоро аз ҳама охир парастиш мекунанд: вақт, истеъдод ва пулро аввал мавриди парастиш қарор медиҳанд.

Мо бояд аз шарм сар хам кунем вақте ки ба мо хотиррасон мекунанд, ки баъзе аъзоёни калисо пули бисёри худро барои харид кардани хӯроки беҳуда ва сигор сарф мекунанд ва баъд дар рӯзи Худованд онро ба Исо пешкаш мекунанд. Худо ин хел гуноҳкориро баракат намедиҳад. Оё шумо парастишро танҳо он вақте ки ба шумо мувофиқ аст ва шумо ягон кори дигар надоред, амалӣ мегардонед? Кадомаш аввал лозим аст, тӯббозӣ, моҳигирӣ, тамошои телевизор, ё парастиш?

Яҳудоҳо ва Марямҳо имрӯз низ зиндаанд. Яке барои гирифтан зиндагӣ мекунад, дигар барои додан зиндагӣ мекунад. Марямҳо баракат- диҳандаанд, Яҳудоҳо ба худ ва дигарон озор мерасонанд. Ду қувваи бузурги ҷаҳон, хубӣ ва

бадӣ дар чеҳраи ин ду шахс нишон дода шудааст. Исо Марямро эҳтиром ва баракат дод ва ҳамзамон Яҳудоро сахт сарзаниш кард. Амали Марям бо муҳаббаташ ба Исо барои рехтани хунаш кӯмак мекунад.

Далели он ки яҳудиён мехостанд Лаъзорро бикушанд моро хотиррасон мекунад, ки гуноҳ бесабаб аст. Лаъзор бегуноҳ буд. Ягона гуноҳаш он буд, ки ӯ зиндагӣ кард. Одамони бегуноҳ баъзе вақтҳо қурбони ақидаҳои бадкорон ҳастанд.

<u>Қувваи муҳаббат нишонаи пирӯзӣ (12:12-19).</u>

Исо на яроқ, на қувваи ҳарбӣ, на посбонҳо, на нишонаҳои заминии пирӯзӣ дошт. ӯ деҳқони камбақал, писари дуредгар буд, ки дар оқил таваллуд шуда, дар қабри қарзгирифташуда дафн шуд. ӯ бо хари аз каси дигар гирифташуда дар кӯчаҳои Ерусалим саворӣ мекард. Вуруди Исо ба Ерусалим саҳнаи қалаба буд, ба қайр аз як чиз: мардуми бисёре аз ақиби ӯ мерафтанд. Подшоҳ, шоҳзода, шахсони расмии давлатӣ бояд чунин эътироф шаванд, вале чаро ин мард Исо буд?

Исо барои ҳамаи мардумон муҳаббатро нишон дод. Ин барномаи ҷаҳонро гирифтани ӯ буд. Фарисиён, вақте ки онҳо муваффақиятҳои ӯро диданд, дар хавотир шуданд. Онҳо гуфтанд «Тамоми ҷаҳон аз ақиби ӯ равон аст». Ин тамоми ҷаҳон набуд, вале ба Фарисиён чунин менамуд.

Императорон, подшоҳон, одамони сарватдор, одамони доно, одамони қувваи ҳарбидор меоянду мераванд. Онҳо ба зердастонашон бо зӯрӣ фармон медиҳанд. Исо ҳеҷ чизро истифода накард, ҳамзамон баъди 2000 сол миллионҳо нафар ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд эътироф мекунанд.

Ин қувваи аҷиб, нишонаи пирӯзӣ, пирӯзие бузургтар  аз пирӯзии ҷисмонӣ.

Исо пирӯзиро дар назар дошт вақте ки дар бораи эҳёшавӣ ва ҳосил сухан гуфт (12:20-26)

Омадани Юнониҳо назди Исо нишон медиҳад, ки ӯ дар ҳаёти халқҳои ғайрияҳудӣ низ пирӯзӣ хоҳад дошт. Инҷил  танҳо барои яҳудиён маҳдуд набуд, ин барои тамоми мардумон буд. Филиппус ва Андриюс ба Исо гуфтанд, ки юнониён мехоҳанд  ӯро бинанд.

Юнониҳо одамони хушбахт ва шӯхтабиат буданд, вале Исо фавран ба онҳо дар бобати  марг сӯҳбат кард. ӯ барои ҳамаи одамон ҳақиқати асосиро нишон дод, яъне танҳо зиндагӣ кардан ва танҳо барои худ зиндагӣ кардан маънои онро дорад, ки не мева доранду не ягон ҳосил. Марг ва дафн охири кор нестанд. Боз эҳёшавӣ аз марг хоҳад  шуд.

Зиндагии дубора дар зиндагии миллионҳо имондорон (Барои ин Павлус гуфт: « Исо дар ман, умеди ҷалолёбист » Қӯлассиён 1:27). Он чизе ки ба фикри одамони зиёде мақлубият аст, Исо онро пирӯзӣ меномид.

Ҳақиқати ба ҳамин монанд имрӯзҳо низ ба кор меравад. Агар  шахс хоҳони ёфтани ҳаёти абадӣ бошад, ӯ бояд ҳаёти худашро аз даст диҳад. Ҳаёти худхоҳ, худ-назорат, табиӣ бояд кушта шавад ва дафн шавад, дар акси ҳол  инсон ҳеҷ гоҳ наметавонад дар ҳаёти дигаре мева ҳосил  кунад. Ҳаёте, ки ба мақсади Худовандӣ дода шудааст, инсонро ба осоиштагӣ бо Худо мебарад, ва дар шакли ҳаёти дигаргуншуда баракат дода мешавад. Оё мо ҷуръат мекунем, ки ҳаётамонро барои дигарон таслим кунем? Ин намуди муҳаббат дар пирӯзӣ солҳои сол  зиндагӣ хоҳад  кард.

Исо дар бобати ҷалоли бузурги омадаистодаи баъди маргаш гуфт

( Ояти 23).

Дар Калворӣ гандум кишт карда буданд. Ҳосили онсола се ҳазор буд. Се ҳазор кас имондори нав шуданд, чунки як кас мурд ва ҳосили зиёде ба миён омад.

Дар оилаи шумо, дар ҷамоаи шумо, чӣ ҳол рӯй медиҳад, агар шумо хоҳиши барои Исо мурданро намоед? Шумо зиндагӣ мекунед ва онҳо мемиранд, шумо мемиред ва онҳо метавонанд зиндагӣ кунанд.

<u>Худо дар бобати пирӯзӣ сухан мегӯяд (12:27-32)</u>

Исо гап зад. Мардум имондорӣ ё беимонии хешро эълон намуданд. Акнун осмонҳо кушода шуданд ва Худо худаш сухан гуфт. Чун Исо ба марги даҳшатноке рӯ ба рӯ шуд, ин бояд барояш эътимоди нав бошад. Бо альтернатива рӯ ба рӯ шуда, ӯ гуфт: «Эй,Падар исми Худро ҷалол деҳ». Баъд Худо аз осмон гуфт: «Ҷалол додам ва боз ҷалол хоҳам дод» (12:28). Ин паймони шахсии пирӯзӣ аз тарафи Худо буд. Фақат марг пирӯзӣ намеорад, пирӯзӣ аз болои марг лозим буд.

«Масеҳ абадан зиндагӣ хоҳад кард», мегӯянд одамон. Исо медонад, ки ӯ, Масеҳ, мемурад вале боз зинда хоҳад шуд.

Агар хоҳиши бузурги мо дар зиндагӣ ҷалол додани Худо бошад, пас ӯ дар ҳаёти мо ҷалол дода хоҳад шуд, ҳоло ва то абад.

**Хулоса (12:36-50)**

Ҳатто бо ҳамаи мӯъҷизот, мардум имон наоварданд. Онҳо шуниданд, онҳо диданд, пас чашмони рӯҳонии онҳо кӯр буданд. Нобиноии рӯҳӣ натиҷаи табиии инкори давомнок ва такрорёфтаистодаи ҳақиқат мебошад.

Худоро наметавон гуноҳкор кард. ӯ пайқамбаронро фиристод ва дар охир Исоро фиристод, ки дар бораи муҳаббати ӯ нақл кунад.

Баъзеҳо бо тафаккури худ мефаҳмиданд, ки Исо Масеҳ буд, вале онҳо ӯро аз пайравӣ кардан метарсиданд (12:42-43). Аксарияти одамон чунин ҳастанд: онҳо ақидаи худро бо фишори дигарон изҳор мекунанд, онҳо ба василаи фикри дигарон идора мешаванд. (Юҳанно 5:44). Баъзе вақтҳо пешвое ба миён меояд, ки ҳақиқатро пайравӣ мекунад, новобаста аз он ки аз кадом оила аст. Ин пешвои бузург аст. Хулосаи Исо дубора изҳор кардани ягонагии ӯ бо Падар, дар шахсият, қувва, ва тавоноӣ буд. ӯ аз сари нав талаби баробарқ бо Худоро карда буд. Ин талаб ӯро ба марг овард.

Фикри Шумо чӣ? Хулосаи Шумо чист? Шумо бояд ба хулосае оед, ки Шумо ӯро пайравӣ мекунед ё инкор мекунед. Ҷаҳон ниёзманди одамонест, ки худро комилан ба Исо таслим хоҳанд кард.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чиро мефаҳмонад?

1. Мо бояд ба Исо чизи беҳтаринро бахшем, ҳатто беҳтар аз оне, ки Марям дода буд? (12:3).

2. Муҳаббат аз аслиҳа пурқудраттар аст.

3. Агар мо мева ба бор оварданием, мо бояд ҳар рӯз барои суди шахсӣ ҷон диҳем (12:24-26).

4. Марги ихтиёрӣ ҳеҷ  гоҳ осон нест (12:27).

5. Худо моро баракат медиҳад, агар мо итоаткор бошем (12:28).

6. Аз тарафи ҷаҳон роҳнамоӣ ба Худо нороҳатӣ меорад. Мо наметавонем дар як вақт ҳам ҷаҳонро ва ҳам Худоро розию хушнуд  кунем (12:43).

**Оятҳо барои аз ёд . Юҳанно 12:25, 32, 45.**

## ЮҲАННО 13

<u>Нақша</u>

**I .  Исо пойҳои шогирдонашро мешӯяд (Юҳанно 13:1-11).**

**II.  Исо мефаҳмонад, чаро ӯ пойҳои шогирдонро мешӯяд (13:12-20).**

**III. Исо пешбинӣ мекунад, ки Яҳудо ӯро таслим мекунад (13:21-30).**

**IV. Шариатҳои нави муҳаббат дода шуданд (13:31-35).**

**V.  Исо пешбинӣ мекунад, ки Петрус ӯро инкор мекунад (13:36-38).**

**Фурӯтанӣ бе обрӯпасткунӣ**

Агар имондор хоҳад, ки Худо ӯро истифода кунад, ӯ бояд дорои хусусиятҳои муайян бошад. Ин хусусиятҳо омӯзиши бисёр, сарватмандӣ, қобилияти иҷрокунӣ ва дигар арзишҳоеро, ки бисёриҳо ҳаргиз нахоҳанд дошт дар бар намегирад. Павлус ҳафт чизро қайд  мекунад, ки Худо онҳоро истифода мебарад: «чизҳои заиф», «чизҳои аблаҳона», «чизҳои асосӣ», ва «чизҳое  ки нестанд» (1 Қӯринтиён 1:27-28). Вақте ки шахс тайёр аст, қувва ва заифии худашро пеши Худо зоҳир созад,  ӯ аз тарафи Худо метавонад истифода бурда шавад.

Чӣ хеле, ки мо дар Исо мебинем, меъёрҳои ҷаҳонии ноилшавӣ ва бузургӣ аз меъёрҳои Худо тафовут доранд,

Библия оиди нуқтаи назари Худо дар бораи муваффақият нақл мекунад:

Маънои хоҷа будан яъне хизматгор будан аст (Матто 23:11-12).

Маънои хестан яъне фурӯ рафтан аст (Луқо 1:52).

Маънои гирифтан яъне додан аст (Филиппиён 4:15).

Маънои сарватманд будан яъне камбақал будан аст (Матто 5:3 ).

Маънои худро нишон додан, худро таҳқир кардан аст (Луқо 1:52).

Маънои зиндагӣ кардан аз дунё рафтан аст (Матто 16:25).

Дар Юҳанно 13 Исо дарси бузургеро дар бобати муносибатҳои аслии масеҳиён ёд медиҳад. Ин дарс дар бораи фурӯтанӣ мебошад. Исо фурӯтан буд, вале беобурӯ набуд.

Бисёр одамон чунин фикр доранд, ки фурӯтан будан маънои обрӯпастшударо дорад. Фурӯтании ҳақиқӣ таҳқир намешавад. Одами таҳқиршуда шармсор, ё хиҷолат кашида аст, чаро ки ӯро дар мақоми паст ҷо додаанд, ё шахси таҳқиршуда, ё хиҷолат кашида одамест, ки мувофиқи хоҳишаш аз тарафи атрофиён эътироф нашудааст.

Одами фурӯтан хилофи одами таҳқиршуда мебошад.

Одами фурӯтан барои ҷалоли худ ва эътирофи шахсӣ мақоми баланд ҷустуҷӯ намекунад.

Одами фурӯтан аз  муваффақиятҳои дигарон хушҳол аст.

Дар ин фасл бисёр дарсҳое вомехӯранд, вале чунин ба назар мерасад, ки дарси фурӯтанқ асоси ин фасл  мебошад. Дар замони Исо шустани пой одат буд. Одамон сандалҳои кушода мепӯшиданд ва роҳҳо пур аз чангу қубор буданд. Воқеъае ки дар ин фасл рӯй дода буд, қайримуқаррарӣ набуд, ба қайр аз оне, ки пойҳоро шуст. Мизбон доимо ба хизматгор амр медиҳад, ки пойҳои меҳмононро вақти омаданашон, бишӯяд. Ин маросими динӣ набуд. Исо онро ҳамчун фармон ба мисли Шоми Худоӣ  ё таъмид ҷорӣ накардааст. Дар ягон ҷо нишон дода нашудааст, ки Исо ё масеҳиёни аввал шустани пойҳоро ҳамчун маросими динӣ ба кор бурдаанд. Исо ин анъанаи оддии заминиро танҳо барои омӯзондани дарси илоҳӣ истифода  карда буд.

Ҳамчунин мулоҳиза кунед, ки Исо диққаташро аз яҳудиён ҳамчун халқият, ба шогирдонаш тақйир дод. Дар рӯзҳои охири пеш аз маргаш ӯ ба шогирдонаш дастурҳои шахсӣ дод.

Акнун фурӯтаниеро, ки дар Исо дида мешуд, ва ӯ онро аз ҳар пайраваш талаб мекард,  мушоҳида  кунед.

<u>Фурӯтании ҳақиқӣ боровариро талаб мекунад (13:1-3).</u>

Исо ба кӣ будани худ боварӣ дошт. ӯ дар бобати марги дар пешистода медонист. Ва Исо медонист, ки Падар ҳама чизро ба дасти ӯ  додааст, ва ӯ аз ҷониби Худо омада буд ва ба сӯи Худо меравад (Ояти 3).

Агар кас ҳамаи  ин чизҳоро донад ӯ фурӯтан буда  метавонад.

ӯ ба қадри кофӣ боваринок  аст, ва зарурати доимо ба дигарон исбот намудани арзишҳои худро надорад. Худнамоӣ, ҷустуҷӯи таваҷҷӯҳи овозӣ боваринок нест, барои ҳамин ӯ наметавонад фурӯтан бошад.

Фурӯтанқ ва боварӣ якҷо ҳастанд. Одами фурӯтан ба қадри кофӣ боваринок аст, ва ҳоҷати диққати дигаронро ба худ ҷалб кардан надорад: боварии ӯ ба чапакзанӣ ва таҳсини одамон эҳтиёҷ надорад.

Одами фурӯтан ба қадри кофӣ  фурӯтан аст, ва зарур нест, ки ӯ ҳамаи донистагияшро гӯяд. Исо боварӣ ва айниятро дар донистани он ки ӯ аз Худо омадааст ва ба сӯи Худо меравад, дарёфт. ӯ медонист, ки кист ва барои чӣ зиндагӣ мекунад. Ин айният ва боввариро меорад, ки ба инсон имкон медиҳад, фурӯтан бошад. Амали фурӯтанӣ бе боварӣ ба беобрӯқ ва таҳқиршавӣ.

<u>Фурӯтании ҳақиқӣ амали муайянро талаб мекунад (13:4-5)</u>

Фурӯтании ҳақиқӣ гиреҳи аъмоли боввариро мекушояд. Бисёр вақтҳо одами фурӯтан ҳамчун одами шармгин, тарсу тасвир мешавад. Исо фурӯтан буд, вале ӯ амал  мекард. Берун аз дониш ва муҳаббат.

Исо қобилият дошт  бе ягон паст кардани обрӯ пойҳои шогирдонашро шӯяд. ӯ одами замони худ буд- маъсулиятнок, тавоно-вале фурӯтан.

Фурӯтан маънои аз амал ва қарорҳои худ тарсиданро надорад. Одаме, ки бекор мешинад, фурӯтании Исоро соҳиб шуда наметавонад.

Ҳатто Петрус Исоро барои чунин кори паст кардан сарзаниш кард, Исо худро пастшуда (шармсор) ҳисоб накард.

Фурӯтании ҳақиқӣ  шогирдиро талаб мекунад (13:8)

Петрус  аввал  намонд, ки Исо пойҳояшро шӯяд. Исо изҳор  кард, ки Петрус наметавонад шогирдаш бошад, агар ӯ дар хизмати фурӯтании ӯ иштирок накунад. Дар ҳақиқат Исо гуфтанӣ буд, ки агар Петрус имкон надиҳад, ки фурӯтанӣ як қисми ҳаёташ  шавад, ӯ шогирд буда наметавонад. Шогирди ҳақиқии Исо будан рӯҳи фурӯтаниро талаб мекунад. Исо мисоли фурӯтанӣ аст. Дар Филиппиён 2:7-8 дар бобати табиати ӯ ҳамчун хизматгор ва роҳ рафтани ӯ ба сӯи салиб хонед. Ҳамчун дар Юҳанно 13:15 Исо ба шогирдонаш оиди ба хизмати фурӯтанӣ ҳамроҳ шудан нақл мекунад.

Покшавӣ зарур аст, агар шахс фурӯтан бошад (13:10-11, Титус 3:5).

Исо мегӯяд, ки шахсе «Таъмид шудааст» зарур аст он аз сари нав пок шавад. ӯ дар бобати таҷрибаи наҷотёбӣ сухан мекунад, вақте ки одам ба василаи хуни Исо пок шуд.

Инсон танҳо як бор пок (наҷот) шуд. Тавлиди нави баъдӣ, масеҳиёни нав ба

воситаи олами фасод ва пур аз гуноҳ қадам зада, ва бояд худашонро ҳамарӯза ба василаи Каломи Худо пок кунанд. Ҷисм як бор, ҳангоми қабули Исо пок шуд, вале муҳорибаҳои ҳаррӯза бо гуноҳ давом дорад. Имондор ба ақли худ боварӣ дорад ва бо омӯзиши ҳамешагии Каломи Худо ба пеш меравад. Касе дар бобати Библия чунин гуфт, «Ин китоб шуморо аз гуноҳ нигоҳ медорад, ё гуноҳ шуморо аз ин китоб нигоҳ медорад».

Фурӯтании ҳақиқӣ рӯҳи хизматгориро талаб мекунад (13:14-17)

Исо худашро тавассути ба ҷо овардани вазифаҳои хизматгор паст накард. Ӯ ҳис накард, ки шарафашро аз даст додааст. Чӣ фарқиятест аз замони мо, ки одамон барои мақоми баланд мубориза мебаранд. Баъзе вақтҳо барои пешвоёни рӯҳонӣ хеле душвор аст, ки рӯҳи хизматгориро доро бошанд.

Хеле пештар аз рӯзи ҷамъоварии ҳосил пайқамбар Юил гуфт, «Дар он айём бар ғуломон ва канизони Шумо низ рӯҳи Худро хоҳам рехт» (Юил_2:29). Агар инсон хоҳад, ки мавҷудият ва қудрати Рӯҳулқудсро ҳис кунад, бояд хизматгор бошад.

Исо дар Матто 20:27 чунин мегӯяд, « Ва ҳар кӣ, хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, қуломи шумо шавад». Ин чунин тавсиф дода мешавад, ки сарвар бояд хизматгор бошад. Қобилияти инсонии аз болои дигарон хоҷа будан бузургиро исбот намекунад, балки қобилияти инсонии хизматгор будан бузургии ҳақиқиро ошкор мекунад. Дар он рӯзҳои охир Исо ба онҳое, ки рӯҳи хизматгориро доштанд чунин гуфт:

« Офарин, эй қуломи нек ва мӯътамад» (Матто 25:21).

Одами фурӯтан хизматгор аст. Павлус мегӯяд, Ман хурдтарини ҳамаи

муқаддасонам (Фурӯтанӣ) (Ефсӯсиён 3: 8 ). ӯ ҳамчунин гуфт, «Зеро бо вуҷуди он ки аз ҳама озод будам, худро қуломи ҳама гардондам, то ки шумораи бештари одамонро ба Масеҳ ҷалб намоем (Хизматгор)

(1 Қӯринтиён 9:19).

Ин фурӯтании бардурӯқ набуд, вақте ки Павлус худро ҳамчун қуломи Исои Масеҳ муаррифӣ намуд. Шумо дар вақти шиносоӣ ӯро ҳамчун Ҳазрати Павлус тасаввур карда метавонед.

Фурӯтании ҳақиқӣ файз ва омӯрзишро бе пастшавии обрӯ ифода мекунад (13:31-35).

Баъди рафтани Яҳудо, Исо ба сӯҳбати хеле гарму наздик бо

шогирдонаш пардохт. Бори аввал ӯ шогирдонашро «Фарзандони Ман» номид. Дар набудан Яҳудо, Исо шогирдонашро аз рафтанаш огоҳ намуд  бо гуфтан ба онҳо, ки ҳамдигарро дӯст доранд ва пуштибонӣ кунанд. Ин муҳаббат рамзи масеҳиён шуд. Олам бояд донад, ки онҳо масеҳиён буданд ва нишонаи-фарққунандаи онҳо муҳаббат аст. Олами бутпарастӣ аз одамони аҷибе, ки худро масеҳиён  меномиданд, бо бузургии муҳаббаташон ҳайрон шуд.

Сарчашмаи муҳаббати масеҳӣ Исост (13:34). Чунки ӯ дӯст дошт, мо дӯст медорем. Роҳе, ки ӯ дӯст дошт, мо дӯст медорем. Вақте ки ӯ дӯст медорад, мо дӯст медорем.

Ҳангоми шустани пойҳо, дар  маҳкама, дар салиб, ӯ дӯст дошт-

-фурӯтан, боваринок, хизматгори бахшанда, вале на шарманда.

Фурӯтании ӯ дар ҳаёт ва мамот барои имондорон дар зиндагии ҳаррӯзаашон барои пайравӣ кардан мисол аст.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ мебахшад?

1. Исо фарзандонашро ҳамеша дӯст медорад (13:1).

2. Вақте ки шахс масеҳии ҳақиқӣ нест, ӯ метавонад муҳаббати худро нисбати Исо сохта ва дурӯғин нишон диҳад (13:1, 21) (Яҳудо дар миёни шогирдон пешво буд).

3. Вақте ки шахс гумроҳ мешавад, мо бояд хавотир шавем (13:21).

4. Мо мақомро на барои шараф, балки барои хизмат кардан ҷустуҷӯ кунем.

5. Хизмати Хурд –бузург аст андар пеши Худо.

6. Мақсади мо-ғуломи Исои Масеҳ шудан аст, то ин ки ба дигарон хизмат кунем.

7. Масеҳиён бояд бо муҳаббаташон ба ҳама маълум бошанд на бо ҷангашон.

**Оятҳо барои аз ёд: Юҳанно 13:34, 35.**

## ЮҲАННО 14

Нақша

**I .Омодагӣ таъмин шуд (Юҳанно 14:1-6).**

A. Даво барои ташвиш (14:1).

B. Ҷой барои оянда (14:1).

C. Роҳ тоза шуд (14:6).

**II. Ягонагии Падар ва Писар (14:7-14).**

**III. Ваъдаи Рӯҳулқудс (14:15-26).**

**IV. Сулҳу осоиштагии Исо бо шогирдонаш монд (14:27-31).**

**Маъракаи пешакӣ барои Калварӣ**

Рӯзи марги Исо наздик меомад. ӯ охирин ғуруби офтоби ҳаёти заминиашро дид. Орзӯи шогирдонаш ҷомаи амал напӯшиданд. Онҳо интизор буданд, ки Исо Малакути пурқудрати заминӣ ташкил медиҳад.

Рӯзи охирони ҳаёти Исо чунон батафсил аст, ки шаш фаслро дар бар мегирад. Акнун Исо ба шогирдонаш рӯй гардонд ва бисёр вақту қувваашро дар омӯзишу тавсиядиҳӣ ва тайёрӣ ба воқеъаи омадаистода сарф мекард. Фаслҳои 14-17 пур аз таълим додан ва рӯҳбаландӣ кардан аст.

Исо медонист, маргаш наздик аст ва медонист, ки барои шогирдонаш таъминоти пешакӣ зарур аст.

Омодагӣ таъмин шуд (14:1-14)

Шогирдон дар ташвиш ва қамгин буданд, онҳо ҳис мекарданд, ки чизе нодуруст аст. Исо ба онҳо гуфт, ки ӯ дигар бо онҳо нахоҳад буд. Онҳо ҳоло ҳам намедонанд, ки ӯ мемурад. Ин дар навиштае, ки аз тарафи Тумо дар ояти 5 шудааст, ба чашм мерасад. Онҳо бо маънои аслиаш фикр мекунанд, ки шояд Исо ба сафари заминӣ равона аст. Он чизе, ки онҳо фикр мекарданд, онҳо тайёр набуданд.

Исо ба онҳо гуфт, ки чӣ тавр ба қам ва воқеъаи омадаистода тайёрӣ бинанд. ӯ ҳамчунин оиди таъминотҳои омодашуда сухан гуфт.

**1. Даво барои ташвиш ва қамгинӣ дар ояти 1 дида мешавад вақте ки Исо гуфт, «Ба Худо имон оваред, ба ман низ имон оваред».**

Ду чизи муҳим дар ин ҷо дида мешавад, феъли имон овардан, ва исм, Худо ва Исо. Исо мегӯяд, ки имон овардан, эътимод кунед, вобаста бошед, боварӣ кунед. Имон ва эътиқод як ҳастанд. Ба биҳишт рафтан, имон асос аст. Барои Худоро хушнуд кардан, имон зарур аст. Барои қувва доштан то ин ки оламро тақйир диҳем, имон зарур аст. Исми имон хеле муҳим аст. Инсон дурӯқ хоҳад гуфт. Инсон ба худаш боварӣ надорад. Фақат имон аст, ки ҳеҷ тақйир намеёбад, ва он мутлақан муқаддас аст, ва аз ташвишу тарс осоиштагӣ мебахшад. Худо ягона предмети муносиби имони масеҳиён аст.

Исо боз ба илоҳияти худ, ба баробарии худ бо Худо назар андохт, вақте ки ӯ гуфт, « Ба ман низ имон оваред». Инро чунин тафсир додан мумкин аст « Ба ман низ чӣ хеле, ки ба Худо имон овардед, имон оваред».

Ин амр аст, ки Исо имон дошт, ки ӯ Писари Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст. Юҳанно 3:36 нишон медиҳад, ки танҳо онҳое ҳаёти абадӣ хоҳанд дошт, агар ба Писар имон оваранд.

Имон таркиби асосӣ ё омодагии зарурӣ барои дур кардани ташвиш, тарс ва танҳоӣ мебошад.

**2. <u>Исо дар бобати таъминоти омодашуда барои имондорон сухан мекунад.</u>**

Дар ояти 2 Исо гуфт, «Дар хонаи Падари ман иқоматгоҳ бисёр аст ва ман меравам, то ки барои шумо ҷой тайёр кунам».

«Хонаи Падар» ба биҳишт нисбат дода мешавад. « Иқоматгоҳҳои бисёр» ба таври рамзӣ ифода мекунанд, ки дар таъмини Худо барои ҳамаи имондорон, аз он ҷумла пайравони тарсу иқоматгоҳи кофӣ мавҷуд аст. Исо ба шогирдонаш ваъда дод, ки ӯ шахсан меравад, то ки барояшон ҷой тайёр кунад.

**Биҳишт ҷои тайёра барои одамони омодашуда мебошад.**

Тумо нафаҳмид, ки Исо чиҳо мегӯяд. Дар ояти 5 Тумо мегӯяд, «Худовандо! Намедонем, ки Ту куҷо меравӣ, пас чӣ гуна метавонем роҳро донем?» Исо

ҷавоб медиҳад, ки он яке аз беҳтарин ояти Библия шуд. ӯ ба шогирдонаш гуфт, «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам, касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман» (Ояти 6).

Ин оят мегӯяд, кӣ ба биҳишт меравад ва кӣ намеравад. Исо ягона аст. Ҳамадон хоҳад гуфт, ки ҳама ба биҳишт хоҳанд рафт чунки Худо Муҳаббат аст. Исо муҳаббатро медонист, ӯ бадбинӣ ва қувваи гуноҳро медонист. Дар салиб он баръало намоиш дида шуд. ӯ дар муҳаббат дард дид, гиря кард, ранҷ бурд, вале ӯ гуфт, ки барои ҳама ба сӯи Худо як роҳ аст. Исо миёнрав, васила шуд.

Мувофиқи гуфтаҳои Исо таъмид роҳи ба биҳишт рафтан нест. Аъмоли хуб роҳи ба биҳишт рафтан нест. Иртибот роҳи ба биҳишт рафтан нест. Қоидаҳо ва маросимҳои инсонсохта роҳи ба биҳишт рафтан нест. Аз Петрус ё Марям (қаҳрамонони Библия) вобастагӣ будан касро ба биҳишт нахоҳад бурд.

Исо мегуфт, « Ман роҳи ростӣ ва зиндаам: ҳеҷ кас ба назди Падар ба истиснои ин роҳ намеравад» (тафсир дода шудааст).

Барои ҳар касе, ки инро қабул мекунад барои ҳаёти абадӣ дар биҳишт таъминоти комил шудааст.

**<u>Тасаллидиҳанда ваъда кард (14:15-26)</u>**

Исо рафтанӣ буд, вале ӯ шогирдонашро танҳо монданӣ набуд. ӯ ба онҳо тасаллидиҳандаи дигареро ваъда кард. Ин тасаллидиҳандаи нав, Рӯҳулқудс дигар хел набуд, балки табиати дигари монанд буд.

Калимаи юнонӣ, ки дар ояти 15 истифода шудааст дар забони англисӣ

маънояш «paraclete» мебошад. Маънояш ягон кас ба паҳлуи дигар барои кӯмак додан аст. Ҳангоме, ки Исо дар омодагии тарк кардани шогирдонаш буд, аниқ буд, ки шогирдон ба чӣ ниёз доштанд. Рӯҳулқудс ба назди онҳо барои ёрӣ додан омад. ӯ мебоист ба онҳо ҳамчунин:

1. **Тасаллидиҳанда дар қам. Ояти 1.**
2. **Рӯҳбаландкунанда ҳангоми дилхунукиҳо. Ояти 1.**
3. **Устоди ҳақиқат. Ояти 26, 16:13.**
4. **Ошкоркунандаи Худо. Ояти 17.**
5. **Ҷалолдиҳандаи Исо. 16:14.**

Ин танҳо якчанд роҳе ҳастанд, ки Рӯҳулқудс ба шогирдон кӯмак кард ва ин кӯмакашро барои ҳамаи имондорон давом дода истодааст.

Дар ояти 15 Исо мегӯяд «Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард». Сипас ӯ фавран изҳор намуд, «Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард» (Ояти 16).

Муҳаббат, итоаткорӣ ва мавҷудияти Рӯҳулқудс ба ҳамдигар муносибати зич дорад. Бе муҳаббат итоати ҳақиқӣ нахоҳад буд. Бе муҳаббат ва итоат Рӯҳулқудс ҳақиқати зинда нахоҳад буд. Ба тарзи мусбат гуфта шудааст: Ҳангоме, ки Худо дӯст медорад ва ба таълимоти ӯ итоат мекунанд, онгоҳ Рӯҳулқудс қудратманд, ҳақиқати ҳаррӯзаи зинда хоҳад буд.

Ҷаҳон наметавонад ӯро бипазирад, зеро ки ӯро намебинад ва намешиносад (Ояти 17).

Олам ба василаи сабаб ва ҳиссиёт мебинад. Масеҳиён ба василаи имон мебинанд. Рӯҳулқудс рӯҳ аст ва танҳо дар чашмони имон намоён аст.

Рӯҳи ваъдашуда барои ҳамаи имондорон дар ҳама давру замон мебошад. Ояти 17-ро аз назар гузаронед:… «ӯ бо Шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд». Мувофиқи Аҳди Қадим Рӯҳулқудс барои одамони муайян меомад, вале ӯ онҳоро тарк кард. Баъди рафтани Исо, Рӯҳулқудс омад, ки дар зиндагии имондорон монад.

Тасаллидиҳанда на ба онҳое дода шудааст, ки бо овози баланд ибодат мекунанд ё эҳсосоти худро ба тарзи ғайримуқаррарӣ нишон медиҳанд. Талаби ягонаи пазируфтани Рӯҳулқудс дар ин якчанд оятҳо дида шудааст. Аз болои ибораҳои, муҳаббат ва итоат мулоҳиза кунед. Ин дар оятҳои 15, 21, 23 ва 24 ба чашм мерасад. Кист оне, ки Исоро дӯст медорад ва ба таълимоташ итоат мекунад? Албатта ин масеҳӣ аст. Ин он касест, ки Рӯҳулқудс дар ӯ мондааст.

Рӯҳулқудс диққаташро ба худ ё ба Масеҳӣ ҷалб намекунад. Агар Исо ҷалол ва эҳтиром карда нашуд ин кори Рӯҳулқудс нест. Рӯҳулқудс роҳнамоӣ мекунад, таскин медиҳад, таълим медиҳад, маҳкум мекунад-ҳамаи ин барои ҷалоли Исо.

**Сулҳу осоиштагӣ пешниҳод шуд (14:27-31)**

Одатан вақте ки одамон дар дами марганд, онҳо васият ва васиятномаи худро мемонанд. Ин навиштаҷот мефаҳмонад, ки чӣ тавр дороиҳои онҳо тақсим карда шавад. Исо чизҳои моддиро боқӣ нагузошт: ӯ чизеро боқӣ гузошт, ки бо пул харид наметавон кард-сулҳу осоиштагӣ.

Дар ояти 27 Исо мегӯяд, «Осоиштагиро ба Шумо боқӣ мегузорам». Ин осоиштагии ман аст, ки ба Шумо мемонам». Ақидаи соҳибият хеле қавӣ аст, вақте ки Исо мегӯяд, «Осоиштагии Ман». Ин осоиштагие буд, ки исбот карда шуд. Ин аз озмоишҳои сахт гузашт ва зинда монд. Ин осоиштагиест, ки метавонад натиҷаи фақат ҳисси омурзиши гуноҳҳо ва ягонагӣ бо Худо бошад.

Исо ин сулҳу осоиштагиро пешниҳод мекунад, чунки ӯ онро харид кард. ӯ онро ба василаи рехтани хуни худ имконпазир гардонд. «На ончуноне, ки ҷаҳон медиҳад» (Ояти 27). Инсон осоиштагиро барои дилхушӣ, шӯҳрат ва сарват талаб мекунанд. Ин осоиштагии ҷаҳон аст. Ин ташвиш ва қаму андӯҳро боқӣ мегузорад. Он ба эҳтиёҷоти рӯҳ ҷавоб намедиҳад. Ин муваққатӣ аст.

Осоиштагие, ки Исо медиҳад мисли осоиштагии инсон додагӣ нест. Одамон доимо пур аз орзуҳо ва ваъдаҳо ҳастанд. Осоиштагии инсони ҷаҳонӣ умри кӯтоҳ дорад.

Осоиштагии Исо ба мисли осоиштагии пешниҳодкардаи системаи фалсафаи ҷаҳон ва динҳои дуруқин нест. Онҳо гӯё осоиштагиро медиҳанд, вале он ҳақиқӣ нест.

Исо шогирдонашро тарк кард. ӯ ба сӯи салиб рафт, баъд ба Осмон. Вале ӯ сулҳу осоиштагиашро бо онҳо боқӣ гузошт. Пеш аз рафтанаш, ӯ таъминотро боқӣ гузошт. ӯ онҳоро ба қам тайёр кард ва онҳоро барои макони тайёршуда боварӣ кунонд. ӯ (Paraclet) Тасаллидиҳандаи дигарро ваъда дод.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чиро мефаҳмонад ?

1. Ҷавоб додан ба қам ва ташвиш ин имон ба Худо аст (Ояти 1).

2. Мо набояд аз оянда ҳарос дошта бошем, чунки ҳама чиз тайёр карда шудааст (Оятҳои 2-6).

3. Ба биҳишт дари эҳтиётӣ нест. Танҳо як дар аст- Исо (Ояти 6).

4. Ба мо зарур аст, ки аз мавҷудияти Рӯҳулқудс дар зиндагиамон бохабар бошем, чунки ӯ мавҷуд аст.

5. Хотирнишон бояд кард, ки муҳаббати ҳақиқӣ ба Исо натиҷаи итоат аст (Ояти 15).

6. Дар олам қувваи дигари тавоно аст, ки мо бояд аз он бохабар бошем. Он- Шайтон аст (Ояти 30).

**Оятҳо барои аз ёд: Юҳанно 14:1-3, 6, 27.**

## ЮҲАННО 15

**Нақша**

**I. Исо шогирдонашро барои нигоҳ доштани робитаи дуруст рӯҳбаланд мекунад (Юҳанно 15:1-9).**

**II. Исо шогирдонашро рӯҳбаланд мекунад, то ки итоаткор бошанд (15:10-17).**

A. Барои итоаткорон подоши махсус ваъда карда шудааст.

1. Итоаткор дар Муҳаббати Наҷотдиҳанда мемонад (15:10).

2. Итоаткор шодию хурсандии илоҳиро мефаҳмад (15:11).

3. Итоаткор ба дуоҳои ҷавобдода боварӣ дорад (15:16).

B. Шогирдон ба итоаткорӣ талқин мешаванд.

1. Шогирдон ба воситаи муҳаббат талқин мешаванд (15:12-13).

2. Шогирдон ба воситаи фарёд ва мақсади Худованд талқин мешаванд (15:15-16).

**III. Исо шогирдонашро барои итоаткор кардан рӯҳбаланд мекунад (15:18-27).**

**Рӯҳбаландӣ барои рӯҳафтодагон**

Марг наздик шуда истодааст. Дилҳои ҳама пур аз тарс ба қайр аз Исо. Исо ва шогирдонаш истеъмоли хӯрокро тамом карданд. Яҳудо аллакай аз ин гурӯҳ ҷудо шуд, ва бо онҳое, ки ӯро куштан мехоҳанд, вохӯрӣ дошт. Нақшаро душманони Исо тартиб доданд, ҳамзамон ӯ дар додани тавсияҳо ва ба рӯҳбаланд кардани шогирдони хавотиргашта банд буд.

Эҳтимол чун ин гурӯҳи хурд бо пайраҳаи шинос бо воситаи боғи Ҷатсамонӣ роҳ рафта буданд, онҳо токзорро убур карданд. Исо ягон чизи осонфаҳмро, ба мисли шароби май барои таълими ҳақиқатҳои бузурги рӯҳонӣ истифода мебурд.

<u>Исо шогирдонашро барои нигоҳ доштани муносибати дуруст бо худ рӯҳбаланд мекунад</u>

<u>(15:1-9)</u>

Дар хотир нигоҳ доред, ин таълимоти оддӣ барои шогирдонро (онҳое, ки имондор буданд) барои рӯҳбаланд кардан, то ки имондориро давом диҳанд, ҳатто баъди салиб.

Исо таълим намедиҳад, ки шахс баъди наҷотёбӣ метавонад гумроҳ шавад. Баъзе одамон кӯшиш мекунад, ки ин оятҳоро, хусусан ояти 2 ва 6-ро барои исботи аз наҷотёбӣ маҳрум шудан истифода мебаранд. Ин нуқтаи муҳими ин фасл нест. Бисёр Навиштаҳо низ нишон медиҳанд, ки ин мумкин аст, ки масеҳӣ наҷоти худро аз даст диҳад. (Юҳанно 10:28, Румиён 8:31-39, 1 Петрус 1:4).

Пас Исо чӣ таълим медиҳад? Бо тасвири ток, навда ӯ вобастагии мутлақи шогирдонашро аз худ тасвир мекард. Исо, ток/ дарахт/, сарчашмаи қувва барои ҳамаи шохаҳо мебошад. Ҳар масеҳӣ навда аст. Ин ҳақиқатҳо дар ояти 5 кушоду равшан нишон дода шудаанд: <u>**Ман Ток ҳастам, ва шумо навдаҳо: Касе ки дар ман бимонад, ва ман дар вай, меваи фаровон меоварад, зеро ки бе Ман ҳеҷ коре наметавонед кунед.**</u>

Ба шогирдон, барои ояндаи онҳо зарур аст, ки бо Исо дар иттифоқ бошанд. Ин албатта на иттифоқи ҷисмонӣ, балки иттифоқи ягонагӣ дар вазъияти рӯҳонӣ буд. Масеҳиён ба ин иттифоқ ба василаи файз ворид мешаванд. (Эфсӯсиён 2:4-10). Файз ва омӯрзиш ба ҳама пешниҳод мешавад, ҳатто ба онҳое ки ҳоло гуноҳкорони ашаддӣ ҳастанд. Масеҳиён наметавонанд имтиёзи иттифоқ бо Исоро кор кунанд.

Масеҳиён абадан дар Исо ҳастанд, то он ҷое, ки ӯ мавқеъ дорад, вале ӯро метавонанд «дур кунанд», то он ҷое, ки ба фурсати қуллай ва илоҳияти ӯ вобаста бошад.

Ин мумкин аст чизе бошад, ки Исо дар ояти 6 гуфтааст, «Касе, ки дар ман намонад, чун навдае бурида мешавад ва мехушкад, ва чунин навдаҳоро гирд оварда, ба оташ меандозанд, ва онҳо месӯзанд». Масеҳӣ метавонад боз ба гуноҳ қӯтта занад, ин на гум кардани наҷот балки аз даст додани қобилияти ба бор овардани мева мебошад. Агар имондор хоҳони доштани муносибати дуруст бо Худо бошад, ӯ бояд «шохабурӣ» карда шавад. «Шохабурӣ» барои он лозим аст, ки гуноҳ ба зиндагии масеҳӣ дохил шуда, онро олуда месозад. Баъзе чизҳое ҳастанд, ки онҳоро бурида партофтан лозим.

Барои шогирдон пеш аз оне, ки мева ба бор оранд, бояд якчанд бор «Навдазанӣ»-ро аз сар гузаронанд. Фаҳмиши онҳо дар бобати вазифаи Исо тоза карда шуд. Қояе, ки Исо бояд ҳукмрони заминӣ шавад, бурида партофта шуд. Қояи муҳим будани шӯҳрати заминӣ бурида шуд. Тарсу ҳароси онҳо бурида партофта шуд.

Он қисмҳое, ки дар ҳаёти масеҳӣ барои ба мақсади Худо ноил шудан халал мерасонанд бояд бурида партофта шаванд.

Мақсади шинондан (ток ва навда) ба бор овардани мева аст. Мақсадаш на ба бор овардани баргҳо аст. Бисёр баргҳо дар ток хеле зебо ҳастанд вале ин зебогӣ мақсади ток нест. Бисёр масеҳиён худро зебо нишон медиҳанд, хуб сухан мегӯянд, вале дар бораи мева чӣ? Ҷаҳон рӯҳан гурусна аст, чунки масеҳиён ба ҷои мева баргро пешниҳод мекунанд.

Ҷаҳон медонад, он кас масеҳӣ аст агар дар ӯ мева мавҷуд аст ва онро дидан мумкин аст. Дар ояти 8 Исо мегӯяд, «... шогирдони ман хоҳед буд». Бор овардани Масеҳиён пайравиашонро собит месозад.

Мева чист? Ин он сифатҳоянд, ки дар Қалотиён 5:2 омадаанд: муҳаббат, шодмонӣ, осоиштагӣ, пурсабрӣ, меҳрубонӣ, марҳамат, имон, фурӯтанӣ, парҳезгорӣ.

Агар ҳамаи инҳо дар ҳаёти Масеҳӣ мавҷуд бошад, меваи дигар-масеҳии дигар ҳосил хоҳад шуд. Калиди паҳншавии масеҳият дар он аст, ки ҳар як имондор бояд шахси дигареро ба Масеҳ гаравад. Ин мевае аст, ки ҳар як масеҳӣ бояд ба бор орад агар ӯ дар Масеҳ мемонад, чӣ хеле, ки навда дар ток мемонад.

Ҳамчунин нигаред, ки ток навдаҳоро нигоҳ дошта истодааст. Имондор дар Исо аст, чаро ки Исо имондорро нигоҳ медорад. Исо қувваест барои имондор.

Мева дар мубориза бо ток ба даст намеояд. Мева ба таври табиқ меояд, вақте ки бо ток муносибати дуруст вуҷуд дорад. Он гоҳе ки шохаҳо бо ток як мешаванд, мева ҳосил мешавад. Худо, боқбон, ток ва навдаҳоро қамхорӣ мекунад, ба онҳо кӯмак мекунад.

<u>Исо шогирдонашро рӯҳбаланд мекунад, ки итоаткор бошанд (15:10-17)</u>

Шогирди ҳақиқӣ ба оқояш итоат мекунад. Шахсе, ки мегӯяд, ки ӯ Худоро дӯст медорад вале дар айни замон каломи ӯро инкор мекунад, дурӯғ мегӯяд.

1. Исо ба итоаткор подоши махсус ваъда кардааст.

**(1). Шахси итоаткор дар муҳаббати Наҷотдиҳанда мемонад (15:10).**

Дар ояти 9 Исо оиди муҳаббати худ мегӯяд: «Чунон ки Падар маро дӯст доштааст, Ман низ шуморо дӯст доштаам». Ин муҳаббат амиқ, дилсӯзона ва тағйирнаёбанда аст. Ин намуди муҳаббатест, ки барои дӯстон ва душманон пешниҳод шудааст.

Муҳаббати Исо дар салиб кушоду равшан дида шуд, чун ӯ бо ризоият ҷон дод. Ин муҳаббат аз таскини худ дида барои эҳтиёҷоти дигарон бештар равона шудааст. Ҳар имондор ин сифати Муҳаббати Наҷотдиҳандаро медонад.

**(2). Шахси итоаткор шодию хурсандии илоҳиро мефаҳмад.**

-

Инро ба шумо гуфтам, то ки шодии ман дар шумо бимонад ва шодии шумо комил бошад (Ояти 11).

Исо намуди махсуси шодӣ дошт. Ин шодие буд, ки аз итоаткорӣ, муҳаббат ва вафодорӣ меомад.

Шодӣ Исоро дар марг нигоҳ дошт. Биёед ба Сарвар ва Комилкунандаи имони мо, яъне Исо назар дӯзем, ки ӯ ба ҷои шодие, ки ӯро дар пеш буд, ба хорӣ

беэътиноӣ намуда, ба салиб тоб овард ва ба ямини тахти Худо бинишаст (Ибриён 12:2).

Ин чунин шодӣ, ки аз дард ва азият бузургтар аст, ба масеҳии итоаткор ваъда шудааст. Ин шодие нест, ки шуморо аз ин олам, шаъну шукӯҳ, дилхушӣ ё пул таъмин кунад. Шодии боигарии ин олам муваққатист.

Имондоре, ки Хурсандии Исоро дорад соҳиби моликиятест, ки ӯро то абад сарватманд мегардонад. Ҷиҳатҳои заминӣ ин шодиро танзим намекунанд. Дар ҳаёт ва мамот, солимӣ ва беморӣ, шодӣ бо шахси итоаткор мемонад.

**(3). Итоаткор аз дуои ҷавобдода кафолат дода шуд.**

<u>«На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред. Ва меваи шумо бимонад, то ки ҳар чӣ аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато кунад» (Ояти 16).</u>

Сирри хизмати бо самар ибодат аст. Сирри ибодати ҷавобдода итоат аст. Чун имондор дар Исо дар итоат мемонад, ӯ ирода ва роҳҳои Худоро медонад. Чун фақат масеҳӣ иродаи Худоро медонад, ӯ ҳамчунин медонад чӣ хел ибодат кунад.

Ба хотир оред, ки Худо ба дуоҳои пайравони итоаткор ҷавоб медиҳад. Баъзе вақтҳо ӯ ҳа мегӯяд ва баъзе вақтҳо ӯ не ҷавоб медиҳад. Вале агар дуо бо иродаи Худо мувофиқ бошад, ӯ ҳамаи он чиро, ки мепурсад, Худо ба ӯ хоҳад бахшид.

2. <u>Исо барои итоат сабаб пешниҳод мекунад.</u>

**(1). Пайравон ба василаи муҳаббат-муҳаббат ба Исо ва нисбати ҳамдигар талқин мешаванд (Оятҳои 12, 14, 17).**

Бисёр одамон ба василаи тарс талқин мешавад. Тарси онҳо Худо аст, онҳо аз пешвои динӣ метарсанд. Пайрави ҳақиқӣ озод аст ва ба василаи муҳаббат ба Худованд ва ба бародарон ва хоҳарон дар имон талқин карда мешавад. Аз тарс хизмат кардан ҳеҷ шодие намебахшад. Хизмати бо муҳаббат шодии бениҳоят мебахшад.

**(2). Вафодорӣ ба даъвати Худованд пайравонро ба итоаткорӣ талқин мекунад (Оятҳои 15-16).**

Исо ҳаёти ботинии худ, вазифаи худ ва воситаҳои иҷрокунии онро ба василаи марг, эҳёшавӣ ва фиристондани Рӯҳулқудс бахшид.

Ба шогирдон ваколат дода шуд. Онҳо интихоб шуданд, ки ҳавворӣ шаванд. Онҳо интихоб шуданд ва ба ҷаҳон равона шуданд, то ки меваи бисёртаре ба бор оранд. «Ман…шуморо баргузидаам, ки шумо биравед ва мева оваред, он навъи мевае, ки бимонад» (Ояти 6 б).

Ин маънои онро дорад, ки ба бор оварии мева анҷом намеёбад. Барои Исо ҳеҷ имкони бознишастанӣ нест. Дар овардани мева ҳеҷ танаффусе нест. Даъват барои ҳаёт аст. Масеҳӣ бояд итоаткор бошад, чунки Худо ӯро интихоб намуд ва барои ба ҷо овардани кори муайян ваколатдор намуд.

Исо шогирдонашро барои ба ӯ содиқ будан талқин мекунад (15:18-27)

Баъди марги Исо шогирдонаш ба озмоиш рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Ин то ҳамон даврае ба чашм хоҳад расид, ки ҷаҳон дар муқобилат бо Исо ғалаба кунад. Мумкин аст, таъқибот шогирдонро барои бо ҷаҳон якфикра будан озмоиш мекунад.

Исо шогирдонашро боварӣ кунонд, ки онҳо ба муқобилияти сахт дучор хоҳанд шуд, ҷаҳон ҳатто онҳоро ва пайғомашонро бад хоҳад дид. Бо гуфтани «Ҷаҳон» Исо як қисми ҷамъиятро, ки ба Исо зид буданд ва ба Худо беитоат буданд, дар назар дошт.

Пайравони Худоро нафрат хоҳанд  кард, чунки онҳо ӯро намояндагӣ  мекунанд. Исо нуқтаи асосии нафрат аст, чаро ки одамон ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худо қабул  намекунанд. Адолати ӯ дар миёни гуноҳ ба гуноҳкорон ҷазо хоҳад овард. Гуноҳкор бо имондор худро нороҳат ҳис  мекунад.

Ҳатто агар ҷаҳон имондорро нафрат кунад, ӯ бояд ба Исо содиқ монад.

Ҳангоми заифӣ имондор овози ҷаҳонро мешунавад. Овоз дар ҳама ҷо аст ва мардумонро ба чашидани лаззати ин дуньё даъват мекунад. Исо мегӯяд «Ба ман ва меъёрҳои адолат содиқ бимонед».

**Имрӯз, акнун, пайғоми рӯҳбаландиро мешунавед.**

**Дар Исо монед.**

**Ба Исо итоат кунед.**

**Ба Исо содиқ бошед.**

**<u>Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ мебахшад?</u>**

1. Мо навдаҳоем, ки пурра аз ток вобастагӣ дорем. Сарчашмаи ҳаёти рӯҳониамон аз мо вобастагӣ надорад, ин аз ӯ вобастагӣ дорад.

2. Навда, мева ба бор меорад, агар солим бошад.

3. Ибодат ва омӯзиши Библия барои мондан дар иттифоқ бо Исо муҳим аст.

4. Мо шодӣ хоҳем дошт, агар мо дар иттифоқ бо Исо бимонем.

5. Масеҳиён ба муҳаббати ҳамдигар ниёз доранд.

6. Ташвиш ё рӯҳафтода нашавед, агар ҳамсоятон ба шумо ва пайқоматон механдад. Дар хавотир бошед, агар ҳеҷ кас ба шумо намехандад ё пайқоматонро инкор мекунад.

7. Мо касеро дорем, ки барои ҳосил кардани мева ба мо кӯмак мекунад (Ояти 26). Ба он танҳо кӯшиш накунед.

**Оятҳо барои аз ёд кардан. Юҳанно 15:5-18.**

## ЮҲАННО 16

**<u>Нақша</u>**

**I .Исо таъқиби имондоронро пешгӯӣ мекунад**

**(Юҳанно 16:1-4).**

**II. Исо кори Рӯҳулқудсро пешгӯӣ мекунад (16:5-15).**

**III. Исо табдил ёфтани қамгиниро ба хушҳолӣ  пешгӯӣ мекунад (16:16-24).**

**IV. Исо пирӯзӣ аз болои оламро пешгӯӣ мекунад (16:25-33).**

**Пешгӯиҳои гаронбаҳо**

Ин фасл  пур аз пешгӯиҳое мебошад, ки баъдтар шогирдонашро барои пирӯзона бо ҳаёт рӯ ба рӯ  шудан тайёр мекунад. Барои он ки Исо бештар аз одами оддӣ буд. ӯ метавонист ояндаро пешгӯӣ кунад.

Исо таъқибро пешгӯӣ мекард (16:1-4)

Чӣ хел ин пешгӯӣ қимматбаҳо аст? Таъқиб метавонад одами заиф ва тарсончакро нобуд кунад, вале вақте ки масеҳии заиф нури ҳақиқати Худованди эҳёшударо мепазирад, дар вақти ба таъқибот рӯ ба рӯ шудан қувваваш меафзояд.

Таъқиб дар паҳншавии Инҷил олоти асосӣ мебошад. Дар Аъмол 8:1 натиҷаи таъқиб дида мешавад: **Худи ҳамон рӯз таъқиботи шадиде бар зидди аҳли калисои Ерусалим ба амал омад, ва ҳама, ғайр аз ҳаввориён, ба ноҳияи Яҳудо ва Сомария пароканда шуданд**. Дар Аъмол 8:4 чунин омадааст. **Онҳое, ки пароканда шуда буданд, ба ҳар ҷое, ки мерафтанд, аз Калом башорат медоданд.**

Исо дар Матто 5:10 гуфт: ***Хушо таъқибшудагон дар роҳи адолат, зеро ки Малакути Осмон аз они онҳост.***

Исо медонист, ки баъди таъқибот чизҳое зебое имондоронро интизор ҳастанд.

Павлус таъқиботро аз сар гузаронд: Аъмол 13:50, 52**: Яҳудиён… ба таъқиби Павлус ва Барнаббо сар карданд ва онҳоро аз он ноҳия ронданд. … Ва имондорон дар Антиок аз шодӣ ва Рӯҳулқудс пур шуданд.**

Таъқибот як чизи қимматбаҳо аст, чунки натиҷаи он буд, ки масеҳиён аз шодӣ ва Рӯҳулқудс пур шуданд.

Павлус на он касе буд, ки доимо таъқибаш мекарданд. Дар як замон ӯ таъқибгар буд. ӯ фикр мекард, ки ӯ ба Худо хизмат мекунад, ҳол он ки ӯ бар зидди масеҳиён бо таҳдиди қатл мебаромад. Аъмол 9:1 ва Аъмол 26:9-11.

<u>Инсон метавонад хеле самимона ва боқайрат бошад ва хеле хатокор (16:2).</u>

Чаро одамоне, ки худро масеҳӣ меноманд дигарҳоро, ки Библияро пайравӣ мекунанд мавриди таъқиб қарор медиҳанд? Исо ба ин дар ояти 3 ҷавоб медиҳад: <u>**… Чунки онҳо на Падарро шинохтанд ва на Маро.**</u>

Барои имондор таъқиб ваъда карда шудааст. Муддати тӯлонӣ мавҷуд набудани таъқиб он маъниро дорост, ки имондор ба мисоли имондор амал накардааст. Аз паси таъқибот сулҳу осоиштагӣ ва шодӣ мебошад.

Ҳозир дар ҷаҳон ҷойҳое ҳастанд, ки Исоро ҳамчун Худованд ҳисоб кардан маънои маргро дорад. Бисёр маконҳое ҳастанд, ки одамони ба ном масеҳӣ муқаррарӣ ҳастанд, ҳамзамон барои наврасоне, ки аз оилаашон ҷудо шудаанд қайримуқаррарӣ аст, чунки онҳо пайравии Исоро интихоб карданд ва Библияро ягона ҳоким мефаҳманд.

<u>Исо кори Рӯҳулқудсро пешгӯӣ мекунад (16:5-15)</u>

Исо хеле барвақттар омадани Рӯҳулқудсро пешгӯӣ карда буд. Акнун ӯ оид ба кори Рӯҳулқудс тафсилоти бештаре додааст.

Ба хотир овардан муҳим аст, ки Рӯҳулқудс дар зиндагии имондорон сокин аст.

Ҳангоме, ки шахс Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд мепазирад, ӯ ҳамчунин Рӯҳулқудсро мепазирад. (Исо ҳеҷ гоҳ ба шогирдонаш нагуфта буд, ки онҳо бо забони бегона гап зананд, то ки Рӯҳулқудсро пазироянд). Дараҷае ки инсон аз Рӯҳулқудс пур шудаст аз он вобастагӣ дорад, ки ӯ чӣ қадар ҳаёташро ба таъсири Рӯҳ таслим кардааст. Масеҳиён бояд хабардор бошанд, ки Рӯҳулқудс дар ҳаёти онҳо зиндагӣ мекунад ва хоҳиши назорати пурраро дорад. Юҳанно 14:17, 1 Қӯринтиён 3:16, Румиён 8:9-ро хонед.

Акнун ба Юҳанно 16:5-15 хусусан ба ояти 8 дақиқтар назар андозем. Дар ин оят Исо гуфтааст, ки Рӯҳулқудс ба одамон исбот хоҳад кард, ки онҳо дар бобати гуноҳ, дар бобати чӣ дуруст аст, ва дар бобати доварии Худо фикрҳои барқалат доранд.

**1. Гуноҳ**

Рӯҳулқудс яккаю ягона аст, ки одамони наҷотнаёфтаро аз вазнинии гуноҳ озод мекунад. Масеҳӣ масъулияти бо ҳам дидани Хабари хушро дорад, ки дар бораи гуноҳ рӯшноӣ меандозад. Рӯҳулқудс пайғоми гуфташудаи Каломи Худоро ва доварии Масеҳро истифода мебарад. Кори охирон дар дили беимон бояд кори эътимодноки Рӯҳулқудс бошад. Шахс метавонад то он вақте наҷот ёбад, ки Рӯҳулқудс ӯро боварӣ кунонад, ки ӯ гуноҳкор аст. Танҳо, ҳангоме ки беимон розӣ аст, ки ӯ дар ҳал кардани проблемаи рӯҳӣ ва қисматаш мӯҳтоҷӣ кӯмак аст, ӯ метавонад имондори ҳақиқӣ шавад. ӯ бояд бо тавба кардан аз гуноҳе, ки ӯро аз Худо ҷудо кард, ин масъаларо назди Худо эътироф кунад.

Бисёр гуноҳҳо мавҷуд ҳастанд, вале танҳо як гуноҳе аст, ки метавонад шахсро гумроҳ кунад. Чӣ тарзе, ки дар ояти 9 дида мешавад, ин гуноҳи беимон аст: … **чунки ба ман имон намеоваранд.**

**2. Ҳақиқат чист**

Далели он ки Исо ба назди Падар рафт ба ҷаҳон исбот шуд ки ӯ ҳақ буд… Бар адолат, ки назди Падари Худ меравам (Ояти 10). Исо дар пешгӯиҳо ва талабҳои худ дар бобати ба Худо баробар будан ҳақ буд. Рафтани ӯ ба назди Падар ин қувваро намоиш дод. Рӯҳулқудсе, ки дар дили мардум кор мекунад, онҳоро дар ҳамаи он чизе, ки Исо талаб ва дар амал иҷро намуд мӯътақид кард.

**3. Доварӣ**

**Дар салиб, охирин доварӣ аз болои Шайтон ва пайравонаш ба амал оварда шуд. Шайтон акнун қудрати муваққатӣ ва маҳдуд дошт, вале ӯ аллакай доварӣ ва маҳкум шуда буд. Исоро инкор кардан ба доварӣ ва маҳкумият оварда мерасонад.**

**4. ӯ ба ҳақиқат ҳидоят хоҳад кард (16:12 –14)**

Талаботи асосӣ дар ояти 12 дида мешавад. Барои Масеҳӣ фаҳмиш пешравӣ аст. Танҳо бо гузашти айём пайравон қодир ҳастанд ҳақиқати бузургро пазиранд.

Хулосаи аъмоли Рӯҳулқудс: **ӯ маро ҷалол хоҳад дод**

(Ояти 14).

Рӯҳулқудс диққатро ба Худ ё инсон ҷалб намекунад. ӯ диққатро ба Исои Масеҳ ҷалб мекунад. Ин воситаи хубест барои озмоиши таълимот ва табликот. Кӣ ҷалол мегирад? Рӯҳулқудс? Омӯзгор? Исо? Ҳангоме, ки Рӯҳулқудс ҳамчун шахси асосии Сегона пазируфта шавад, натиҷааш Масеҳият нест. Масеҳ бояд боло бардошта шавад.

Исо пешбинӣ мекунад, ки қамгинӣ ба шодӣ мубаддал хоҳад гашт (16:16-24)

**Дере нагузашта Маро нахоҳед дид ва боз дере нагузашта Маро хоҳед дид (Юҳанно 16:16).**

Дар ояти 20 Исо ба шогирдон мегӯяд, ки қамгинии онҳо ҳангоми марги ӯ муваққатӣ хоҳад буд. Вале он тақъир хоҳад ёфт. Баъди «муддати кӯтоҳе» дар қабр Исо боз эҳё хоҳад шуд. Қамгинӣ ба шодӣ мубаддал хоҳад шуд. Дар ояти 22 гуфта мешавад, ки ин шодӣ абадист. Яке аз сифатҳои шодӣ ин амният аст. Ҳеҷ як шахс наметавонад ин шодиро дур кунад (Ояти 22). Баъди эҳёшавӣ шогирдон монанди пештара набуданд. Ҳеҷ шахсе ки ба Худои Зинда ҳамчун Худованди Шахсии худ имон дорад, ҳақ надорад, ки қамгин бошад.

Исо пирузӣ аз болои ҷаҳонро пешбинӣ мекунад (16:25-33)

Вақте ки он рӯз меояд… (Ояти 26). Ин рӯзи қалаба-рӯзи эҳёшавист. Баъзе одамон боварӣ доранд, ки Исо дар ин ҷо ба Пентекост ишора кардааст. Иборан «он рӯз» дар оятҳои 16:23 ва 14:20 ба чашм мерасад. Хусусан дар ояти 14:20 нишон дода шудааст, ки Исо дар бобати давраи баъди эҳёшавқ нақл кардааст.

Чунончӣ дар ояти 29 дида мешавад шогирдон ба пазируфтани фаҳмиши нав сар карданд. Онҳо боварӣ ҳосил карданд, ки Исо фиристодаи Худо аст, чунки ӯ ҳама чизро медонад (Ояти 30).

Исо ҳама чизро медонист ва медонист, ки имони шогирдонаш ҳақиқӣ буд, вале қавӣ набуд. Бо суоли оддӣ ӯ онҳоро пурсид, «Акнун шумо боварӣ доред?».

Исо пешбинӣ кард, ки пас аз маргаш, шогирдонаш парешон хоҳанд шуд, ҳар кас ба хонаи худ мерафт.

Пайқоми зебо дар охири фасли 16 омадааст. Ҳарчанд чунин ба назар мерасид, ки шогирдонаш боваринок набуданд, Исо аз болои ҷаҳон қалаба кард.

Таърихшиносон ва файласуфон асрҳо боз нақшаи синну сол ва равиши таърихро ҷустуҷӯ доранд. Чунин ба назар мерасад ки Шайтон ва қувваҳои бадӣ қудрат ва назоратро ба дасти худ гирифтаанд.

Вақте ки Исо гуфт « Ман ҷаҳонро мақлуб кардам» ӯ оиди амали анҷомдода сухан кард. Хеле ҳам хуб иҷро карда шуд. Дев ва беимонон акнун озодии маҳдуд доранд. Исо боз барои талаб кардани пирӯзӣ меояд, ки ӯ аллакай дар салиб ва эҳёшавӣ ба даст оварда буд. Таърих ба беимонон торик аст, чунки бе ягон умед барои онҳо торик аст. Барои масеҳиён Исо калиди таърих аст. ӯ марг ва гуноҳро мақлуб кард ва қолибона зиндагӣ мекунад. Ба василаи ӯ имондор аз болои ҷаҳон қолиб меояд. Имондорон, шумо инро танҳо наметавонед кард, ба василаи имон, Исо бояд ба он вобаста бошад.

Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ дорад?

1. Ҳайрон нашавед, вақте ки шуморо таъқиб мекунанд. Ба имондорони аввалин ин ҳолат рӯй дод. То ҳоло ин давом дорад.

2. Мо метавонем пайғомро муаррифӣ кунем, тухмро корем, вале Рӯҳулқудс бояд ягона бошад, ки гуноҳро маҳкум мекунад, ва ба сӯи ҳақиқат ҳидоят мекунад.

3. Ба василаи сабабу мантиқ инсон метавонад, бо таълимоти имондорон розӣ бошад, ҳамзамон ин шахс масеҳӣ буда наметавонад.

4. Амале аст, ки танҳо Рӯҳулқудс карда метавонад. Мо мавъиза мекунем, ӯ ба кор мебарад. Мо дар бораи гуноҳ сухан мекунем, ӯ гуноҳро маҳкум мекунад. Мо дар бобати табиати нав сухан мекунем: ӯ табиати навро медиҳад.

5. Агар диққати шумо ба инсон равона аст, ин кори Рӯҳулқудс нест (Ояти 4).

6. Ду таблиғотчӣ мавъиза карданд. Дар бораи яке мардумон чунин гуфтанд: «Чӣ хел таблиғотчии бузург». Дар бораи дигаре чунин гуфтанд: «Чӣ хел Наҷотдиҳандаи бузург ӯ дорад». Охирон кори Рӯҳулқудс аст.

7. Дар бораи Худо ва корҳои Худо омӯхтан пешравӣ аст (Ояти 12).

8. Барои Масеҳиён зарур аст, ки табассум кунанд, онҳо шодӣ доранд ва ҳеҷ касе онро гирифта наметавонад (Ояти 22).

**Оят барои аз ёд кардан: Юҳанно 16:33 б**

## ЮҲАННО 17

**Нақша**

**I. Исо барои худ дуо кард (Юҳанно 17:1-5).**

A. ӯ барои ҷалол дар салиб дуо кард (17:1).

B. ӯ барои ҷалол дар эҳёшавӣ дуо кард (17-5).

**II. Исо барои шогирдонаш дуо кард (17:6-19).**

A. ӯ дуо кард, ки онҳо дар иттифоқ бошанд (17:11).

B. ӯ дуо кард, ки онҳо аз шахсони бад дур бошанд (17:15).

C. ӯ дуо кард, ки онҳо барои хизмат ҷудо шаванд (17:17-18).

**III. Исо барои имондорони оянда дуо кард (17:20-24).**

A. барои иттифоқ дар миёни имондорони оянда дуо кард

(17:21-23).

B. ӯ барои ҷалол дар ояндаи ҳамаи имондорон дуо кард (17:24).

**Исо дуо кард**

Дар ботини ҳар имондор калид барои кушодани хазинаи бузурги боигариҳои Худо маҳфуз аст. Ин калид дуо аст. Ин барои баҳра бурдани тамоми имондорон аст, ҳамзамон миқдори ками одамон дар бораи дуои ҳақиқӣ

медонанд.

Ин аҷиб ба назар мерасад, ки шогирдони Исо гуфтанд, «Худованд, ба мо дуо карданро омӯз» (*Луқо* 11:1). Ин одамон шояд дар оилаҳои сахтгири мазҳабӣ ба воя расида бошанд. Онҳо «Ба калисо мерафтанд» ва тамоми ҳаёташон дуо карда буданд. Соле пеш, агар шогирдонро мепурсиданд «Шумо медонед, чӣ хел дуо кунем?». Онҳо шояд таҳқир мешумурданд «Албатта, мо медонем, чӣ хел дуо кунем» –онҳо ҷавоб хоҳанд дод «Мо солҳои сол ҳар рӯз дуо мекардем».

Онҳо метавонанд дар бораи дуо аз Навиштаҳои Аҳди Қадим иқтибос оранд. Онҳо метавонистанд муқобили дуоҳо бо далелҳо ҷавоб диҳанд ва барои дуо сабабҳо пешниҳод кунанд. Вале вақте онҳо Исоро ҳангоми дуо диданд, онҳо донистанд, ки онҳо намедонанд чӣ тарз дуо кунанд. Онҳо диданд, ки чӣ қадар вақтро ӯ сарфи дуо мекунад ва ин дар зиндагии ӯ чӣ мақом дорад. Онҳо диданд, ҳангоме, ки ӯ дуо мекард одамон ва ашёҳо дигар мешуданд. Ба онҳо дуо шакл шуд, барои Исо ин қувва буд. Онҳо диданд, ки баҳри пуртуғён ором шуд. Баъди дуо кардан ба ивази панҷ нон ва ду моҳӣ онҳо дувоздаҳ сабад нони боқимондаро ҷамъ карданд. Онҳо диданд, нобино бино шуд, ҳангоме, ки ӯ сухан гуфт.

Дуо қисми муҳими ҳаёти Исо буд. Дар Марқӯс 1:35 мо мехонем. **Субҳи дигар, хеле бармаҳал ӯ хеста, берун рафт ва ба ҳилватгоҳе расида, дар онҷо дуо гуфт.** Рӯзе пеш ӯ хеле банд буд, вале Исо камтар хоб кард ва ӯ тавонист барвақттар хеста машғули дуо шавад. Агар ӯ чунин дуо кард, мо бояд камтар кунем?

Дар *Луқо* 16:12 мо мехонем: Дар он айём ӯ барои дуо гуфтан ба фарози кӯҳе баромад ва тамоми шаб ба Худо дуо гуфт. Баъзе вақтҳо Исо лозим донист, ки тамоми шаб дуо гӯяд. Калимаҳои «дуо кардан» ва « дуо» дар ҳамбастагӣ бо Исо дар Чор Инҷил қариб 25 маротиба истифода шудааст, ва дуогӯии ӯ дар ҷойҳое истифода шудааст, ки ин калимаҳо нестанд. Исо вақт ва қувваи зиёдеро ба дуо дод. ӯро пайравӣ карда, имондор низ бояд чунин кунад.

Дар бораи ҳаёти дуогӯи Исо, ки дар Юҳанно 17 омадааст дақиқтар мулоҳиза кунед.

Ин танҳо муқаддима барои рӯҳонияти бузурги дуои ҳимоятгарой аст, ки баъди эҳёшавӣ хоҳад омад. Рӯҳонияти давомдор ва мавҷудбудаи Исо дар Румиён 8:34 дида мешавад.

Ин Масеҳ аст- Масеҳе, ки мурдааст, вале боз эҳё шудааст? Оё ӯ ки ба ямини Худо нишастааст? Оё ӯ, ки дар ҳаққи мо шафоат мекунад. Тарҷумаи Шоҳ Ҷеймс чунин аст, «Ҳамчунин касест ки барои мо шафкат мекунад».

Аъмоли кунунии Исо дар Ибриён 7:25 кушоду равшан нишон дода шудааст. Ва ҳамин тариқ ӯ, ҳозир ва ҳамеша қодир аст, онҳоеро наҷот диҳад, ки ба василаи ӯ ба Худо омадаанд, чунки ӯ то абад бо дархост намудани онҳо аз Худо зиндагӣ мекунад.

Исо барои шогирдонаш дуо кард. ӯ ҳоло ҳам барои пайравонаш дуо мекунад. Пеш аз оне, ки ӯ барои онҳо дар Юҳанно 17 дуо кард, ӯ барои Худаш дуо кард.

<u>Исо барои худ дуо кард (Юҳанно 17:1-5)</u>

Барои худ дуо кардан худситоӣ нест. Танҳо он вақте, ки имондор бо Худо дар бораи худаш сухан кунад, ӯ метавонад бо Худо дар бораи дигарон сухан кунад.

Исо нисбати худ ду хоҳиш карда буд. Ҳар ду дархост бо ҷалол алоқаманд буданд. Калимаи ҷалол дар ин ҷо шояд ба маънои баланд бардоштан, эҳтиром кардан ва бузург кардан омадааст.

**1. Дархост барои ҷалол дар салиб (17:1).**

Исо гуфт, ки ҳатто дар марги бераҳмона, метавонад эҳтиром ва ҷалол ёбад.

**2. Дархост барои ҷалол дар эҳёшавӣ (17:5).**

Исо интизори вақте буд, ки ӯ метавонист ба назди Падар баргардад. Доимӣ будани Исо дида мешавад, чун ӯ гуфта буд: Бо ҳамон ҷалоле, ки пеш аз ҳастии олам назди Ту доштам.

Исо пеш аз офариниши олам вуҷуд дошт. ӯ офарида нашуд. ӯ абадӣ аст.

Дар ояти 3 ҳаёти абадӣ муайян шудааст. Ва ҳаёти ҷовидонӣ ин аст, ки Туро, ки Худои ягонаи ҳақиқӣ ҳастӣ ва Исои Масеҳро, ки фиристодӣ, бишносанд.

Натиҷаи доштани ҳаёти ҷовидонӣ дар ояти 4 дида мешавад. Имондор ҷалоли Худоро дар Замин нишон медиҳад ва кореро, ки Худо ба ӯ додааст ба итмом мерасонад.

Исо ба Падар итоат мекард. Пас ӯ дар салиб ва эҳёшавӣ тавонист ҷалолро талаб кунад (Ояти 4). Асоси дигари ин дархостҳо он буд, ки Исо мехост Падарро ҷалол бахшад (Ояти 1).

Иcо барои пайравонаш дуо мекунад (17:6-19)

Исо ҳангоме, ки бо Падар дар бобати пайравонаш сӯҳбат кард, ӯ сифати онҳоро ба ӯ муаррифӣ кард. Суханҳои мусбати Исоро қайд намоед. ӯ суханро бо он сар накард, ки чӣ тавр онҳо заиф ҳастанд. Ин суханҳои ситоиш дар оятҳои 6-8 ба чашм мерасанд. Онҳо аз они Ту буданд… Онҳо ба каломи ту итоат мекунанд. Онҳо медонанд… Онҳо инро пазируфтанд… Онҳо медонанд, ки ин ҳақ аст… Онҳо имон доранд, ки Шумо Маро фиристодед. Ягон гапи бад дар бораи пайравонаш нест. Оё ин барои рӯҳбаланд кардан, таъкид кардани некӣ дар одамон ва баланд бардоштани онҳо, сабақ нест?

Исо вобаста ба пайравонаш се дархост карда буд.

1. **Онҳо бояд як бошанд (17:11).**

Исо рафтанӣ буд. Ҷаҳон имондоронро таъқиб хоҳад кард. Васваса хоҳад омад. Дар дӯстии нумӯъёфтаи имондорон онҳо ба фишор дучор хоҳанд шуд. Фикрҳо, ақидаҳо ва амалҳои гуногун мавҷуд хоҳанд дошт.

Исо медонист, барои он ки онҳо як бимонанд ба онҳо кӯмак зарур аст, барои ин ӯ аз Худо ёрмандӣ пурсид. Китоби Аъмол ошкор мекунад, ки дар рӯзҳои аввали калисо дуоҳои Исо ҷавоб дода мешуданд. Иттифоқ сифати асосии имондорони нахустин буд.

Асоси иттифоқи одамони Худо ин як будани Худо мебошад (17:11).

2. **Исо дархост карда буд, ки шогирдон бояд аз бадӣ дур бошанд (17:15).**

Исо аз таҷрибаи шахсии худ, ҳаққоният ва қувваи Шайтонро медонад (Матто 4).

Ҳар масеҳӣ ҳадафи Шайтон ҳаст. Танҳо як чиз- масеҳии дуогӯй метавонад Шайтонро тарсонад.

Павлус қудрати Шайтонро медонист. Дар Эфсӯсиён 6:10-20 Павлус масеҳиёни Эфсӯсиёнро дар бораи шайтон хабардор мекунад. Имондорон бояд аз Шайтон огоҳӣ дошта бошанд, ва ҳаррӯза дуо кунанд то ин ки ба васваса муқобилат кунанд.

Касе гуфта буд, ки шайтон туро ташвиш надодааст, чунки ӯ аллакай туро ба даст даровардааст. ӯ ба шогирдони худ ҳеҷ коре надорад, чунки ӯ онҳоро дар даст дорад.

3. **Исо дуо кард, ки шогирдонаш ҷудо хоҳанд шуд (17:17).**

Исо на танҳо дархост кард, ки шогирдони ӯ муқаддас хоҳанд буд, балки онҳо барои хизмат ба ҳар ҷо пароканда хоҳанд шуд. Онҳо масъули он чизе ҳастанд, ки Исо сар карда буд. Худо Исоро ба замин фиристод, ки вазифаашро ба ҷо орад, ҳамчунин, Исо шогирдонашро ба ҷаҳон фиристод, то ин ки вазифаашро иҷро намоянд (17:18).

Ин се арзнома ё дархост ба ҷои шогирдон дар барномаи тавбабахшии Худо

вобаста буд. Онҳо бояд аз ҳуҷуми Шайтон эмин бошанд, онҳо бояд аз раванди табии аз ҳам ҷудошавӣ эмин бошанд, онҳо барои рӯҳоният ба асбоби махсус ниёз доранд. Исо барои тайёр кардани ин дархостҳо сабабҳо дошт.

1. **Шогирдон ба Худо тааллуқ доранд (17:6-10).**

2. **Шогирдон ба давраи эҳтиёҷот рӯ ба рӯ шуданд**

**(17:11-14).**

3. **Шогирдон вазифае доштанд, ки бояд иҷро кунанд (17:18).**

<u>Исо барои имондорони оянда дуо кард (17:20-24).</u>

Арзнома барои имондорони оянда ба се арзномае, ки ба ёздаҳ нафар карда буд, монанд буд.

1. **Исо барои иттифоқ миёни пайравони оянда дуо кард (17:21-23).**

Ин иттифоқ танҳо ба имондорон дахл дорад. Барои имон асоси Библиявӣ нест, ки дар миёни ҳамон одамон иттиҳод бошад. Ҳукуматҳо дар орзӯи ин ҳастанд, вале ин ҳаргиз намешавад. Танҳо имондори аз нав тавлидёфта метавонад намуди ваҳдатеро, ки Исо барои он дуо карда буд фаҳмида гирад.

Худо интизори ваҳдат дар миёни одамонаш аст. Дар миёни халқҳо, дар калисо, дар хона, ваҳдат барои имондорон муқаррарист.

<u>Исо барои ҷалоли ояндаи масеҳиён дуо кард (17:24).</u>

ӯ хоҳише дошт, ки ҳамаи имондорон як рӯз бо ӯ дар ҷалол хоҳанд буд. Ҳар замоне, ки имондор вафот мекунад ин дуо ҷавоб медиҳад.

Дар дуоҳояш Исо аз худ сар карда буд, пас ӯ барои эҳтиёҷоти шогирдони бо ӯ буда дуо кард, сипас ӯ барои шогирдони оянда дуо кард. ӯ аз он сар кард, ки онҳоро Худо интихоб кардааст. ӯ бо проблемаҳои ҳаёти ҳозира сару кор дорад, ҳамчунин бо вазифае, ки бояд иҷро шавад. ӯ бо он хотима мебахшад, ки ҳамаи имондорон бояд ҷалоли осмониро бо ӯ бо ҳам бинанд.

Масеҳӣ барои эҳтиёҷоти шахсӣ дуо мекунад, вале бисёр вақт дуоҳояш ба дигарон бахшида мешаванд.

Ҳангоме ки шумо беморбинӣ наметавонед, шумо метавонед барояш дуо кунед.

Ҳангоме, ки Шумо бародарро хор мешуморед, шумо бояд барои ӯ ва барои худаш дуо кунед.

Ҳангоме, шумо ҳис мекунед, ки пешвои рӯҳонии шуморо танқид мекунанд, барои вай дуо кунед.

Ҳангоме, ки шумо барои дигарон дуо мекунед, онҳо дигар хоҳанд шуд. Бештар аз ин шумо низ дигар мешавед.

Кай шумо дуо мекунед? Чанд муддат шумо дуо мекунед? Барои чӣ шумо дуо мекунед?

Ҳатто чун шогирдони пеш, барои масеҳиёни ҳозира низ зарур аст, ки рӯйрост гӯянд, «Худованд, дуо карданро ба мо биомӯз?».

<u>Ин фасл имрӯзҳо барои мо чӣ маънӣ мебахшад?</u>

1. Мо бояд барои дигарон дуо кунем.

2. Барои пешвои рӯҳониат ҳар рӯз дуо кун. Барои аъзоёни камфаъоли калисо дуо кун. Барои беморон дуо кун. Барои наҷотнаёфтагон дуо кун.

3. Мо бояд баракати Худоро пурсем, ки ба василаи ин баракатҳо Худо ҷалол хоҳад ёфт (17:1).

4. Дар бораи одамон чизи хубе бигӯй (17:6-8).

5. Оё шумо бо бародарон ва хоҳарон дар имон иттифоқ меҷӯед?

Агар шумо бо касе дар иттифоқ  нестед, бираввед ва корҳоро дуруст намоед.

6. Мо фиристонда шудем, ки вазифаамонро амалӣ намоем. Ҳар имондор бояд рӯҳонӣ бошад, то ки эҳтиёҷоти дигаронро иҷро кунад.

7. Кай шумо дуо мекунед? Чанд дақиқаро шумо ҳар рӯз сарфи дуо мекунед?

**Оят барои аз ёд: Юҳанно 17:3.**

## ЮҲАННО 18

**Нақша**

1. **Дастгир кардани Исо (Юҳанно 18-1-12).**

2. **Муҳокимаи динӣ (18:13-14, 19-24).**

   A. Исо дар пеши Ҳонон (18:13-14, 19-23).

   B. Исо дар пеши Қаёфо (18:24).

3. **Инкори Петрус Исоро (18:15-18, 25-27).**

## 4. Муҳокимаи шаҳрвандӣ дар пеши Пилотӯс (18:28-40).

### Шаби инкор

Ҳодисаҳои фаслҳои 13-17 дар Ерусалим ба вуқӯъ пайвастанд. Исо ва шогирдонаш Ерусалимро тарк карда ҷониби кӯҳи Зайтун равона шуданд. Онҳо сӯи боғи шинос, ки Ҷатсамонӣ ном дошт равон шуданд.

Оромии шаб бо садои паи аскарони омадаистода халалдор шуд. Ҳангоми аз рӯди хурди Кидрӯн гузаштан чароғҳои милт-милт-сӯхтаистодаи онҳо дар ин шаб рақс мекарданд. Ин гурӯҳ хеле хуб ташкил дода шуда буд. Аскарҳо румиён буданд ва посбонони ибодатгоҳ яҳудиён буданд. Фармон аз тарафи саррӯҳониён ва фарисиён омада буд. Аскарон мусаллаҳ буданд ва ба муқобилият омада буданд.

Сарвари гурӯҳи аскарон шахси шинос буд: ин Яҳудо буд. Тасвири мукаммали хиёнати Яҳудоро дар Луқо 22 ва Матто 26 метавон дид.

Яҳудо ба ин одамон гуфта буд, ки онҳо одамеро дастгир кунанд, ки вай ӯро бо бӯсааш шинос мекунад.

Вақте ки Исо омадани онҳоро дид, мақсадашонро фаҳмид. Чун онҳо наздик шуданд, Исо ба пешвозашон баромад ва пурсид, ки онҳо киро ҷустуҷӯ доранд. Онҳо ҷавоб доданд: «Исои Носириро».

Исо ҷавоб дод, «Ман ҳастам». Калимаи «ӯ» дар забони аслии юнонӣ ёфт нашудааст. ӯ изҳор кард, ки ӯ Исои Носирия аст вале ӯ изҳор кард, ки ӯ бештар аз инсон аст «МАН ҲАСТАМ» яке аз номҳои Яҳво (номи аслии Худо ба забони

арабӣ) дар Аҳди Қадим мебошад.

Ин ваҳйи пурқудрат аст. Бидуни яроқ ё артиш, Исо даъвое кард, ки ҳатто барои аскарон ҳам гарон буд. **Онҳо ақиб-ақиб рафтанд ва ба замин афтиданд (18:6).**

Исо боз пурсид «Шумо киро ҷустуҷӯ доред?» Онҳо боз ҷавоб доданд, «Исои Носириро». Исо боз он суханҳоро истифода бурд. «Ман ҳастам». Сипас ӯ гуфт «**Пас маро ҷустуҷӯ мекунед, бигзоред инҳо биравaнд**». Ду чизро мулоҳиза кунед. Исо тайёр буд, ки ба азобҳои дар пеш буда ва дар салиб рӯ ба рӯ шавад, ва ҳатто замоне, ки Исо бо шиканҷа рӯ ба рӯ шуд, ӯ дар бораи дигарон фикр мекард. ӯ дар бораи бехатарии шогирдонаш андеша мекард. Бисёр одамон дар бораи бехатарии шахсии худ фикр мекарданд.

Петрус то кунун табиати илоҳии Малакутро дарк накарда буд. Шояд ӯ хатарро интизор буд, барои ҳамин ӯ бо худ шамшер гирифт. Ҳангоми кӯшиши ҳимояи Исо ӯ гӯши одамро бурид. Исо ба Петрус гуфт, ки шамшерро ба як сӯ монад. *Луқо* мегӯяд, ки Исо гӯши он одамро шифо бахшид (*Луқо* 22:51). Дар Ояти 11, оиди хоҳиши ӯ, ки ӯ тайёр аст дар ҳар куҷое ки набошад азобу шиканҷа бинад, гап меравад.

Муҳаббат ва амнияти Наҷотдиҳанда ҳангоми дастгир кардани ӯ дида мешавад. ӯ қобилияти андешакуниро аз даст надода буд. ӯ медонист, ӯ кист ва ба куҷо равона аст. Чун ӯ инро иҷозат дод, ӯ бори аввал аз тарафи инсон баста шуд.

Яҳудо комилан Исоро инкор намуд.

Нигоҳи дақиқтар ба ин шаби охирони ҳаёти заминии Исо бисёр саволҳоро ба миён овард. Исо дар муҳокимаҳо ҳақиқати инкоршуда буд.

Исо дар пеши Ҳонон (18:13-14, 19-23).

Ҳонон пештар рӯҳонии калон буд. Ин норӯшан аст, ки Чаро Исоро аввал ба пеши Хонон оварданд, ҳол он ки домодаш Қаёфо саррӯҳонӣ буд. Ҳонон одаме буд, ки таъсири зиёд дошт ва пуштибонии ӯ дар чунин кори таввакалӣ ва муҳим- чун кори Исо зарур буд.

Петрус Исоро инкор мекунад (18:15-18)

Петрус ва Юҳанно аз паси Исо то хонаи саррӯҳонӣ рафтанд. Чун Петрус он қадар маълум набуд, дар беруни дарвоза истод. Юҳанно, ки ӯро саррӯҳонӣ хуб медонист дохили ҳавлӣ шуд. Баъдтар ӯ омад, то ки Петрусро бо худ гирад.

Чун онҳо дар пеши дарвоза сӯҳбат мекарданд, духтаре Петрусро пурсид, ки оё ӯ яке аз шогирдони Исо набуд. Петрус гуфт, ки ӯ набуд. Ин якумин бор буд ки Петрус Исоро инкор карда буд (Луқо 22:54-62). Петрус баъдтар ба назди оташ рафт ва назди посбонон ва хизматгорон нишаст. Бешубҳа ӯ беқарор буд, чунки ӯ беимонони атрофи оташро нақз намедид, вале ӯ инкор кард, ки ӯ шогирди Исо буд. Он замон ӯ танҳо буд.

Боз дар хона (18:19-23)

Исо бо як мазҳакае рӯ ба рӯ шуд, ки онро маҳкамаи динӣ номиданд ва ӯ дар пеши марде буд, ки дар ҳақиқат саркоҳин набуд.

Исоро аз таълимоташ пурсон шуданд. ӯ гуфт, ки ҳамаи таълимоташ кушода иҷро шуд. ӯ изҳор намуд, ки саркоҳин дар бораи ягон таълимоти бардурӯғ шаҳодат медиҳад. Албатта саркоҳин инро карда наметавонист, ва ӯ аз қазаби мардум метарсид. Исо дар миёни омма маълуму машҳур буд. ӯ гуфт ки ягон кори нодурусти ӯро ном баранд. Боз саркоҳин хомӯш монд, чаро ки ӯ муқобили Исо ягон чизи махсусе надошт.

Ҳонон Исоро ба назди Қаёфо, саркоҳини ҳаққонӣ фиристод (18:24). Исо дар пеши Қаёфо дар Матто 26:27 муфассал нишон дода шудааст.

Дар берун ҳоло ҳам дар назди оташ истодаанд

(18:25-27)

Чун онҳо дар атрофи оташ сӯҳбат мекарданд, касе ба Петрус гуфт, «Оё шумо яке аз шогирдони Исо нестед? Петрус боз гуфт, «Не, ман нестам».

Сипас хеши он одаме, ки Петрус гӯшашро бурида партофт, гуфт ки «Оё ман шуморо бо ӯ дар боғ надидам?» Бори сеюм Петрус инкор кард, ки ӯ Исоро намедонад. Дар Луққо 22:62 нақл мекунанд, чун Петрус дарёфт, ки пешгӯии инкори Исоро иҷро намуд, ба берун баромада сахт гирист.

**Аз инкори Петрус бояд се чиз омӯхта шаванд:**

1. Масеҳӣ метавонад Исоро инкор кунад, вале ин ба ӯ қами бештаре меорад.

2. Масеҳие, ки бештари вақтро бо беимонон мегузаронад, ба васвасаи инкори Исо гирифтор мешавад.

3. Ҷиддӣ ба забон нагирифтани номи Исо, инкори ҳақиқии Исо мебошад. Чун чизе барқалат аст ва шумо номи Исоро ҳамчун ифодаи носазо ба забон овардед ин инкори Исо аст.

4. Ба Масеҳ шаҳодат наовардан инкори ӯст.

5. Пеш аз оне, ки Петрусро маҳкум кунем лаҳзае таваққуф кунем ва андеша кунем, кӣ дар инкори Исо гуноҳ кард?

6. Петрус барои гуноҳаш тавба кард.

<u>Исо дар пеши Пилотус (18:28-40)</u>

Яҳудиён дар зери ҳукмронии Румиён буданд. Танҳо Румиён қудрат доштанд, ки ошкоро касеро ба марг маҳкум кунанд ва онро ба амал бароранд.

Бе истироҳат, баъди шаби ҳастакунанда, Исо ба қасри ҳукумат оварда шуд.

Яҳудиён ба хонаи юнониён (қайри яҳудиён) ворид нахоҳанд шуд, чунки онҳо аз олуда шудан бо гуноҳ метарсиданд. Онҳо дар иҷрокунии маросимҳо хеле эҳтиёткор буданд, вале онҳо аз он, ки Писари Худоро куштанд, парвое надоштанд. Ин ҳоло ҳам ҳақиқат аст. Маросимҳои калисо дар хотир нигоҳ дошта шуданд, вале ахлоқ баъзан фаромӯш шудааст. Пилотус кӯшиш кард, яҳудиёнро маҷбур кунад, ки онҳо доварӣ кунанд, вале онҳо фақат ҷавоб доданд «Ба мо иҷозат нест, ки касеро қатл кунем» (18:31). Пилотус ба дарун даромад ва ба пурсидани Исо шурӯъ намуд.

Пилотус аввал Исоро пурсид, ки магар ӯ Подшоҳи яҳудиён аст. Исо инкор накард, ки ӯ Подшоҳ буд. ӯ табиати малакутро тасвир намуд. Дар ояти 36 Исо мегӯяд, ки Малакути ӯ ин олам нест. Бо ин ӯ гуфтанӣ аст, ки Малакути ӯ қувва ва тавоноиро аз ин олам намегирад, мақсад ва вазифаҳои ӯ аз ин олам нестанд. Малакуте, ки ӯ Подшоҳи он буд дар табиати худ илоҳӣ буд. Онро бо қудрати ҳарбӣ наметавон назорат кард, балки ба василаи муҳаббат, ки натиҷаи итоаткорӣ аст.

Исо мақсади ба замин омадани худро чунин изҳор кард. ӯ дар ояти 37 гуфт: Ман барои он таваллуд ёфтаам ва барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам.

Чун Пилотус ҳақиқатро шунид, ӯ суол доданро давом дод. «Ҳақиқат чист?» Исо дар он ҳолате ҷавоб дод, ки ӯ гуфта буд: «Ман ҳақиқат ҳастам». (Юҳанно 14:6).

Пилотус берун баромад ва ба яҳудиён гуфт, ки дар Исо ҳеҷ гуноҳе наёфт. Пилотус сиёсатмадори ҳақиқӣ буд. ӯ роҳи дурӣ ҷустан аз хулосаи зидди Исо андеша мекард. Дар айёми иди Фисҳ барои Яҳудиён одат буд, ки якчанд

бандиро озод кунанд. Румиён илтимоси онҳоро ҳар сол ичро мекарданд. Пилотус фикр кард, ки Исо метавонад яке аз ин озодшудагон бошад. Яҳудиён талаб карданд, ки ҷоратгаре бо номи Баррабос озод карда шавад.

Тамоми шаб Исо бо инкор рӯ ба рӯ шуд. Яҳудо ӯро комилан инкор кард, ба ӯ хиёнат кард, ва тавба накард, барои ин ӯ мурд.

Петрус ӯро се бор инкор кард вале тавба кард ва зист.

Адолат ва марҳамати умум ӯро инкор карданд.

Пилотус ҳақиқатро дид ва шунид, вале онро инкор кард.

Барои онҳое, ки Исоро инкор карданд сулҳу осоиштагӣ, шодию хурсандӣ ва пирӯзӣ нест. Баъзеҳо ҳозир бо пайравӣ накардани Исо ӯро инкор мекунанд. Бисёриҳо имон доранд, вале итоат намекунанд. Ин имони масеҳӣ нест, ин инкор аст.

ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд пазироед. Тамоми паҳлӯҳои ҳаёти худро ба ӯ таслим намоед. Ояндаи шумо аз хулосаи шумо вобастагӣ дорад. «Лекин ҳар ки маро дар назди мардум инкор кунад, Ман низ дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, инкор хоҳам кард».

(Матто 10:33)

<u>Ин фасл имрӯзҳо ба мо чӣ маънӣ дорад?</u>

1. Азобу шиканҷаро бояд ботоқатона паси сар кард.

2. Дар ҳаёт ба пул мақоми аввал додан ба харобӣ меорад (Яҳудо).

3. Петрус фикр мекард, ки ӯ қавӣ аст (Юҳанно 13:37-38), вале ӯ пешпо хӯрд. Ҳангоме, ки ёри мо пешпо мехӯрад, мо бояд ба ӯ ёрӣ диҳем.

4. Вақте ки Исо дар тамоми ҳаёт дар мақоми аввал нест, ӯ инкор мешавад.

5. Ба мисли таҷрибаи Пилотус, ҳар инсон бояд бо ду суол рӯ ба рӯ шавад: «Ҳақиқат чист?» ва «Ман бо Исо чӣ хоҳам кард?»

**Оят барои аз ёд кардан.**

**Юҳанно 18:38 Б.**

## ЮҲАННО 19

<u>Нақша</u>

**I . Исо дар пеши Пилотус (Юҳанно 19:1-16).**

**II. Исо дар салиб чормех шуд (19:17-27).**

А. Ҷой: Ҷолҷолто (19:17).

В. Навиштаҷоте дар салиб (19:19-23).

С. Аскарон ба либоси Исо қуръа партофтанд (19:23-24).

Д. Пешгӯии Исо барои тасаллои Марям (19:25-27).

**III .Марги Исо.**

**IV. Марги итминон дода шуда- паҳлӯи Исо сӯрох карда шуд (19:31-37).**

**V. Дафни Исо (19:38-42).**

**Биё, салибро бубин**

Чун ба воситаи чашмони Юҳанно дида мешавад, илтимос мекунам одамон ва ҳодисаҳои теппаи Калвариро аз назар гузаронед.

Исо 33 сол дошт. ӯ писари дуредгари камбақал буд. ӯ ҳеҷ мактабро ба итмом

нарасондааст. ӯ худписандӣ намекард, ки сайёҳи ҷаҳон аст. ӯ дар ҷогаҳи тоза таваллуд нашуд, балки дар оқил чашм ба дунё кушод. Кабраш оддӣ буд, дар ҷамъияти имрӯзаи мо, Исоро ҳамчун пешвои арзанда эътироф нахоҳанд  кард.

Ҳамзамон чизе дар бораи Исо буд, ки диққати  мардумонро ба худ ҷалб мекард. Миқдори кам ӯро дӯст медоштанд, вале бисёриҳо марги ӯро мехоҳанд.

## Исо ва Пилотус

Пилотус ҳокиме буд, ки қудрати ба ҷо овардани қонунҳои Румро дошт. Румиён бо хоҳиши доштани сулҳу осоишӣ машҳур буданд. Ҳар касе, ки кӯшиши барканор кардани ҳукуматро дошт, сари роҳаш дошта мешуд. Сараввал яҳудиён Исоро барои фитна бар зидди Румиён маҳкум карданд. Баъде, ки Пилотус Исоро пурсуҷӯ кард, ин гуноҳ бардошта шуд. Пилотус гуфт, «Ман айбе ба  маҳкум  кардани ӯ наёфтам» (19:6).

Яҳудиён ӯро барои Худро Писари Худо гуфтан гуноҳкор карданд (Юҳанно 19:7).

Ҳангоме, ки Пилотус инро шунид, ӯ шитобкорона Исоро боз ба даруни қаср даровард. ӯ Исоро пурсид, ки ӯ аз куҷо омада буд. Пилотус медонист, ки ӯ аз Ҷалил омада буд. Суоли ӯ оиди хонаи заминии Исо набуд.

Пилотус талабҳои Исоро шунида буд. Ва имон оварданро рад кард. Акнун, вақте ки Пилотус Исоро дар бобати зиндагиаш пурсид, Исо ҷавоб надод. Мавридҳое ҳастанд, ки масеҳӣ  маҷбур нест, ки ба суолҳо  йавоб гӯяд. Беимонҳо наметавонанд, корҳои Худоро бифаҳманд, Барои ҳамин ягона пайқоми мувофиқ барои беимон ин заруррият ва василаи наҷотёбӣ аст. Кӯшиши ба гурӯҳи беимонон фаҳмондани Сегона дар пеши хук пошидани марворид аст.

Исо ба саволи Пилотус ҷавоб надод.

Пилотус одами ҳиссиёти омехтадор буд. ӯ хост Исоро озод кунад, вале дӯстӣ бо оммаи халқ барояш муҳимтар буд (19:12).

Яҳудиён фаҳмиданд, ки Пилотус намехоҳад Исоро маҳкум кунад. Онҳо далели охиринро ба кор бурданд, «Агар ӯро озод кунӣ, дӯсти қайсар нестӣ» (Ояти 12). Пилотус медонист, ки чӣ дуруст аст, вале ӯ иҷозат дод, ки мардум ҳаёти ӯро идора кунанд.

Чунин корҳо имрӯз низ ба амал меоянд. Баъзан барои ҳоким тарафи Исоро гирифтан номуносиб аст. Вале баъзан ҳукуматдороне пайдо мешаванд, ки худро ба иҷрои он, ки чӣ дуруст аст бахшидаанд, ҳатто агар фишори умумӣ бар зидди он бошад. Барои Пилотус, ақидаи мардум аз ҳақиқат боло буд, ҳамин тариқ Пилотус абадан дар хотирҳо хоҳад монд.

### Исо дар салиб чормех карда шуд

Бисёр тафсилоти маслубкунӣ дар Аҳди Қадим пешгӯӣ шудааст. Аҷиб мешуд, агар баъзе Навиштаҷотро аз назар гузаронем: Хуруҷ 12:46, Рақамҳо 9:12, Забур 34:20, Хуруҷ 34:24. Такрори шариат 21:22, Забур 69:21.

Дар Забур 22 тасвири аниқи пайғамбаронаи маслубкунӣ омадааст. Аскарон барои либосҳои Исо қуръа партофтанд (Ояти 18). Роҳгузарон ба ӯ нешханд заданд (Ояти 7). Мардум дар атрофи салиб ҷамъ шуданд ва ба ӯ таъна мезаданд (Ояти 12). Онҳо дастҳо ва пойҳои ӯро сӯрох карданд (Ояти 16), ва ҳаёти ӯ чун об баромад (Ояти 14). ӯро дар рӯи салиб то он дараҷае, ки устухонҳояш шумурда шавад дароз карданд (Оятҳои 14, 17). Дар Матто 27:41-43 саркоҳин ва нависандаҳо аз Забур иқтибос овардаанд (22:7-8). Баъди маргаш онҳо

дарёфтанд, ки ҳатто дили ӯ пора шудааст (Забур 22:14).

Ҷои маслубкунӣ дар беруни шаҳри Ерусалим воқеъ гардида буд. Теппа «Ҷои косахонаи сар» номида мешуд. Ин ном аз ду сарчашма омада метавонист. Ин ҷои маълуми қатлрасонӣ буд ва эҳтимол дар атроф косахонаҳои сари бисёре парешон буданд. Сабаби дигари эҳтимолии ном аз намуди теппа омадааст. Бо ғорҳое, ки дар паҳлӯи теппа буданд, онро ба косахона монанд мекунанд.

Писари Комили Худо дар байни ду қоратгар ҷой дода шуда буд. Дар болои сари Исо Пилотус ҷое барои нишона монда буд. Эҳтимол барои хор кардан ва ришханд кардан, дар тахтача «Шоҳи яҳудиён» навишта шуда буд. Ин Яҳудиёнро ранҷонд, чунки Исо шоҳи онҳо набуд.

Пилотус шояд инро барои ба дом афтондани яҳудиён, маҳкумкунии Исо карда буд. ӯ дигар кардани нишонаро рад кард.

Дар рӯҳи идона ва ҳирс, аскарҳо қуръа партофтанд, то ки бубинанд, ки соҳиби куртаи Исо мешавад.

<u>Исо ва модари ӯ (Юҳанно 19:25-27)</u>

Исо диққаташро ба гурӯҳи хурди пайравонаш, ки дар назди салиб истода буданд, гардонд. ӯ бо модараш ва Яҳё сухан кард. Исо фаҳмид, ки Марямро ҷамхорӣ мекунанд ва ӯ ба Яҳё гуфт, ки ӯро ба хонааш бурда ба ӯ чун ба модари худ муносибат кунад. Исо писари калонии Марям буд. ӯ аз ҳама масъулияти зиёд дошт, ки ба модараш ёрӣ диҳад. Юсуф шояд аллакай вафот карда буд. Ҳамчун Исо ба Марям гуфт, ки ба Яҳё ҳамчун ба писар муносибат кунад.

Ба Ояти 26 таваҷҷӯх  намоед, ки ҳангоме Исо бо модараш сухан кард ӯро зан номид. Ҷон Калвин изҳор кард, ки Исо бо чунин восита ба Марям муроҷиат кард то ин ки ӯро ва моро аз нафрати Мариолатру наҷот диҳад. Калисои католикии Рум Марямро «Модархудо» ва «Маликаи Осмон» номид. Аз ин аъмол тамоми ақидаҳо такмил ёфтанд, «Мафҳуми беайб», меомӯзад, ки Марям худаш бе ягон гуноҳ ба дунё омадааст, «Бокирагии абадии Марям» ки мақоми табии модарии ӯро рад мекунад (Дар Библия дар Матто 13:55-56 омадааст, ки Исо бародарон бо номҳои Яқуб, Яҳудо, Юсуф ва Шимъун ва хоҳарон дошт. Ҳамчунин ақидаи динии «тахмини Марям» вуҷуд дорад, ки мегӯяд, ӯ нафавтидааст, балки зинда ба Осмон рафтааст. Дар баъзе аз ин ақидаҳо Марям аз Исо боло, ба ӯ монанд ва бо дигар роҳҳо нишон дода шудааст.

Дар расми Микеланҷело «Доварии охирон», ки дар девори калисои хурди Систин дар Ватикани Рум мебошад, Исо дар зери Падар бо Марям дар паҳлӯяш тасвир шудааст.

Шубҳаи камест, ки Исо дар тамоми умраш Марямро модар номидааст. Ягона сабте дар рӯҳонияти ошкорои ӯ нест, ки ӯ Марямро модар номидааст. Қайд кардан аҷиб аст, ки баъди таъмиди Исо, танҳо Юҳанно ягона нависандаи Инҷил нишон додааст, ки Исо ба модараш ҳеҷ муроҷиате накардааст. Юҳанно менависад, ки Исо танҳо як бор ба модараш муроҷиат кардааст, ва ӯро зан номид.

<u>«Ман ташнаам» (19:28)</u>

Ин иҷрошавии пешгӯӣ  дар Забур  69-21 ва Забур  22:15 мебошад.

Исо шаби дардноки маҳкамаро паси сар кард. ӯ хаста ва ташна буд. Бешубҳа азобу шиканҷаи болорафта ташнагии ӯро зиёд кард.

Танҳо вақте буд, ки мубориза бо пирӯзӣ анҷом пазируфт, Исо барояш сабукӣ талаб кард. Ин садои пирӯзӣ буд. Мусобиқа бо ғалаба ба анҷом расид. Ҳоло ӯ ташна буд.

Ин ҳамчунин инсон будани Исоро ошкор мекунад.

<u>«Иҷро шуд!» (19:30)</u>

Исо бисёр суханҳои муҳим гуфтааст, вале ин суханҳо аз ҳама муҳимтар ҳастанд. Кори ба анҷомрасидаи Исо дар Ибриён 7:27, 10:12, 9:25-27 кушоду равшан тасвир шудааст.

Ҳаёти заминии Исо ба итмом расид. Азобу шиканҷаҳояш анҷом пазируфтанд. Қурбонӣ тамом шуд. Нақшаи наҷоти инсоният хотима ёфт. Ваҳйи ниҳоии Худо анҷом пазируфт.

Вақте, ки Исо фарёд кард, ки «Иҷро шуд» ӯ дар бобати иҷро шудани нақшаи Худо барои наҷоти инсон сухан гуфт.

Яке аз гуноҳҳои бузурги инсон ва калисо ин кӯшиши илова кардан бо оне, ки Худо тамомшуда номид, мебошад.

Мувофиқи Библия Исо як бор ва барои ҳама фавтид. Як қурбонӣ кофӣ буд.

Одамон ба фаҳмидани суханҳои Исо намерасанд, «Иҷро шуд!» ин ҳангоме ки онҳо талабҳои худро низ барои наҷотёбӣ илова мекунанд. Онҳо кори хубро

ҳамчун талаб илова мекунанд. Ин номумкин аст, ки инсон ба василаи кори хуб наҷот ёбад. Наҷотёбӣ дар салиб хотима ёфт. Ягон чизе, ки инсон ба ҷо овардан метавонад, ин пазируфтани ин ато мебошад. Агар инсон Исоро ба василаи имон қабул менамояд тарзи ҳаёташ дигаргун мешавад. Корҳои хуб табиатан хоҳанд омад. Бе кӯшиши ба воситаи қувваи хеш ба наҷот ноил шудан, кӯшиш кун, ки дар ҳама чиз ба Исо боварӣ кунқ иҷро шуд. Он ба дубора сохтан ва андеша эҳтиёҷ надорад. Исо барои ту ва ман вафот кард. Маргаш барои шахсе, ки ӯро ҳамчун одами хуб эҳтиром мекунад, бемаънӣ аст. Марги Исо маъно дорад, чунки ӯ зинда аст. Онҳое, ки барои наҷот ба ӯ боварӣ доранд ва худро комилан ба ӯ таслим мекунанд ҳамчунин зиндагӣ хоҳанд кард.

## Ин фасл имрӯзҳо барои мо чӣ маънӣ дорад?

1. Мо бояд барои сипосгузорӣ ба Наҷотдиҳанда ба мисли Исо сари таъзим фурӯ орем.

2. Исои Масеҳ аз ҳамаи ҳукуматҳо ё гурӯҳҳои динии ҷаҳон муҳимтар аст.

3. Тавоноии ҳақиқӣ аз тарафи Худо мебошад (Юҳанно 19:10-11).

4. Ҳирсе, ки қиморро ҳосил мекунад сабаби он мешавад, ки инсон Наҷотдиҳандаро фаромӯш мекунад, он вақт ва акнун (19:23-24).

5. Дар бораи Марям ҳамчун «Модари Худо» фикр кардан бутпарастӣ аст.

6. Суханҳои «Иҷро шуд» маънои онро дорад, ки Худо ҳамашро ба ҷо овард. Ӯ барои инсон роҳи наҷот дод. Ин гуноҳ аст агар барои фарзанди Худо шудан, корҳои дигарро ба мисли таъмид илова кунем.

**Оят барои аз ёд кардан. Юҳанно 19:30.**

**ЮҲАННО 20**

Нақша

**I. Қабри холӣ (Юҳанно 20:1-10).**

**II. Исо худро ба Марями Маҷдалия зоҳир кард (20:11-18).**

**III. Зоҳиршавии Исо ба шогирдонаш (20:19-23).**

**IV. Зоҳиршавии Исо ба Тумо (20:24-29).**

**V. Мақсади Инҷили Юҳанно (20:30-31).**

**Аз мағлубият то раҳоӣ**

Дар бобати рӯзи Ҷумъа ҳангоме, ки Исо вафот кард, дар фикри пайравонаш ягон чизи хуб набуд. Онҳо мағлубият ва ноумедиро ҳис карданд. Онҳо ба зарбаи ноумедӣ дучор шуданд, ки Исо ҳақиқатан метавонад вафот кунад. Онҳо ба раҳоӣ бахшидани яҳудиён, ки зери юғи румиён буданд ба ӯ умед баста буданд.

Ҳарчанд шогирдон ва дигарон, ки дар гирди салиб буданд дар муносибати ботаҳаммул ва раҳму шафқати Исо дар пеши марги даҳшатангез мутаҳайир буданд, онҳо эҳёшавиро интизор набуданд. Салиб орзуҳо ва умедҳои онҳоро парешон кард.

Ҳиссиёти мағлубият имрӯзҳо низ кушоду равшан ба чашм мерасад. Рӯзи Ҷумъаи Хуб дар баъзе ҷойҳо рӯзи муҳим аст ва дар ин рӯз одамон худро дар салиб чормех мекунанд, то ин ки маслубшавиро нишон диҳанд. Тӯдаи зиёди одамон роҳравон, бо чароғҳо аз паси нимтанаи Исои беҷон, бо нимтанаи Марям дар наздикӣ меистанд. Ҳамаи корҳои давлатӣ баста мешаванд. То субҳи рӯзи Шанбе ҳама анҷом меёбад. Ноумедии беҳуда инъикос меёбад ҳангоме, ки одамон дар бораи Исои Салиб, чун дар салибҳои атрофи гарданашон, бо Исои то кунун дар салиб андеша карданро давом медиҳанд.

Дар бисёр ҷойҳои ба ин монанд, вақте ки Рӯзи Якшанбе фаро мерасад ҷашнгирӣ ба охир мерасад. Корҳои давлатӣ шурӯъ мешаванд ва зиндагӣ ба маҷрои муқаррарӣ бармегардад. Одамон ба хотир намеоранд, ки дар рӯзи Якшанбеи баъди рӯзи маслубкунӣ Исо аз қабр баромад, то ин ки абадан зиндагӣ кунад.

Танҳо он вақте, ки эҳёшавӣ маънии нави пирӯзиро мегирад, Одамон масеҳиёни

ҳақиқӣ хоханд шуд, ки аз мағлубият ба раҳоӣ омада буданд.

Агар касе танҳо ба маслубкунӣ умед дорад, ӯ ягон умед надорад. Ин ягон имони махсус намегирад то ин ки мо боварӣ ҳосил кунем, ки Исо дар салиб вафот кард: дигарҳо мурданд. Калиди пирӯзӣ ва раҳоӣ дар имон овардан бо он, ки Исо ҳақиқатан ҳам аз болои марг ғалаба кард, мебошад. Ҳарчанд ӯ вафот кард (ӯ ҳақиқатан ҳам вафот кард) ӯ, бо қувваи Худ ба зиндагӣ баргашт.

Бисёр одамон Буддо, Конфусия, Чарл Тейз, Ҷозеф Смит ва дигаронро пайравӣ мекунанд. Ин одамон ҳама мурдаанд ва мурдагӣ ҳастанд. Ман пайравии танҳо як нафарро интихоб кардам, ки пирӯзӣ  аз болои маргро нишон дод. Ин-Исои Масеҳ  аст.

Бубинед, чӣ хел ӯ эҳё шуд ва пайравонашро аз чуқурии ноумедӣ ба баландиҳои раҳоӣ овард.

Барои Марями Маҷдалия, Худованди эҳёшуда маънои раҳоӣ аз қаму андӯҳи ноумедӣ аст (Юҳанно 20:1-18).

Ин муҳим аст, ки занон охирин шуда ҷои салибро тарк гуфтанд ва аввалин шуда  ба қабр  омаданд.

Марями Маҷдалия бо занҳои дигар  ба сари  қабр омад. ӯ барои он дар ин ҷо хотирнишон шудааст, ки ӯ мавзӯи Инҷили Юҳанноро равшантар тасвир мекунад. Дар Инҷил чунин навишта шудааст, ки одамон ба Наҷотдиҳанда будани Исо эътиқод оранд (20:31). Ин Марям зани хеле гуноҳкор буд, ки Исо дар ҳаёташ даромада ва ӯро пок кард. Ба василаи ӯ Марям тағйир ёфт. Акнун марги он касе, ки барояш бисёр корҳо кард, ӯро мутаҳайир сохт.

Марями Маҷдалия хеле барвақт субҳи Якшанбе ба сари қабр омад. ӯ дарёфт кард, ки санги калони пеши дари қоре, ки ҷисми Исо он ҷо буд, аз ҷояш дур шудааст. ӯ фавран ин хабарро ба Яҳё ва Петрус расонд. ӯ фикр кард, ки касе ҷасадро дуздидааст.

Яҳё ва Петрус ба сари қабр давиданд. Яҳё ба дарун нигоҳ кард ва кафанро дид. Петрус ба дарун нигоҳ кард, то яқин донад, ки Исо рафтааст. Кафан дурустакак, покиза дар ҷое гузошта шудаанд, на он хеле, ки касе шитобкорона ҷасадро дуздидааст.

Ин ду шогирд боварӣ доштанд, ки ҷасадро дуздидаанд, онҳо боварӣ надоштанд, ки Исо эҳё шудааст. Чун мақлубшудагон, Петрус ва Яҳё ба хона баргаштанд.

Вале Марями Маҷдалия, ки аз ашк чашмонаш кӯр шуда буданд, дар назди қабр монд. Гӯё ӯ боварӣ надошт, ки ҷасад нест, ӯ боз ба қабр нигоҳ кард. Ду фариштаи, дар ҷои ҷасади Исо нишаста ӯро пурсон шуданд, ки чаро ӯ гиря карда истодааст. Баъд ӯ ба атроф нигоҳ кард ва тавассути ашкҳо дар ин рушании субҳи барвақт Исоро дид, вале ӯро нашинохт. Исо сабаби гиряи ӯро пурсон шуд. ӯ фикр кард, ки Исо боқбон аст, ва Марям пурсид, ки ҷасад ба куҷо қайб зад.

Исо ӯро бо номаш –«Марям» фарёд кард. Баъд ӯ фаҳмид ки ин Исо буд. ӯ гирист ва гуфт: «Раббонӣ»- яъне «Устоди бузурги ман».

Пайқоми Писҳо барои Марям сулҳу осоиш буд. Барояш маънои Писҳо раҳоӣ аз маъюсию ноумедӣ буд. Дар байни қам ва танҳоӣ, Исо назди ӯ аст. ӯ моро бо номҳоямон ҷеқ мезанад: мо танҳо нестем.

Дар ояти 17 Исо ба Марям гуфт, «Бирав ва бигӯ». Вақте ки мо мефаҳмем, ки Исо ҳақиқатан ҳам зиндагӣ мекунад ва ӯ дар ҳаёти мо мебошад, мо низ рафта ин хабари хушро ба дигарон хоҳем гуфт.

Барои Тумо, Худованди зинда маънои аз шубҳа раҳоӣ ёфтанро дорад (20:24-29).

Бегоҳии ҳамон рӯз шогирдон дар хонае дар Ерусалим пинҳон шуда буданд. Онҳо диданд, ки яҳудиён бо пешвои онҳо чӣ карданд ва акнун онҳо метарсанд, ки онҳоро низ хоҳанд кушт.

Исо зоҳир шуд ва онҳоро бо каломи сулҳ салом дод. Тумо ҳузур надошт. (Дар вохӯрӣ ҳузур надоштан барои фарзандони Худо маънои аз даст додани баракатро дорад). Чун дар бораи зуҳуршавии Исо нақл карданд. Тумо ба он бовар накард. ӯ ба мисли зиёиёни сохтаи ҳозира буд, чаро ки ӯ гуфта буд, «То бо чашмони худ набинам, бовар намекунам».

Якшанбеи оянда Тумо низ дар вохурӣ ҳузур дошт. Исо боз зоҳир шуд, ва боз саломи ӯ «Сулҳ» буд. ӯ фавран бо Тумо сухан гуфт, ки ин назари Исоро ба сӯи одамоне, ки шубҳа доранд ва имон надоранд нишон медиҳад. Диққати ӯ ба Тумо ва эҳтиёҷоти ӯ буд. ӯ аз Тумо хоҳиш кард, ки захмҳои меххоро ламс кунад. Исо гуфт «Беимон набош, балки имон дошта бош».

Тумо тезакак имон овард ва ӯ гуфт: «Эй Худованди ман ва эй Худои ман».

Эътирофи Тумо низ барои омӯхтан ба мо, ки Исо одами оддӣ набуд муҳим аст. Ба ӯ ҳамчун ба Худо муроҷиат кард ва ӯ Туморо барои чунин муроҷиаткуниаш сарзаниш накард. ӯ иҷозат дод, ки  ҳамчун Худованд ва ҳамчун Худо парастиш карда шавад.

Бисёр одамон зидди Исо ҳастанд чунки онҳо таълим медиҳанд, ки Исо аз Худо пасттар аст. Ҳеҷ кас бо қувваи худ аз қабр баъди марг набаромада буд. Хушбахт онҳое ҳастанд, ки қобил ҳастанд бе дастрасонӣ, дидани ӯ ба Худои Зинда имон оварданд (Юҳанно 20:29).

Эҳёшавӣ ҳаёти шогирдонашро дигар кард. Аз тӯдаи тарсӯён

яку-якбора баъди мамоти Исо, онҳо ба Инҷилнависони шӯълаваре мубаддал гаштанд ва Хабари Хушро паҳн карданд. Бисёре аз онҳо барои имон ба Худованди Зинда ҷонашонро аз даст доданд.

Чун одати масеҳиёни нахустин, мо низ ҳар Якшанбе рӯзи Худованди эҳёшударо ҷашн мегирем. Рӯзи маслубшавӣ танҳо он вақт маъно дорад агар мо муҳим будани рӯзи Якшанберо ҳамчун Рӯзи Худованд, рӯзи эҳёшавӣ дуруст фаҳмем.

Он ҷое, ки Исо зиндагӣ мекунад, қам ва шубҳа дур ҳастанд. Оё ӯ дар дили шумо, дар ҳаёти шумо, дар рӯзи Якшанбе ва ҳар рӯзи ҳафта зиндагӣ мекунад?

Ин фасл имрӯзҳо барои мо чӣ маъно дорад?

1. Рӯзи маслубшавӣ муҳим аст, агар мо муҳим будани эҳёшавиро дарк кунем.

2. Агар Исо то ҳоло мурда аст, пас умед нест.

3. Масеҳии ҳақиқӣ Исоро дар салиб намемонад.

4. Агар касе салибро дар гардан овезон кунад, муҳим аст, ки салиб холӣ бошад.

5. Вақте  инсон имон дорад, ки Исо зинда аст, ӯ низ ба монанди Марями Маҷдалия ва Тумо парастиш мекунад.

6. Барои он ки Исо зиндагӣ мекунад, мо бояд биравем ва ба дигарҳо гӯем.

7. Худованди зинда ҷавобест ба қам ва шубҳа.

8. Ҳар масеҳӣ аз тарафи Худо вазифае дорад, ва он бо оне ки Исо пазируфт монанд аст (20:21).

**Оят барои аз ёд. Юҳанно 20:21.**

# ЮҲАННО 21

<u>Нақша</u>

**I .  Исо ба ҳафт шогирди худ зоҳир шуд (Юҳанно 21:1-4).**

**II.  Исо ва Петрус (21:15-19).**

**III. Исо ва Яҳё (21:20-24).**

**IV. Хулоса**

**Муҳаббати ҳақиқӣ**

Калимаи «Муҳаббат» чунон бад ба маънои дигар ба кор бурда ва бад истеъмол шудааст, ки маънои аслиашро қариб гум кардааст. Барои бисёр одамон, муҳаббат бештар шавқу завқи ҷисмонист, ки барои иштиҳои ҷисмонӣ ба кор бурда мешавад. Иштиҳои ҷисмонии беназоратро метавон муҳаббат номид, ва ин ба монанди он муҳаббатест ки як саг нисбати саги дигаре дорад.

Худо инсонро аз ҳайвон олитар кард. Ӯ аз одамон нисбати саг чизҳое бештаре интизор аст. Инсон берун аз муносибати зинда бо Худо наметавонад муҳаббати ҳақиқиро донад.

Библия мегӯяд, ки Худо муҳаббат аст. Исо барои нишон додани Муҳаббати Худо ва ошкор кардани он ки, чӣ тавр аъмоли муҳаббат ҳақиқӣ аст, омад. Юҳанно 3:16 ояти классикиест, ки дар он дар бобати он ки, чӣ тавр аъмоли муҳаббат ҳақиқӣ аст, гуфта шудааст. Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар ки ба ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.

Ин оят ҳикояте дар бораи муҳаббати ҳақиқӣ аст. Ин амале буд, ки дар фикраш нисбат ба худбузургкунӣ ё беҳтаркунӣ бештар хайри дӯстдоштаро доро буд. Муҳаббати ҳақиқӣ иваз ё пардохтро талаб намекунад. Бисёр одамон дигарҳоро барои он ки дигарҳо ба онҳо кори хуб кардаанд «дӯст» медоранд. Ин муҳаббати ҳақиқӣ нест.

Бисёр одамон дигарҳоро бо он «дӯст» медоранд, ки фоидаҷӯии бахшандаро баланд мекунад ва шаъни пазирандаро паст мекунад.

Муносиб аст бигӯем, ки Инҷили Юҳанно бо тасвири муҳаббати ҳақиқӣ дар амал наздик аст. Мавзӯи асосии Инҷили Юҳанно ошкор намудани муҳаббати ӯро ба василаи Исо, Писар мебошад.

Лаҳзае муносибати Петрусро бо Исо аз мадди назар мегузаронем. Ин ҳама аз он сар шуд, ҳангоме ки Исо аз Петрус хоҳиш кард, ки ӯро пайравӣ кунад, чунончӣ дар Матто 4:19-20 сабт шудааст. Исо ба онҳо гуфт: «Маро пайравӣ кунед, ва Ман шуморо сайди мардум гардонам». Дарҳол онҳо тӯрҳои Худро монда, аз паи ӯ равона шуданд. Дар Матто 26:33 Петрус Исоро оиди садоқати худ итминон медиҳад. Петрус дар ҷавоби ӯ гуфт: «Агар ҳама дар ҳаққи Ту ба васваса афтанд ҳам, ман ҳаргиз намеафтам».

Петрус дар бораи муҳаббати худ нисбати Исо рӯирост буд. ӯ итминони комил

дошт, ки ҳатто агар дигар шогирдон саркаш бошанд ҳам ӯ нахоҳад буд. Баъди ин изҳороти Петрус дар бораи ниятҳои некаш Исо ӯро огоҳ кард. Исо ба вай гуфт: «Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки дар ҳамин шаб, пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард. Петрус ба ӯ гуфт: «Ҳатто агар то мурданам лозим ояд, Туро инкор намекунам». Ҳамаи шогирдон низ ҳамчунин гуфтанд (Матто 26:34-35).

Петрус он шаб Исоро се бор инкор кард. Дигар шогирдон ӯро тарк карданд.

йавоби Исо чӣ хоҳад буд? Петрус беимон буд, оё Исо ӯро фаромӯш кард? Муҳаббати ҳақиқӣ чӣ тавр амалӣ хоҳад гашт?

Акнун ба ин саҳнаи охирини Баҳри Ҷалил биёед. Исо ба шогирдонаш ваъда дод, ки онҳоро дар ҳамин ҷо хоҳад вохӯрд (Матто 26:32, 28:10). Ин ҷои ором буд, ки касе онҳоро ташвиш нахоҳад дод.

Чунин ба назар мерасид, ки шогирдон аз интизорӣ хаста шуданд: онҳо ба моҳигирӣ рафтанд. Онҳо муддати тӯлонӣ ҳеҷ сайде ба даст наоварданд. Субҳи барвақт овози шахси ношиносе, ки аз болои об қадам зада омада истода буд, аз муваффақияти онҳо пурсон шуд. Ҳарчанд шогирдон Исоро, ки дар соҳил истода буд, нашинохтанд, онҳо ба овози ӯ итоат карданд, то ки тӯри моҳиро ба тарафи дигар партоянд. Танҳо баъди ба даст овардани сайди калон иборат аз 156 моҳии калон шогирдон фаҳмиданд, ки марди дар соҳил буда Исо буд. Яҳё яке аз аввалинҳо буд, ки ӯро шинохт. Онҳо сӯи соҳил барои вохӯрӣ бо Исо шитофтанд. Петрус ҳатто ба он интизор нашуд, ки киштӣ ба соҳил бирасад, ӯ худашро ба об партофт. Як сабақе, ки аз ин моҳигирӣ омӯхта мешавад, он аст, ки ҳангоме ки имондорон дастурҳои Исоро дастгирӣ мекунанд, пас аз он муваффақиятҳо хоҳанд омад.

Дар атрофи оташи зақоли чӯб, аъмоли муҳаббати ҳақиқиро бубинед.

Баъди хӯрдани хӯроки субҳ, Исо дарҳол ба Петрус сӯҳбат оғоз кард. Далели он, ки Исо бештар бо Петрус сӯҳбат мекард маҳбубиятро ошкор намекунад. Петрус ягона буд, ки яқинан Худовандро инкор карда буд.

Исо боре гуфта буд, «На тандурустон, балки беморон ба табиб ҳоҷат доранд» (Матто 9:12). Ин дурӯғи маҳз аст, вақте ки волидон ба фарзандонашон мегӯянд «Худо шуморо дӯст хоҳад дошт, агар шумо хуб бошед».

Баъзеҳо мегӯянд ё изҳор менамоянд, Худо онҳоеро, ки одамони бад ҳастанд, дӯст намедорад. Петрус гуноҳи калон кард. Исо намоиш дод, ки аз сабаби мавҷудияти гуноҳ муҳаббати ҳақиқӣ қатъ намешавад. Гуноҳ дили Худоро мешиканад, ӯ гуноҳро чашми дидан надорад, вале бо вуҷуди ин ӯ гуноҳкорро дӯст медорад.

Исо гуфтаи Петрусро ба хотир овард, ки ҳатто агар шогирдони дигар ӯро тарк кунанд, ӯ то мурдан содиқ хоҳад монд. Бо мақсад, Исо Петрусро пурсид, «Шумо маро аз инҳо бештар дӯст медоред?».

Се бор Петрус Исоро инкор кард. Се бор Исо Петрусро пурсид ки оё ӯ Исоро дӯст медорад. Бо чунин муҳаббати амиқаш, Исо ба Петрус имконияти баргаштан, барои тавба ва иқрор шуданро дод.

Одатан дар ин порча зада дар он муҳаббате, ки Петрус нисбати Исо дошт гузошта мешуд. Вале Петрус қодир буд, изҳор кунад ки ӯ Исоро танҳо барои муҳаббати бузургтареро доро буданаш дӯст дошт. Ҳарчанд ӯро инкор кард, Исо Петрусро дӯст медошт.

Муҳаббати ҳақиқӣ мустақим аст ва марбут ба мавзӯъ ва дар айни ҳол мулоим

аст.

Исо дар бораи обу ҳаво ва суолҳои амиқи фалсафӣ сухан нагуфт. Ӯ рост ба нуқтаи асосӣ пардохт. Муҳаббат асос аст: ҳамаи чизҳои дигар муҳим нестанд, агар муҳаббат ҳақиқӣ нест.

Пешвоёни масеҳӣ оиди проблемаҳои миёни аъзоёни калисо, набудани шавқу ҳавас, сустӣ дар омӯзиш, ва қафлаткорӣ дар ҳузур нақл мекунанд. Барномаҳое ҳастанд, ки барои аз байн бурдани ин проблемаҳо ба кор бурда мешаванд. Проблемаи асосӣ, ки проблемаҳои дигар аз он ҳосил мешаванд, ин набудани муҳаббат нисбати Исо мебошад. Ин сабаби он буд, ки Исо мустақиман ба нуқтаи асосӣ оиди муҳаббат пардохт. Роҳеро, ки Исо аз Петрус оиди муҳаббат пурсид, қайд намоед.

Ояти 15-ро бо чунин тарз тафсир додан мумкин аст. «Шимъӯн, Писари Юнус, оё Шумо маро аз шогирдони дигар дида бештар дӯст медоред? Ӯ чунин посух дод «Бале, Худованд, Ту медонӣ, ки ман дӯстат ҳастам». Исо гуфт, «Барраҳои маро бичарон».

Бори дуюм Исо Петрусро пурсид, «Оё ту маро дӯст медорӣ?» Боз Петрус бо чунин роҳ ҷавоб дод «Ту медонӣ, ки ман дӯстат ҳастам». Исо гуфт: «Гӯсфандони маро бичарон». Бори сеюм Исо Петрусро пурсид: «Петрус, ту ҳақиқатан дӯсти Ман ҳастӣ?» Петрус онро ҳис карда гуфт, «Худовандо, Ту ҳама чизро медонӣ, Ту медонӣ, ки ман рафиқи Ту ҳастам!». Баъд Исо ба ӯ гуфт, «Ба гӯсфандони ман қамхорӣ кун»,

Исо ва Петрус ду калимаи гуногунро, ки маънояш муҳаббат ҳаст истифода бурданд, вале онҳо сифатҳои гуногуни муҳаббат мебошанд. Ин ду калима дар забони Юнонӣ «agape» ва «philio» мебошанд. «Agape» ҳамон калимае аст, ки барои муҳаббат дар Юҳанно 3:16 ба кор бурда шудааст. Ду бори аввал Исо гуфт, «Оё ту Маро дӯст

(agape) медорӣ?». Ин навъи муҳаббати Худо муҳаббати ҳақиқӣ ҳаст. Петрус бо калимаи дигар барои муҳаббат- «philio» ҷавоб дод. Ин дӯстиро дар назар дорад ва на монанди он муҳаббатест (agape) ки мегӯяд « Ман барои ту ҷонамро фидо хоҳам кард».

Ду бори аввал Исо гуфта буд, «Оё ту маро ба қадри кофӣ дӯст медорӣ, ки бароям ҷонатро фидо кунӣ?» йавоби Петрус на бештар аз он лофе буд, ки ӯ пештар гуфта буд. ӯ ба таври оддӣ гуфта буд. «Худовандо, ман рафиқи Ту ҳастам».

Сифати муҳаббати ҳақиқӣ дар суоли сеюм ба чашм мерасад. Ҳангоми суол додан, Исо акнун он калимаҳоеро истифода мекунад, ки Петрус дар посуххояш ба кор мебурд. Петрус мегуфт, Худованд, Ман дӯсти

(philio) Ту ҳастам. Бори сеюм Исо пурсид, «Петрус, ту ба ростӣ дӯсти Ман ҳастӣ?».

Сифати муҳббати ҳақиқӣ чунин аст: Ин инсонро аз он ҷое, ки ҳаст мегирад, ва ӯро ба ҷое ки бояд бошад роҳнамоӣ мекунад. Исо навъи муҳаббат ( philio ), дӯстии Петрусро пазируфт ва ӯро ба сӯи муҳаббати амиқтар ( agape) ҳидоят намуд. Ин муҳаббати ҳақиқиест, ки инсонро қодир месозад барои Худовандаш хурсандона ҷонашро бидиҳад. Баъдтар Петрус айнан чунин кард.

Муҳаббати ҳақиқӣ, чуноне, ки дар Исо дида мешавад, инсонро аз ҷое, ки ӯ ҳаст мегирад ва ӯро ба ҷое, ки бояд бошад мебарад-ҳама вақт боварӣ бо он дорад, ки инсон маъсулият дорад. Исо ба Петрус гуфт, «Муҳаббати худро ба Ман ба василаи дӯст доштани одамони Ман исбот намо».

Муҳаббати ҳақиқӣ шахси масъулро озод намекунад. Муҳаббати ҳақиқӣ метавонад тавоноӣ ва масъулиятро ба одамони дигар бахшад. Муҳаббати ҳақиқӣ метавонад, ба шахсони масъул боварӣ кунад, ҳатто агар онҳо норасоӣ

дошта бошанд. Исо Петрусро дӯст медошт, ӯ Петрусро барои иҷрои вазифа ба пеш фиристод.

Петруси пешпохӯр ва инкоркун ба Петруси устувор, пурқувват дар Пентекост табдил ёфт-чунки Исо ӯро дӯст медошт. Исо ба ӯ бо кораш боварӣ кард ва ӯ онро ба ҷо овард.

Худо метавонад моро бигирад, бо хатоҳо ва нокомиҳо ва агар мо ба ӯ таслим шавем- моро истифода мебарад. Ба пешаш бираведа ва рӯйрост бигӯед, «Худо ман метавонам бигӯям, ки чуноне, ки Ту маро дӯст медорӣ ман низ Туро дӯст медорам, вале ман дӯсти Ту ҳастам. Илтимос маро истифода кун».

Ин фасл имрӯз ба мо чӣ маъно дорад?

1. Ҳангоме, ки ба фармонҳои Исо итоат карда мешавад, ҳосил гирифта хоҳад шуд (Юҳанно 21:6).

2. Танҳо мо гуноҳ дорем, агар калисои мо пешравӣ надошта бошад. Агар мо аз паси одамон, чуноне, ки Исо таълим медиҳад равем, якчанд моҳӣ (одамон) хоҳем капид. Баъзеҳо ҷое нишаста дар бораи доштани моҳӣ шикоят мекунанд, ҳол он ки онҳо ба моҳигирӣ машғул нестанд.

3. То чӣ андоза шумо Исоро дӯст медоред? Оё ин муҳаббати дӯстона

( philio) аст? Кадомаш аввал аст, коркунӣ ё бозӣ, хӯрдан ё хуфтан, омӯзиши Библия ё ибодат?

4. Мо бо онҳое, ки дӯст медорем сӯҳбат мекунем. Чанд вақт шумо бо Исо сӯҳбат мекунед?

5. Зарурати бузургтарини ҳаёти мо муҳаббати бузургтаре нисбати Исо ҳаст.

6. Вақте ки мо Исоро дӯст медорем, мо дигарҳоро низ дӯст хоҳем дошт.

7. Худо ба онҳое, ки дӯсташон медоранд, масъулият додааст, ҳатто агар ин муҳаббати суст бошад.

8. Оиди «Барраҳои»- фарзандони Худо, дар калисоҳои мо чӣ гап аст? Агар мо онҳоро дӯст медорем, мо онҳоро таълим хоҳем дод?

**Пеш аз анҷоми омӯзиши Юҳанно ин оятро аз ёд кунед. Юҳанно 21:18.**

**www.dardidil.com**